**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ВИЛОЯТИ СУҒД**
**МАҶЛИСИ ВАКИЛОНИ ХАЛҚИ НОҲИЯИ МАСТЧОҲ**

# ҚАРОР

аз 11 майи соли 2011 № 54 ш. Бустон

Дар бораи тасдиқи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Мастчоҳи вилояти Суғд барои солҳои 2011-2015

Мутобиқи моддаҳои 8, 9 ва 20-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» иҷлосияи панҷуми Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Мастчоҳ (даъвати IV)

## ҚАРОР МЕКУНАД:

**1.** Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Мастчоҳи вилояти Суғд барои солҳои 2011-2015 тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

**2.** Муовини аввали раиси ноҳия, муовинони раиси ноҳия, роҳбари Дастгоҳи раиси ноҳия, мудири бахши иқтисод ва савдои мақомоти иҷрои ҳокимияти давлатии ноҳия, роҳбарони ташкилоту муассисаҳои ноҳиявӣ, раисони ҷамоатҳои деҳоти ноҳия ва сардорони хоҷагиҳои деҳқонӣ (новобаста ба шакли моликияташон) дар амалӣ намудани Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Мастчоҳ барои солҳои 2011-2015 дар ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд, агентиҳои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату кумитаҳо, идораю муассисаҳои дахлдор, созмонҳои байналмилалӣ, фондҳои маблағгузор, ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва соҳибкорони ватанию хориҷӣ тадбирҳои мушаххас андешанд.

**3.** Сардори Раёсати молияи ноҳия ва мудири бахши иқтисод ва савдои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия ҳамасола дар таҳияи буҷети ноҳия иҷроиши самараноки Барномаи мазкурро ба эътибор гиранд.

**4.** Муовини аввали раиси ноҳия вазифадор карда шавад, ки аз рафти иҷрои Барномаи мазкур ҳар сол моҳи декабр дар иҷлосияи Маҷлиси вакилони халқи ноҳия ҳисобот манзур намояд.

**5.** Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи комиссияи доимии Маҷлиси вакилони халқи ноҳия «Оид ба масъалаҳои буҷет, сохтмон, савдо, нақлиёт, алоқа, меҳнат ва хизмати коммуналӣ» ва муовинони раиси ноҳия вогузор карда шавад.

**Раиси Маҷлис** **А. Ҳикматов**

Барномаи мазкур бо дастгирии техникии «Барномаи рушди иқтисоди деҳот», ки аз ҷониби БРСММ, Ташкилоти ҳамкории байналмиллалии Олмон ва Департаменти Британияи Кабир оид ба рушди байналмиллалӣ маблағгузорӣ мегардад, таҳия шудааст.

*1. Арзиши Барномаи рушди иқтисодию иҷтимоии ноҳияи Мастчоҳ барои солҳои 2011-2015 дар буриши соҳаҳо*

| | Ҳамагӣ | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Блоки иқтисодӣ | 29512 | 5902,4 | 5902,4 | 5902,4 | 5902,4 | 5902,4 |
| Саноат | 4300 | 860 | 860 | 860 | 860 | 860 |
| Кишоварзӣ | 25082 | 5016,4 | 5016,4 | 5016,4 | 5016,4 | 5016,4 |
| СХМ | 130 | 26 | 26 | 26 | 26 | 26 |
| Эҳтиёҷот ба маблағгузорӣ | 16822 | 3364,4 | 3364,4 | 3364,4 | 3364,4 | 3364,4 |
| Блоки иҷтимоӣ | 32449 | 7469,6 | 6201,8 | 6386,1 | 6209 | 6182,5 |
| Тандурустӣ | 2473,6 | 480,2 | 486,2 | 506,2 | 513,7 | 487,2 |
| Маориф | 2596,1 | 1513,5 | 239,4 | 404,4 | 219,4 | 219,4 |
| Ҳифзи иҷтимоӣ | 3186,5 | 637,3 | 637,3 | 637,3 | 637,3 | 637,3 |
| Фарҳанг | 24193 | 4838,6 | 4838,6 | 4838,6 | 4838,6 | 4838,6 |
| Эҳтиёҷот ба маблағгузорӣ | 19469,4 | 4481,8 | 3721,1 | 3831,6 | 3725,4 | 3709,5 |
| Инфрасохтор | 25511 | 5487,5 | 5005,85 | 5005,85 | 5005,85 | 5005,95 |
| ХМК | 420 | 84 | 84 | 84 | 84 | 84 |
| Обтаъминкунӣ | 10637 | 2512,7 | 2031,05 | 2031,05 | 2031,05 | 2031,15 |
| Барқтаъминкунӣ | 2086 | 417,2 | 417,2 | 417,2 | 417,2 | 417,2 |
| Нақлиёт ва алоқа | 12368 | 2473,6 | 2473,6 | 2473,6 | 2473,6 | 2473,6 |
| Эҳтиёҷот ба маблағгузорӣ | 12755,5 | 2551,1 | 2551,1 | 2551,1 | 2551,1 | 2551,1 |
| Муҳити зист | 1475 | 295 | 295 | 295 | 295 | 295 |
| Эҳтиёҷот ба маблағгузорӣ | 885 | 177 | 177 | 177 | 177 | 177 |
| Таъминоти захиравӣ | 4750 | 950 | 950 | 950 | 950 | 950 |
| Эҳтиёҷот ба маблағгузорӣ | 2850 | 570 | 570 | 570 | 570 | 570 |
| ҲАМАГӢ: | 93697 | 20104,5 | 18355,1 | 18539,4 | 18362,3 | 18335,9 |
| ЭҲТИЁҶОТ | 52781,9 | 11144,3 | 10383,6 | 10494,1 | 10387,9 | 10372 |

*2. Маблағгузории Барномаи Рушд аз рӯи сарчашмаҳои маблағгузорӣ*

| Сарчашмаҳо | Ҳамагӣ | % аз арзиши умумӣ | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Буҷети маҳаллӣ | 15000 | 16,0 | 3000 | 3000 | 3000 | 3000 | 3000 |
| Буҷети ҷумҳуриявӣ | 18500 | 12,0 | 3700 | 3700 | 3700 | 3700 | 3700 |
| Сармояи дохилию хориҷӣ | 8152 | 8,7 | 3630,4 | 3630,4 | 3630,4 | 3630,4 | 3630,4 |
| Маблағҳои аҳолӣ ва худи корхонаҳо | 6559 | 7,0 | 1311 | 1312 | 1312 | 1312 | 1312 |
| Эҳтиёҷот ба маблағ | 52781,9 | 56,3 | 11144,3 | 10383,6 | 10494,1 | 10387,9 | 10372 |
| Ҳамагӣ: | 93697 | 100 | 20104,5 | 18355,1 | 18539,4 | 18362,3 | 18335,9 |

## Мурочиатномаи раиси Мастчоҳ ба аҳолии ноҳия

Мӯҳтарам шаҳрвандон!

Боиси саодат ва хушбахтии ҳар як сокини Тоҷикистони маҳбуб ва соҳибистиқлоламон аст, ки маҳз тахти сарварию ҳидояти хирадмандона ва сиёсати халқпарваронаи Президенти кишвар, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёти мамлакати мо, аз ҷумла ноҳияи Мастчоҳ давра ба давра ба комёбию музаффариятҳо соҳиб шудаистодааст.

Зеро, ҳамагон огаҳанд, ки Сарвари давлат дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии кишвар, ки худ барномаи мукаммали рушди ҳамаи соҳаҳост, яке аз самтҳои тараққиёти мамлакатро дар таҳияи барномаҳои иҷтимоию иқтисодӣ маънидод намуданд.

Аз ин лиҳоз, бо назардошти вазъи иҷтимоию иқтисодии кунунии ноҳия, мавҷудияти як қатор мушкилот бо истифода аз фурсати муносиб ба тамоми сокинони ноҳия мурочиат менамоям, ки ҷиҳати ибрози пешниҳодҳои худ дар таҳияи Барномаи стратегии рушди иқтисодию иҷтимоии ноҳияи Мастчоҳ дар давраҳои солҳои 2011-2015, кӯмаки худро дареғ надоранд. Зеро ҳар як андешаи ҷолиб ва воқеии шумо метавонад, ки сабаби расонидани фоидаи зиёд ба ин ё он соҳаи хоҷагии халқи ноҳия бошад.

Ҳадафи асосии Барномаи мазкур тавассути иштирок ва ҷалби бахши хусусӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ таъмини рушди иқтисодиёти ноҳия ба шумор рафта, татбиқи он ба беҳтар шудани вазъи истифодаи захираҳои маҳаллӣ, пешрафти иқтисодиёт, ҷалби сармоягузорӣ ва дар маҷмӯъ дар паст кардани сатҳӣ камбизоати таъсири мусбат мерасонад.

Аминам, ки фикру андешаи судманди мардуми заковатманд ва бо фарҳанги Мастчоҳ дар баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ манфиати зиёдро фаро меоварад.

Зеро ин мардуми шариф дар ҷавҳари ҳастии худ бисёр аҳли адаб ва мутахассисони варзидаи ҳамаи соҳаҳо, хоса олимони соҳаи иқтисод ва иҷтимоиро парварида, бо ин амал қобилияти волои интелектуалӣ ва зеҳнияти гирои инсонии худро бозгӯ намудааст.

Таҳияи Барномаи миёнамӯҳлати мазкур аз як ҷониб ифодаи саҳми бевоситаи сокинони Мастчоҳ дар нумуи ҳаёти имрӯзу фардо, аз ҷониби дигар таҷассуми эҳсоси масъулияти бузург аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия ва аз нигоҳи дигар марҳилаи сифатан нав ва таърихии ташаккули ноҳияи моро маънидод намуда, бори дигар ҳамагонро барои изҳори ақида, маслиҳат ва пешниҳод ба хотири иҷрои боз як барномаи мукаммалу ояндасоз даъват менамоям.

# Мундарича


**Муқаддима ........................................................................................................8**

**1. Шарҳи ҳолати умумии ноҳияи Мастчоҳ ......................................................9**
1.1. Сохтори маъмурӣ-ҳудудии ноҳия ..........................................................9
1.2. Тавсифи таърихиву фарҳангӣ.................................................................10
1.3. Шароит ва захираҳои табииву иқлимӣ...................................................10
1.4. Вазъи демографии ноҳия .......................................................................10
1.5. Тамоюлҳои асосии иқтисодиву ичтимоии ноҳия...................................11
1.6. Биниши рушди ноҳияи Мастчоҳ ............................................................12

**2. Таҳлили ҳолат ва тавсифи стратегия дар секторҳо ......................................14**
2.1. Иқтисодиёт ..............................................................................................14
2.1.1. Кишоварзӣ .............................................................................................14
2.1.2. Саноат ....................................................................................................21
2.1.3. Соҳибкории хурд ва миёна ...................................................................26
2.1.4. Стратегияҳо ва вазифахои бахши иқтисодиёт .....................................30
2.2. Иҷтимоиёт................................................................................................35
2.2.1. Тандурустӣ.............................................................................................35
2.2.2. Маориф ..................................................................................................38
2.2.3. Ҳифзи иҷтимоӣ......................................................................................43
2.2.4. Фарҳанг..................................................................................................46
2.2.5. Стратегия ва вазифаҳои сектори иҷтимоӣ............................................49
2.3. Инфрасохтор ............................................................................................55
2.3.1. Хоҷагии коммуналӣ ...............................................................................55
2.3.2. Энергетика .............................................................................................58
2.3.3. Стратегияҳо ва вазифаҳои сектори нақлиёт ва коммуникатсия ..........60
2.4. Ҳифзи муҳити зист ..................................................................................62
2.4.1. Экология ................................................................................................63
2.4.2. Стратегияҳо ва вазифаҳои сектори ҳифзи муҳити зист .......................64
2.5. Таъминоти захиравӣ ................................................................................67
2.5.1. Стратегия ва вазифаҳои сектори таъминоти захиравӣ.........................73

**3. Мониторинг ва арзёбӣ ......................................................................................74**

## Рӯйхати ихтисорот

| | |
|---|---|
| АХД | Ассотсиатсия хоҷагиҳои деҳқонӣ |
| БРСММ | Барномаи рушди Созмони Миллали Муттаҳид |
| БРН | Барномаи Рушди Ноҳия |
| ВАО | Воситаҳои ахбори омма |
| ВНМО | Вируси норасогии масъулияти одам |
| ВРИС | Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| DFID | Департаменти Британияи Кабир оид ба рушди байналмиллалӣ |
| GIZ | Агентии Олмон оид ба ҳамкории техникӣ |
| РИМ | Рушди иқтисодиёти маҳалл |
| ММШ | Моли майдаи шохдор |
| СРМ | Стратегияи рушди миллӣ |
| СПКСК | Стратегия паст кардани сатҳи камбизоатӣ |
| ПСМ | Партовaҳои сахти маишӣ |
| ТВ | Телевизион |
| КАТС | Кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ |
| СХМ | Соҳибкории хурд ва миёна |
| СММ | Созмони милали муттаҳид |
| ОАА | Онамнези авoризҳои акушерӣ |
| ТҒД | Ташкилоти ғайридавлатӣ |
| ҶСШК | Ҷамъияти саҳҳомии шакли кушода |
| ҶДММ | Ҷамъяти дорои масъулияташ маҳдуд |
| ҶСШП | Ҷамъияти саҳҳомии шакли пӯшида |
| ШТА | Шабакаи телефонии автоматикӣ |
| ЗБ | Зеристгоҳи баркӣ |
| ШКД | Шӯъбаи корҳои дохилӣ |
| ҚҲҶТ | Қарори Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон |

# Муқаддима

Барномаи ноҳияи Мастчоҳ барномаи рушди иқтисодиву иҷтимоии ноҳия башумор рафта дар асоси принсипи иштироки васеъи ҷомеаи шаҳрванди ва бахши хусусӣ ва бо назардошти ҳадаф, вазифаҳо ва афзалиятҳои барномаҳои дар сатҳи ноҳия қаблан қабулгардида таҳия карда шудааст. Дар раванди таҳияи барномаи мазкур мутахассисони соҳавии мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ, коршиносон ва пешвоёни ноҳия иштироки фаъол доштанд.

Барнома дар асоси Дастурамали таҳиянамудаи Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба таҳия ва татбиқи барномаҳои рушди шаҳру ноҳияҳо» тартиб дода шуда барои ноил гардидан ба Ҳадафҳои рушди ҳазорсола (ҲРҲ) ва дар сатҳи маҳаллӣ татбиқ намудани Стратегияи миллии рушди (СМР) то соли 2015, Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ (СПКСК) барои солҳои 2010-2012 ва инчунин Барномаҳои минтақавию соҳавии қабулнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон равона шудааст.

Барномаи мазкур ҳуҷҷати стратегии миёнамуҳлат буда, барои дурнамои панҷсола самтҳои асосии инкишофи иқтисодиву иҷтимоии ноҳияро бо назардошти имкониятҳо ва истифодаи самараноки захираҳо муайян менамояд.

Барнома барои мақомоти ҳокимияти давлатии ноҳия натанҳо роҳнамо, балки фишанги асосии таъмини иштироки васеи ҷомеаи шаҳрвандӣ, бахши хусусӣ дар раванди рушд ва ҷалби сармояҳои иловагӣ мебошад. Ҳуҷҷат аз қисмҳои зерин иборат аст:

***Қисми 1.*** Тавсифи мухтасар ва таҳлили ҳолати умумии ноҳия, аз ҷумла тамоюли рушди иқтисодию иҷтимои дар панҷ соли охир;

***Қисми 2.*** Таҳлил ва баҳодиҳии ҳолати ҷории ноҳияи Мастчоҳ дар бахшҳои асосӣ – иқтисодиёт, иҷтимоиёт, инфорасохтор, бехатарии муҳити зист ва инчунин стратегияҳои рушди соҳаҳои мазкур дар 5 соли минбаъда ва арзёбии захираҳои лозими барои татбиқи онҳо;

***Қисми 3.*** Тасвири низомҳои ташкил, татбиқ, мониторинг ва арзёбии барномаи рушди ноҳия.

# БОБИ I. ШАРҲИ ҲОЛАТИ УМУМИИ НОҲИЯИ МАСТЧОҲ

## 1.1. Сохтори маъмуривӣ – ҳудудии ноҳия

Ноҳияи Мастчоҳ яке аз ноҳияҳои хушманзараи Тоҷикистон мебошад. Ноҳия аз шимол бо вилояти Тошканди Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз шарқ ва ҷануб бо ноҳияи Б. Ғафуров ва аз ғарб бо ноҳияи Спитамени вилояти Суғд ҳамсарҳад мебошад. Масоҳати умумии ноҳия 4712,3 км$^2$-ро ташкил намуда, 18,5 фоизи масоҳати умумии вилоятро дарбар мегирад.

Маркази ноҳияи Мастчоҳ шаҳраки Бӯстон буда он аз маркази вилоят – ш. Хуҷанд дар масофаи 56 км ва аз шаҳри Душанбе дар масофаи 360 км воқеъ аст. Ба ҳайати ноҳияи Мастчоҳ 3 ҷамоат-шаҳрак ва 4 ҷамоат-деҳот дохил мешаванд, аз ҷумла ҷамоати шаҳраки Бӯстон, ҷамоати шаҳраки Такели, ҷамоати шаҳраки Қуруқсой, ҷамоати деҳоти Оббурдон, ҷамоати деҳоти Мастчоҳ, ҷамоати деҳоти Палдорак ва ҷамоати деҳоти Авзикент.

*Расми 1. Харитаи тақсимоти маъмуриву ҳудудии н. Мастоҳ*



### 1.2. Тавсифи таърихиву фарҳангӣ

Ноҳияи Мастчоҳ 5 декабри соли 1929 ташкил карда шудааст. Мувофиқи қарори Ҳукумати РСС Тоҷикистон бо мақсади ташкили ноҳияи пахтапарварӣ як қисми аҳолии ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ бо хоҳиши худ ба мавзеи Дилварзин н. Мастчоҳи ҳозира кучонида шуд ва дар асоси он ноҳияи Мастчоҳ расман дар ҳайати вилояти Ленинободи РСС Тоҷикистони 26 ноябри соли 1956 таъсис шуд. Аз соли 1966 то ҳол маркази маъмурии ноҳияи Мастчоҳ шаҳраки Бӯстон ба шумор меравад. Натиҷаҳои беҳтарини иқтисодиву иҷтимоии ноҳияи Мастчоҳ ба солҳои 1950-1990 асри гузашта рост меояд. Заминаи асосии инфрасохтори иҷтимоиву иқтисодии ноҳия маҳз дар ин давра ба вуҷуд омадааст.

### 1.3. Шароит ва захираҳои иқлимиву табиӣ

Ноҳияи Мастчоҳ дар қисмати шимолии водии Фарғона ва шарқии дашти Дилварзин аз сатҳи бахр дар баландии 250-600 метр ҷойгир шудааст. Ноҳия дорои иқлими хушки континенталӣ буда дар фасли тобистон хушк ва гарм ва дар зимистон нисбатан хунук мебошад.

Ҳарорати миёнаи ҳаво дар моҳи июл аз 24 $C^0$ то 40,5 $C^0$ дараҷа гарм ва дар моҳи январ аз -1 $C^0$ то -8 $C^0$ дараҷа мерасад. Меъёри миёнаи боришот дар як сол 180-200 мм ташкил менамояд. Ноҳия дорои заминҳои ҳосилхез буда, барои парвариши пахта, сабзавот, ғаладонагӣ, ангур, полезӣ, чорводорӣ мусоид буда ҳамзамон дорои захираҳои бойи табиист, аз ҷумла: тилло, сурма, волфрам, рӯҳ, ашёи хом барои истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ семент ва оҳаксанг мебошад.

### 1.4. Вазъи демографӣ

Аҳолии ноҳия ба 1 январи соли 2011, 102,3 ҳаз. нафарро ташкил намуд, ки аз он 50,1 ҳаз. нафарашон ё 48,9 фоиз занҳо мебошанд. Шумораи умумии хоҷагиҳои хонавода ноҳия 14523 оила мебошанд.

*Ҷадвали 1. Шумораи аҳолӣ ва хоҷагиҳои аҳолии ноҳияи Мастчоҳ*

| Ҷамоатҳо | Шумораи хоҷагиҳои аҳолӣ | Шумораи аҳолӣ |
|---|---|---|
| Бӯстон | 1712 | 12300 |
| Мастчоҳ | 3576 | 19757 |
| Оббурдон | 4299 | 34173 |
| Палдорак | 2216 | 18907 |
| Такели | 355 | 2069 |
| Авзикент | 1960 | 12142 |
| Куруқсой | 405 | 2952 |
| Ҳамагӣ: | 14523 | 102300 |

Мувофиқи нишондиҳандаҳои дурнамои рушди иҷтимоию иқтисоди пешбинӣ карда шудааст, ки то соли 2015 аҳолии ноҳияи Мастчоҳ 6,0 фоиз (ё 6,3 ҳаз. нафар), аз ҷумла аҳоли деҳот 5 ҳазор ва аҳолии шаҳр 1,3 ҳаз. нафар зиёд хоҳад шуд.

*Ҷадвали 2. Дурнамои афзоиши аҳолӣ дар давраи солҳои 2011-2015 (ҳаз. нафар)*

| Нишондиҳандаҳо | с.2011 ҳисобот | с.2012 баҳодиҳӣ | Дурнамо | | | с.2010 бо % нисбати с.2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с.2013 | с.2014 | с.2015 | |
| Шумораи аҳолӣ ба ҳисоби миёнаи солона (ҳазор нафар) – ҳамагӣ | 104,0 | 105,2 | 107,4 | 108,0 | 110,3 | 106 |
| аз ҷумла: | | | | | | |
| Шаҳрӣ | 17,5 | 17,7 | 18 | 18,5 | 18,8 | 107,4 |
| Деҳотӣ | 86,5 | 87,5 | 89,3 | 89,5 | 91,5 | 106,0 |

Аз рӯи сохтори этникӣ, аҳолии ноҳия бисёрмилат буда, қисми зиёдро тоҷикон ташкил мекунанд.

*Диаграммаи 1.Таркиби этникии аҳолии ноҳияи Мастчоҳ*




Сину соли миёнаи аҳолии ноҳия ба 22,7 сол (мардҳо - 22,4, занҳо - 23) баробар аст. Дар сохтори ҷинсию сину солӣ қисми зиёди аҳолиро нафарони нафақахур, сину соли миёна ва ҷавонон ташкил менамоянд.

*Ҷадвалӣ 3. Сохтори ҷинсию сину соли ноҳияи Мастчоҳ дар соли 2010*

| Сину сол | Ҳамагӣ | Аз ҷумла духтарон/ занҳо | % духтарон/ занҳо |
|---|---|---|---|
| Ҷавонони то сини 14 сола | 45500 | 21495 | 47,2 |
| Шахсони сину соли миёна | 51300 | 25386 | 49,5 |
| Шахсони сину соли нафақа (63 мард/58 занҳо) ва калонсолон | 5500 | 3175 | 57,7 |
| Ҷамъ: | 102300 | 50056 | 48,9 |

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар 3 соли охир аҳолии ноҳияи Мастчоҳ зиёда аз 5,5 ҳазор нафар афзудааст.

*Ҷадвали 4. Афзоиши демографӣ дар ноҳияи Мастчоҳ*

| Солҳо | Шумораи никоҳ | Шумораи фавт | Афзоиши табии аҳолӣ | Афзоиши табии аҳолӣ ба 1000 нафар. | Шумораи умумии аҳолӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 2008 | 1167 | 418 | 1927 | 20 | 96800 |
| 2009 | 1306 | 390 | 1928 | 20 | 99900 |
| 2010 | 1409 | 430 | 2287 | 23 | 102300 |

### 1.5. Тамоюлҳои асосии иқтисодию иҷтимоӣ

Соҳаи асоси иқтисодиёти ноҳия - кишоварзӣ буда дар он 83,7 фоизи аҳолии қобили меҳнат кор мекунад. Самтҳои асосии соҳаи кишоварзӣ пахтакорӣ, ғаллакорӣ, сабзавоткорӣ, боғу токпарварӣ, хӯроки ҷорво ва ҷорводорӣ мебошанд. Айни замон дар ноҳия зиёда аз 2000 хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) (ХД) арзи вуҷуд доранд, ки дар 15 Ассотсиатсиҳои ХД муттаҳид шудаанд.

Барои баланд бардоштани даромаднокии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, проблемаҳои зерин монеъгӣ мекунанд, аз ҷумла: паст будани сифати тухмиҳо, бад будани ҳолати мелиоративии заминҳо, норасогии оби полезӣ, кӯҳнаву фарсуда будани техникаи кишоварзӣ ва нокифоя будани таъминоти нуриҳои минералӣ, инчунин ҳолати экологии заминҳои кишоварзӣ.

Ноҳия дорои иқтидори азими саноатӣ мебошад. Рушди соҳаи саноати ноҳия асосан аз ҳисоби корхонаҳои коркарди пахта таъмин карда мешавад.

Дар ҳудуди ноҳия дар соли 2010 се заводи коркарди пахтаи хом, 3-заводи истеҳсоли равғани пахта, 1 адад заводи истеҳсоли ришта ва матоъҳои техникӣ ва заводи нонпазӣ фаъолият доранд. Нокифоягии технологияи нави муосир, номусоид будани иқлими сармоягузорӣ, норасогии кадрҳои баландихтисос (асосан муҳандисҳо ва технологҳо), маҳдудияти барқ ва дур будани хатҳои роҳи оҳан рушди соҳаи саноатро маҳдуд кардаанд.

Дар ноҳия шароити мусоиди инфрасохтори иҷтимоӣ вуҷуд дорад. Мушкилотҳои асосии соҳаи иҷтимои ба таври зайл ифода карда шудаанд:

- *соҳаи тандурустӣ*: зиёдшавии касалии сил, исҳоли хунин (дизинтерея ва ВИЧ/СПИД) мебошад.
- *соҳаи маориф*: норасогӣ ва азнавтайёркунии кадрҳои педагогӣ, нисбатан паст будани ҷалбкунии кӯдокан ба муассисаҳои томактабӣ, бад будани сатҳи таъминоти мактабҳо бо таҷҳизоти техникӣ ва маводҳои таълимӣ, норасоии мизу курсиҳо ва ғайраҳо.
- *соҳаи варзиш*: инфрасохтори варзиши ташакулли тарзи ҳаёти солим махсусан дар деҳот дуруст ба роҳ монда нашудааст.
- *соҳаи иҷтимоиёт*: паст будани музди меҳнат, баланд будани сатҳи бекорӣ, муҳоҷирати меҳнатии мутахассисони баландихтисос, ба талабот ҷавобгу набудани хизматрасонии сӯроғавӣ ба аҳолии осебпазир ва ғайраҳо.

Соҳаи инфрасохтор яке аз соҳаҳои таъминоти некуавҳолии мардуми ноҳия ба шумор рафта, ҳадафи асосии он беҳтар намудани дастрасии аҳолӣ ба инфрасохтори заминавӣ мебошад. Соҳаи инфрасохтор дар бахшҳои зерин муаррифи гаштаанд, аз ҷумла: таъминоти оби нушокӣ, барқрасонӣ, хоҷагии манзилии комуналӣ, истифодабарии роҳҳо.

Мушкилотҳои асосии соҳаи мазкур асосан паст будани дастрасии аҳолии ноҳия ба оби нушокии хушсифат, маҳдудияти барқ, сатҳи сусти идоракунӣ ва хизматрасонии ХМК, дар ҳолати бад қарор доштани роҳҳои дохили хоҷагӣ.

Дар ноҳияи Мастчоҳ филиали ҶСШК «Телеком», рӯзномаи «Машъал» ва телевизиони маҳаллии «Мастчоҳ» фаъолият мекунанд. Мушкилотҳои асосии соҳа дастрас набудани аҳолии деҳот ба хизматрасонии телефонии хатӣ ва интернет, фарсуда шудани хати телефони ва симчӯбҳо мебошанд. Дар ҳудуди ноҳия ташкилотҳои зерини ғайридавлатии «Иқболи нек», «Хайриявии бунёд», «Ёсуман» ва «Ҷовид» фаъолият доранд, ки онҳо саҳми худро дар рушди иқтисодию иҷтимоии ноҳия мегузоранд.

### 1.6. Биниши рушди ноҳияи Мастчоҳ

*Ноҳияи Мастчоҳ – дарвозаи шимолии Тоҷикистон, ноҳияи тараққиёфтаи соҳаи агросаноатӣ, ки ба пахтакорӣ ва коркарди он махсусгардонида шудааст. Дар системаи кишоварзӣ усулҳои муосири идоракунии самарабахши обёрӣ ва ташкили фаъолияти кишоварзӣ ҷорӣ гардидааст, ки дар ин замина даромаднокии соҳа афзудааст. Инчунин дар ноҳия шароити мусоиди сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ мавҷуд буда, аҳолии он аз шароитҳои хуби инфрасохтори заминавӣ, маишӣ ва хизматрасониҳои иҷтимоӣ баҳраманд мебошанд.*

Биниши мазкур дар асоси таҳлили тарафҳои қавӣ ва заифи рушди иқтисодию иҷтимоии ноҳияи Мастчоҳ, инчунин бо назардошти имкониятҳои беруна ва таҳдидҳо таҳия карда шудааст.

*Ҷадвали 5. СВОТ-таҳлили ноҳия*

| | | |
|---|---|---|
| Омилҳои дохилӣ | <u>Тарафҳои қавӣ</u><br>• Наздикӣ ба сарҳади Ҷумҳурии Ӯзбекистон<br>• Мавҷудияти мутахассиси баландихтисос<br>• Мавҷудияти иқтидор ва захираҳои меҳнатӣ<br>• Мавҷудияти захираҳои табиӣ<br>• Аҳолии меҳнатдӯст<br>• Мавҷудияти инфрасохтори заминавии иқтисодӣ, ичтимоӣ, муҳандисӣ ва коммуникатсионӣ<br>• Таҷрибаи бой ва иқтидори кофии кишоварзӣ<br>• Мавҷудияти Барномаи рушди иқтисодӣ-иҷтимоии ноҳия<br>• Мавҷудияти ташкилотҳои қарздиҳӣ<br>• Даромадҳои муҳоҷирони меҳнатӣ | <u>Тарафҳои суст</u><br>• Норасогии захираи обӣ<br>• Нокифоя тараққӣ ёфтани бизнеси хурд<br>• Риоя нашудани киштгардонӣ аз тарафи ХД<br>• Ба талабот ҷавобгу набудани системаи идоракунии захираҳои оби полезӣ<br>• Паст будани сатҳи дастрасии аҳоли ба оби нушокии хушсифат ва паст будани сифати тухмиҳо,<br>• Бад будани ҳолати мелиоративии заминҳо ва кӯҳнаву фарсуда будани техникаи кишоварзӣ;<br>• Нокифоя будани таъминоти нуриҳои минералӣ,бад будани ҳолати экологии заминҳо<br>• Нокифоягии технологияи муосир ва сармоягузорӣ,<br>• Номусоид будани иқлими сармоягузори, норасогии кадрҳои баландихтисос (асосан муҳандисҳо ва технологҳо),<br>• Зиёдшавии касалии сил, исҳоли хунин(дизинтерея ва ВИЧ/СПИД)<br>• Норасогӣ ва азнавтайёркунии кадрҳои педагогӣ ва нисбатан паст будани ҷалбкунии кӯдокан ба муассисаҳои томактабӣ |
| Омилҳои берунӣ | <u>Имкониятҳо</u><br>• Мавҷудияти шоҳроҳи автомобилии Душанбе – Хуҷанд-Чаноқ-Тошкент<br>• Баланд шудани арзиши пахта дар бозорҳои ҷаҳонӣ<br>• Мавҷудияти барномаи давлатии рушди соҳаи кишоварзӣ<br>• Дар доираи қонуни ҶТ «Дар бораи дастгирии соҳибкорӣ» инкишофи соҳибкории хурду миёна дар ноҳия<br>• Сохтмони хати барқии баландшиддати Ҷануб- Шимол<br>• Мавҷудияти стратегияи солимии аҳолии ҶТ то соли 2020<br>• Дар доираи қарори ҲҶТ «Дар бораи сохтмони мактабҳо» беҳтар намудани инфрасохтори соҳаи маориф | <u>Хатарҳо</u><br>• Баста будани сарҳад байни Ҷумҳурии Ӯзбекистон<br>• Офатҳои табиӣ<br>• Бӯҳрони иқтисодии ҷаҳонӣ (кризис)<br>• Баланд шудани арзиши маводҳои сузишворӣ дар бозорҳои ҷаҳонӣ.<br>• Хатари интиқоли бемориҳои сирояти аз кишварҳои хориҷӣ<br>• Хушксолӣ<br>• Ноустувории нархи пахта дар бозорҳои ҷаҳонӣ |

# БОБИ 2. ТАҲЛИЛИ ҲОЛАТ
## ВА ТАВСИФИ СТРАТЕГИЯИ СЕКТОРҲО

### 2.1. Иқтисодиёт
### 2.1.1. Соҳаи кишоварзӣ

Соҳаи кишоварзии ноҳияи Мастчоҳ соҳаи асосӣ ба шумор рафта, ҳиссаи он дар ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти ноҳия 70 фоиз ташкил менамояд. Дар соҳа 87,1 фоиз аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол машғул мебошанд. Дар солҳои охир тамоюли коҳиши даромаднокии соҳа, кишоварзони ноҳияро ба ташвиш овардааст, ки сабаби он – паст будани сифати тухмиҳои зироатҳои кишоварзӣ, норасогии оби полезӣ, норасогии нуриҳои минералӣ, сатҳи нокифояи тахассуси кадрҳои кишоварзӣ, сатҳи пасти таъмини техникаи кишоварзӣ мебошанд.

Инчунин, паст будани сатҳи даромаднокии маҳсулоти кишоварзӣ низ аз ҳисоби баланд будани арзиши аслии маҳсулот ва паст будани нархи фурӯши он дар бозорҳо ҳисобида мешавад. Дар ноҳия шароити мусоиди нигоҳдорию бастабандкунии маҳсулоти кишоварзӣ (махсусан меваю сабзавот) вуҷуд надорад.

***Шакли ташкилии соҳаи кишоварзӣ.*** Мувофиқи маълумотҳои расмӣ дар натиҷаи татбиқи ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ дар асоси 8 колхоз ва 3 совхози мавҷуда то ба имрӯз 2000 хоҷагиҳои деҳқонӣ ташкил карда шуд, аз ҷумла 1454 хоҷагиҳои деҳқонии ҷамъиятӣ ва 546 хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ ва оилавӣ. Хоҷагиҳои мазкур, дар 15 Ассотсиатсияи хоҷагиҳои деҳқонӣ мутаҳид гардиданд. Ҷойгиршавии ҳудудӣ - маъмурӣ, АХД-ҳо дар ноҳия чунин: дар ҷамоати шаҳраки Бустон - 2 адад, ҷамоатҳои деҳоти Мастчоҳ – 3 адад, Оббурдон – 4 адад, Палдорак – 1 адад, Авзикент – 1 адад, Такалӣ- 1 адад.

Рӯз аз рӯз афзоиши шумораии хоҷагиҳои деҳқонӣ (махсусан инфиродӣ ва оилавӣ), барои мақомоти иҷорияи ҳокимияти давлатии ноҳия оид ба ҷамъоварии ҳисоботҳои даврагӣ мушкилотҳои зиёдеро ба вуҷуд оварда истодаанд.

*Диаграмма № 2. Сохтори истифодабарии заминҳои кишт дар соли 2010*




***Сохтори истифодаи замин.*** Масоҳати фонди умумии заминҳои ноҳия 43063 га., аз он 27462 га. заминҳои обӣ мебошад. Сохтори истифодаи заминҳо дар соли 2010 дар ҷадвал оварда шудааст.

*Ҷадвали 6. Сохтори истифодаи заминҳо*

| № | | Сохтори истифодаи заминҳо | в/ч | Масоҳат | аз он обӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | | Заминҳои кишоварзӣ. Ҳамагӣ | га | 43063 | 27462 |
| | а | аз он замини корам | га | 23611 | 22068 |
| | б | дарахтони бисёрсола | га | 1755 | 1749 |
| | | - боғҳо | га | 1035 | 1029 |
| | | -токзор | га | 485 | 485 |
| | | -тутзор | га | 222 | 222 |
| | в | -заминҳои партов | га | 300 | 300 |
| | г | -чарогоҳ | га | 8285 | - |
| 2 | | Заминҳои наздиҳавлигӣ | га | 2485 | 1621 |
| 3 | | Заминҳои хоҷагии ёрирасони шахсӣ | га | 1411 | 1311 |
| 4 | | Ҷангалу бута ва бешазорҳо | га | 461 | 413 |
| 5 | | Заминҳои зери об | га | 1739 | - |
| 6 | | Заминҳои зери роҳҳо | га | 669 | - |
| 7 | | Заминҳои зери иморат | га | 951 | - |
| 8 | | Дигар заминҳо | га | 1396 | - |

Самти асосии соҳаи растанипарварии ноҳияи Мастчоҳ пахтакорӣ, ғаллакорӣ, картошкапарварӣ, сабзавоткорӣ ва парвариши полезӣ мебошад.

*Диаграммаи 3. Истифодаи заминҳои кишт дар солҳои 2008-2010 (га)*




| | Галладонагихо | Пахта | Картошка | Сабзавот | Полези |
|---|---|---|---|---|---|
| 2008 | 3450 | 13434 | 65 | 310 | 874 |
| 2009 | 4176 | 9793 | 67 | 337 | 1448 |
| 2010 | 4215 | 10090 | 68 | 345 | 1443 |

Аз таҳлилҳо бар меояд, ки заминҳои кишти пахта дар соли 2010 нисбат ба соли 2008 ба 25 фоиз ё 3344 га коҳиш ёфта, он барои васеъ намудани майдонҳои кишти ғалладонагиҳо, полезӣ, картошка, сабзават ва кишти хӯроки чорво истифода шудааст.

*Диаграмма 4. Ҳосилнокии зироатҳои асосӣ дар солҳои 2008-2010 (сентнер/га)*




| | Галладонагихо | Пахта | Картошка | Сабзавот | Полези |
|---|---|---|---|---|---|
| 2008 | 35,1 | 19,5 | 292,4 | 198,7 | 179,5 |
| 2009 | 17,6 | 19,7 | 281 | 188,6 | 149 |
| 2010 | 17 | 21,3 | 225 | 115,7 | 148,2 |

Мувофиқи маълумоти дурнамо пешбинӣ шудааст, ки то соли 2015 истифодаи заминҳои кишоварзии ноҳия аз рӯи намудҳои асосии зироатҳо чунин хоҳад шуд, аз ҷумла майдони боғҳои мевадиҳанда то 53,8 фоиз, ғалладонагиҳо то 7,3 фоиз зиёд карда мешавад.

*Ҷадвали 8. Дурнамои истифодаи заминҳои кишоварзии ноҳия аз рӯи маҳсулоти асосии дар давраи солҳои 2011-2015*

| Нишондиҳандаҳо | 2011 ҳисобот | 2012 баҳодиҳӣ | дурнамо | | | 2015 нисбати 2011 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2013 | 2014 | 2015 | |
| Замини киштбоб – ҳаз. га | 24,6 | 24,6 | 24,6 | 24,6 | 24,6 | 100 |
| Аз он ҷумла: обӣ | 22,1 | 22,1 | 22,1 | 22,1 | 22,1 | 100 |
| Ғалладона – ҳаз. га | 3,021 | 3,242 | 3,242 | 3,242 | 3,242 | 107,3 |
| Аз ҷумла гандум – ҳаз. га | 0,2 | 2,254 | 2,254 | 2,254 | 2,254 | 1127 |
| Пахта – ҳаз. га | 12,8 | 12,8 | 12,8 | 12,8 | 12,8 | 100 |
| Картошка – ҳаз. га | 0,084 | 0,02 | 0,02 | 0,02 | 0,02 | 23,8 |
| Сабзавот – ҳаз. га | 0,355 | 0,164 | 0,164 | 0,164 | 0,164 | 46,3 |
| Полезии хӯрокворӣ – ҳаз. га | 1,056 | 1 | 1 | 1 | 1 | 94,7 |
| Зироатҳои хӯроки чорво – ҳаз. га | 4,911 | 3,873 | 3,873 | 3,873 | 3,873 | 78,9 |
| Майдони боғҳои мевадиҳанда ҳаз.га | 0,52 | 0,540 | 0,540 | 0,700 | 0,800 | 153,8 |
| Майдони ангур – ҳаз. га | 0,026 | 0,026 | 0,026 | 0,026 | 0,026 | 100 |

***Растанипарварӣ.*** Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар солҳои охир ҳосилнокии пахта нисбат ба солҳои гузашта афзуда, ҳосилнокии дигар зироатҳо бошад (аз қабили ғалладонагиҳо, картошка, сабзавот ва полезӣ) коҳиш ёфтааст.

Сабаби коҳиш ёфтани ҳосилнокии ғалладонагиҳо, картошка, сабзавот ва полезӣ пеш аз ҳама бад будани ҳолати мелиоративии заминҳо, паст будани маданияти аъзоёни хоҷагиҳои деҳқонӣ доир ба истифодаи замин, риоя накардани киштгардони заминҳо аз ҷониби онҳо, паст будани сифати маводҳои тухмӣ, норасоии нӯриҳои минералӣ, заҳрхимикатҳо ва ғайраҳо ба шумор меравconfigured. Баланд шудани ҳосилнокии пахта асосан ба беҳбудии чорабиниҳои агротехникӣ вобаста аст.

*Диаграмма 5. Ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар солҳои 2008-2010 (тонна)*




Аз маълумотҳои овардашуда бар меояд, ки новобаста аз паст гардидани ҳосилнокии баъзе аз намудҳои зироатҳо, дар маҷмӯъ афзоиши истеҳсоли намудҳои маҳсулот ба назар мерасад, ки яке аз сабабҳои асосии он васеъ гардидани майдони заминҳои кишт маҳсуб меёбад.

Ноҳия аз ҷиҳати истеҳсоли полезиҳо ва пахта дар миқёси вилоят ҷои аввалро ишғол менамояд, ки ҳиссаи он дар соли 2010 мутаносибан 37 фоиз ва 31 фоиз ташкил менамояд. Дар соли 2010 дар баробари афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, дараҷаи даромаднокии он паст мебошад.

Сабаби чунин ҳолат ин паст будани арзиши пахта ва тағйир ёфтани арзиши он дар бозорҳои ҷаҳонӣ, баланд будани арзиши воситаҳои гардишӣ (сузишворӣ ва маводҳои молиданӣ, нуриҳои минералӣ, заҳрхимикатҳо ва қисмҳои эҳтиёти), ки ба арзиши аслии маҳсулот бевосита таъсири манфӣ расонидааст. Инчунин набудани бозорҳои фурӯши маҳсулот, ҷойҳои махсус барои нигоҳдории маҳсулоти кишоварзӣ ба арзиши маҳсулоти кишоварзӣ таъсири манфӣ расонидааст. Бинобар ин, деҳқонҳои ноҳия маҷбур мебошанд, ки маҳсулоти истеҳсолшударо бо нархҳои аз арзиши аслии он паст ба фуруш баророанд.

Аммо мувофиқи дурнамои рушди соҳаи кишоварзӣ то соли 2015 пешбинӣ шудааст, ки ҳосилнокии зироатҳои асосӣ аз ҷумла гандум 23,6 маротиба, картошка 22,6 фоиз ва ангур 10,3 фоиз афзоиш меёбад.

*Ҷадвали 9. Дурнамои афзоиши ҳосилнокии намудҳои асосии зироатҳои кишоварзӣ дар давраи солҳои 2011-2015*

| Нишондиҳандаҳо | с.2011 ҳисобот | с.2012 баҳодиҳӣ | дурнамо | | | с.2015 бо % нисбати с.2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с.2013 | с.2014 | с.2015 | |
| Ғалладона – с/га | 32,7 | 11,8 | 12,5 | 13,1 | 13,8 | 0,42 |
| Аз ҷумла гандум – с/га | 9,8 | 20 | 21 | 22,1 | 23,2 | 23,6м |
| Пахта – с/га | 23,5 | 17,8 | 17,8 | 17,8 | 17,8 | 75,7 |
| Картошка – с/га | 143,9 | 150 | 160 | 168 | 176,4 | 122,6 |
| Сабзавот – с/га | 277,5 | 133 | 145 | 152,3 | 159,9 | 57,6 |
| Полезиҳо – с/га | 180,9 | 150 | 155 | 162,8 | 170,9 | 94,5 |
| Мевагӣ – с/га | 100,7 | 20 | 20 | 21 | 22,10 | 21,9 |
| Ангур – с/га | 120 | 120 | 120 | 126 | 132,3 | 110,3 |

***Богу токпарварӣ.*** Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки соли 2010 истеҳсоли меваҷот ба 509 тонна расид, ки нисбати соли 2008 ба 19 фоиз коҳиш ёфтааст. Сабаби паст шудани дараҷаи ҳосилнокӣ меваҷот бинобар номусоид омадани обу ҳаво, таъсири ҳашаротҳои зараррасон ва дар ҷои боғҳои кӯҳна бунёд шудани боғҳои нав мебошад. Майдони умумии боғҳо дар соли 2010- 1755 га.-ро ташкил намуд.

Дар асоси Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 августи соли 2009 №683 «Дар бораи тадбирҳои иловагӣ оид ба рушди боғдорӣ ва ангурпарварии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2014» дар ҳудуди ноҳия дар соли 2010 - 485,6 га боғҳои нав ва 15,7 га токзорҳо бунёд карда шудааст. Тибқи фармони мазкур ва дурнамои рушди соҳаи кишоварзӣ дар ноҳия то соли 2014 боз бунёди 70 га боғҳо ва 26 га токзорҳо ба нақша гирифта шудааст.

***Мушкилот соҳа*** аз маҳдудияти захираҳои молиявӣ, паст будани маълумотнокии аъзоёни ХД доир ба истифодаи усулӣ обёрии қатрагӣ, баланд будани арзиши воситаҳои истеҳсолӣ ба шумор меравад.

***Нақши кишоварзӣ дар иқтисодиёти ноҳия.*** Дар соли 2010 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ 234218 ҳаз. сомониро ташкил дод, ки ҳиссаи соҳаи растанипарварӣ 73% (170736 сомонӣ) ва ҳиссаи соҳаи чорводорӣ 27 фоиз (63482 сомони) ташкил намуд. Соли 2010 ҳиссаи соҳаи кишоварзӣ дар ташаккули қисмати даромади буҷети ноҳия 61 фоизро ташкил дод. Дар соли 2010 дар соҳаи мазкур 83,7% аҳолии қобили меҳнат ба кор фаро гирифта шудаанд.

Пешбинӣ шудааст, ки то соли 2015 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ 11,1 фоизи зиёд мешавад, ки ин асосан аз ҳисоби зиёд шудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ (21,5%) таъмин хоҳад шуд.

*Диаграмаи 6. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар солҳои 2008-2010(ҳазор сомонӣ)*




*Ҷадвали 10. Дурнамои рушди истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар давраи солҳои 2011-2015*

| Нишондиҳандаҳо | 2011 ҳисобот | 2012 баҳодиҳӣ | дурнамо | | | с.2015 бо % нисбати с.2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2013 | 2014 | 2015 | |
| Ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ – ҳамагӣ | 269,119 | 282,514 | 290,0 | 295,145 | 299,121 | 111,1 |
| Аз ҷумла: | | | | | | |
| Зироаткорӣ | 195,877 | 201,948 | 205,400 | 208,045 | 210,149 | 107,3 |
| Чорводорӣ | 73,242 | 80,566 | 84,600 | 87,100 | 88,972 | 121,5 |

***Обтаъминкунӣ.*** Таъминоти заминҳо бо оби полезӣ ва беҳтар кардан ҳолати мелиоративии онҳо яке аз масъалаҳои асосии соҳаи кишоварзӣ н. Мастчоҳ ба шумор меравад.

Ҳудуди ноҳияи Мастчоҳро Идораи давлатии Хоҷагии об хизматрасонӣ менамояд. Шумораи умумии кормандон 287 нафар, аз он мутахассисони дорои маълумоти олӣ 15 нафар, занҳо 31 нафар мебошанд. Дар тавозуни корхонаи мазкур 10 иншоотҳо ва пойгоҳҳои обкашӣ мавҷуд мебошад.

Дар бахши идораи таъминоти захираҳои об ва ҳолати мелиоративи мушкилотҳои зиёде мавуҷуданд, ки ҳалли онҳо рушди минбаъдаи соҳаи кишоварзиро муайян месозад.

Дар ноҳияи Мастчоҳ майдони умумии заминҳои обии кишоварзӣ 27462га. ро ташкил медиҳад. Тибқи кадастраи ҳисоботи ОВХ-1 заминҳои ҳолати мелиоративиашон қаноатбахш 19940га, ғайриқаноатбахш 1117 га, шурнокиаш паст 3200га, шӯрнокиаш миёна 428га. ва шӯрнокиаш баланд 16га. ба қайд гирифта шудааст.

Дар ноҳия 87,5км заҳбуру заҳкашҳои байнихоҷагӣ (аз он дар ҳолати ғайриқаноатбахш 52,8км), 242,2км. заҳбуру заҳкашҳои дохилихоҷагӣ (аз он 96,5км дар ҳолати ғайриқаноатбахш) мавҷуд мебошанд. Аз 163 адад чоҳҳои амуди мавҷуда 64 адад бинобар набудани таҷҳизотҳо ва 64 адад аз ҳисобе, ки дар таъмиранд, кор намекунанд. Дар ноҳия аз 173 адад чоҳҳои назоратӣ 151 адад дар ҳолати корӣ мебошанд.

Дар ҳудиди ноҳия 10 канали обтаъминкунӣ мавҷуд буда масоҳати умумии онҳо 160,1 км.-ро ташкил медиҳанд. Аз масоҳати умумии каналҳои мавҷуда 85 км. он дар ҳолати қаноатбахш буда 75,1км. онҳо бо сабаби маҳдудияти маблағ то имрӯз тоза карда нашудаанд.

Бояд қайд кард, ки 19656 га. заминҳои кишти ноҳия тавассути пойгоҳҳои обкаши бо оби полезӣ таъмин карда мешаванд. Бештари пойгоҳҳо, аз сабаби саривақт таъмир нагардидан кӯҳнаву фарсуда шудаанд, тез тез аз кор мебароянд, ки ин ҳолат барои хоҷагиҳо дар таъмини саривақтии киштзорҳо бо оби полезӣ мушкилотҳои иловагиро ба вуҷуд меорад.

Бинобар норасоии оби полезӣ дар баъзе аз қитъаи каналҳо аз тарафи ХД худсарона сӯрохиҳо карда шудаанд, ки ин сабаби бад шудани ҳолати идоракуни ва тақсимоти оби полезӣ мебошад. Дар натиҷа, талафоти об зиёд гашта, сатҳи обҳои зеризаминӣ баланд шудаанд ва ин ба ҳолати мелиоративии заминҳои кишоварзӣ таъсири манфӣ мерасонад. Дар натиҷаи талафоти об, ба хоҷагиҳое, ки дар қисмати поёнии каналҳо ҷойгиранд об намерасад. Бинобар истифодаи дарозмӯҳлат, иншоотҳои обтақсимкунӣ фарсуда гаштаанд. Мувофиқи ақидаи коршиносони маҳаллӣ сатҳи талафот ва бухоршавии об дар ноҳия ба ҳисоби миёна 25 фоизро ташкил менамояд.

Сабаби асосии бад шудани ҳолати мелиоративи заминҳо ин саривақт нагузаронидани чорабиниҳои мелиоративӣ (тоза нашудани шабакаҳои заҳбурҳо ва махсусан заҳбурҳое, ки дар тавозуни АХД-ҳо мебошанд), ва маҳдудияти захираҳои молиявӣ мебошад.

*Ҷадвали 11. Иншоотҳои обтаъминкуние, ки дар тавозуни Идораи давлатии Хоҷагии оби н. Мастчоҳ қарор дорад*

| № | Номгӯи каналҳо | Майдони кишт (га) | Дарозии каналҳо | |
|---|---|---|---|---|
| | | | км | Аз он тоза шуда (км) |
| 1. | ВДК. худҷорӣ | 1848,4 | 43,6 | 43,6 |
| 2. | Р-12 | 782 | 12 | 12 |
| 3. | ДМК-1 насосное | 3994,8 | 22,7 | 8 |
| 4. | ДМК-2 | 3244,5 | 10 | - |
| 5. | ДМК-3 | 443,5 | 17,7 | - |
| 6. | ЯМК-1 | 1135,3 | 12 | 12 |
| 7. | ЯМК-2 | 895 | 10 | 10 |
| 8. | ЯМК-3 | 858,29 | 7,4 | - |
| 9. | ЯМК-4 | 2066 | 18,6 | - |
| 10. | ЯМК-5 | 750 | 6,1 | - |
| Ҳамагӣ: | | 21504,44 | 160,1 | 85,6 |

***Чорводорӣ.*** Дар ноҳия Мастчоҳ ҳиссаи соҳаи чорводорӣ дар истеҳсоли умумии маҳсулоти кишоварзӣ 27 фоизро ташкил менамояд. Пас аз гузаронидани таҷдид дар соҳаи кишоварзӣ саршумори чорвои калон ва моли майда ба хоҷагиҳои деҳқонӣ тақсим карда шуданд. Дар давраи то 31 декабри соли 2010 дар ноҳия 35388 сар чорвои калони шохдор ва 71490 бузу гӯсфанд ба қайд гирифта шудааст.

Мувофиқи маълумотҳои расмӣ аз ҳаҷми умумии маҳсулоти истеҳсолшудаи чорводорӣ 10 фоизи он аз тарафи сектори ҷамъиятӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ ва 90 фоизи он ба аҳолӣ рост меояд.

*Ҷадвали 12. Саршумори умумии ҳайвонот дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ (сар)*

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2000 | 2001 | 2007 | 2008 | 2009 | 2010 |
| Чорвои калон | 17895 | 24666 | 31845 | 34720 | 35228 | 35388 |
| Бузу гӯсфанд | 33571 | 44261 | 62306 | 67228 | 69183 | 71490 |
| Мурғ | 13532 | 47972 | 96393 | 92702 | 35228 | 95758 |
| Асп | 392 | 416 | 464 | 469 | 505 | 502 |

Дар соли 2010 саршумори чорвои калони шохдор нисбати соли 2007 ба 3543 сар ва бузу гусфанд ба 9184 сар афзудааст.

*Ҷадвали 13. Истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ*

| Номи маҳсулот | Воҳид | Солҳо | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2000 | 2005 | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 | 2010 |
| Гушт | тонна | 1098 | 1633 | 1688 | 1783 | 1950 | 2101 | 1989 |
| Шир | тонна | 11016 | 10956 | 12710 | 14078 | 14898 | 16508 | 17400 |
| Тухм | ҳаз.д | 648 | 1137 | 1776 | 2050 | 1744 | 7589 | 6522 |
| Асал | тонна | - | 2 | 10 | 10 | 12 | 12 | 15 |
| Пилла | тонна | 53 | 104 | 50 | 44 | 28 | 23 | 6 |

Истеҳсоли маҳсулоти соҳаи чорводори асосан аз ҳисоби аҳолӣ зиёд карда мешавад. Нисбати соли 2007 истеҳсоли гушт 439 тонна, шир 2052 тонна, тухм 44778 ҳазор дона, пашм 16 тонна, асал 3 тонна, дар соли 2010 зиёд карда шудаанд. Дар ноҳия фабрикаи паррандапарварӣ фаъолият мебарад, ки он дар соли 2010 дорои 95758 сар мурғ буда дар як сол 6,6 миллион тухм истеҳсол менамояд. Дар ин корхона зиёда аз 40 нафар шаҳрвандон фаъолият мебаранд, ки аз онҳо 28 нафарашон занҳо мебошанд.

Мувофиқи нишондиҳандаҳои дурнамо пешбинӣ шудааст, ки то соли 2015 дар миқёси ноҳия саршумори ҳайвони калони шохдор ба 40175 сар (аз ҷумла модагов 23170 сар), саршумори моли майда 81155 сар ва парранда 129 ҳаз. сар мерасад.

*Ҷадвали 14. Дурнамои афзоиши саршумори чорво дар давраи солҳои 2011-2015*

| Нишондиҳандаҳо | 2011 ҳисобот | 2012 баҳодиҳӣ | Дурнамо | | | 2015 бо % нисбати с.2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2013 | 2014 | 2015 | |
| Ҳайвони калони шохдор – ҳаз.сар | 36,419 | 36,419 | 38,240 | 39,387 | 40,175 | 110,3 |
| аз шумораи Ҳ.К.Ш. модагов – ҳаз. сар | 21,004 | 21,004 | 22,054 | 22,716 | 23,170 | 110,3 |
| Бӯз ва гӯсфанд – ҳаз. сар | 73,568 | 73,568 | 77,2464 | 79,564 | 81,155 | 110,3 |
| парранда – ҳаз. сар | 117,349 | 117,349 | 123,216 | 126,913 | 129,451 | 110,3 |

***Соҳаи бойторӣ:*** Дар ноҳия соҳаи бойторӣ кори худро дар асоси Нақша - чорабиниҳои тасдиқнамудаи хадамоти назорати давлатии бойтории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мувофиқаи ҳукумати ноҳия ба роҳ монда, чорабиниҳои пешгирии бемориҳои сирояткунандаи ҳайвонотро таъмин менамояд. Дар баробари корҳои пешгирӣ, корҳои табобатию – санитарӣ, назорати беҳдошти бойтори – санитарии маводҳои хӯрока дар бозорҳо низ ба роҳ монда шудааст.

Дар баробари ин чорабиниҳо дар ноҳия Барномаи СММ оид ба пешгирии бурутселёзи моли майда фаъолият менамояд. Мутобиқи ин Барнома 64 ҳазор моли майда бо роҳи гузаронидани ваксинаи PEV-1 эм кунонида шудаанд. Дар ноҳия ду нуқтаи бордоркунии сунъӣ, чор клиникаи шахсии бойторӣ, ду нуқтаи забти чорво мавҷуд аст. Мувофиқи талаботи мавҷуда дар ноҳия ба ташкили боз чор нуқтаи бойторӣ, аз ҷумла дар ҷамоатҳои Мастчоҳ, Авзикент, Бӯстон ва Палдорак пешбинӣ карда шудааст.

Проблемаҳои асосии соҳаи чорводорӣ: нисбатан паст будани хизмати ветеринарӣ, сатҳи нокифояи таъминоти чорво бо хӯрокаҳо, маҳсулнокии говҳои зотӣ, набудани пунктҳои қабул ва коркарди пашму пӯст, набудани ҷои махсуси гӯронидани молҳои аз беморӣ фавтида ба шумор меравад.

***Техникаи кишоварзӣ.*** Мушкилоти дигари соҳаи кишоварзӣ ин ба таври кофӣ таъмин набудани хоҷагиҳо бо техникаи кишоварзӣ мебошад. Дар давраи собиқ шуравӣ хоҷагиҳои н. Мастчоҳро асосан идораи давлатии таъминоти техника ва мошинҳои кишоварзӣ хизматрасонӣ намуда онҳоро бо техникаи кишоварзӣ ва қисмҳои эҳтиёти таъмин менамуд. Корхонаи мазкур дар пешкаш намудани хизматрасонии таъмири техникаи кишоварзӣ нақши асосиро мебозид.

Мутаассифона баъд аз пош хурдани Иттиҳоди Шӯравӣ муносибатҳои хоҷагидори таъминоти техника ба зиммаи худи хоҷагиҳо гузошта шуд. Дар натиҷаи маҳдудияти захираҳои молиявӣ хоҷагиҳои ноҳия имкони азнавкунии парки мошинҳои кишоварзиро надоштанд. Дар хоҷагиҳо нарасидани қисмҳои эҳтиётӣ, сӯзишворӣ, равғанҳои

молиданӣ ба назар мерасад. Дар ноҳия маркази махсуси таъмирӣ мошинҳои кишоварзӣ вуҷуд надорад. Айни замон, бо сабаби истифодаи дарозмудат мошинҳои кишоварзии ноҳия кӯҳнаву фарсуда шудаанд.

Дар соли 2010 дар ноҳия 1088 адад тракторҳо мавҷуд мебошанд, ки 80 фоизи онҳо аз тарафи хоҷагиҳо ба кор омода карда шудаанд, аз ҷумла тракторҳои шудкоркунанда 260 адад ва боркаш 592 адад.

*Ҷадвали 15. Ҳолати техникахои кишоварзии ноҳияи Мастчоҳ дар соли 2010*

| Номгӯи техникаи кишоварзӣ | Воҳиди ченак | Ҳамагӣ | Дар ҳолати корӣ | % дар ҳолати ғайри корӣ |
|---|---|---|---|---|
| Тракторҳо | адад | 1088 | 870 | 20 |
| - аз ҷумла кишткунанда | адад | 326 | 260 | 20 |
| Боркаш | адад | 741 | 592 | 20 |
| Комбайнҳои ғалладарав | адад | 21 | 21 | - |
| Ядакҳо | адад | 420 | 400 | 5 |
| Боркунанда | адад | 34 | 28 | 18 |
| Комбайнҳои алафдарав | адад | 8 | 6 | 25 |
| Комбайнҳои ҷуворидарав | адад | 6 | 5 | 17 |
| Комбайнҳои картошкағундор | адад | 2 | 2 | - |
| Тухмипошак | адад | 268 | 268 | - |
| Култиваторҳо | адад | 401 | 401 | - |
| Спор | адад | 225 | 225 | - |
| Прескунакҳо | адад | 16 | 16 | - |

Дар ноҳияи Мастчоҳ 2 маркази хизматрасонии техникаи кишоварзӣ мавҷуд мебошад, аз ҷумла: Дар базаи собиқ Заводи тракторсозии “Мастчоҳ - Тошкент” Маркази хизматрасонии техникӣ ташкил карда шудааст, инчунин дар АХД “Сомониён” хизмати таъмири техникӣ ба хоҷагиҳои кишоварзӣ мерасонанд.
Барои пурра механизатсия намудани соҳаи кишоварзии ноҳияи Мастчоҳ на камтар аз 80 адад тракторҳои ғилдиракдор, 40 адад тракторҳои тасмачарх, комбайнҳои ғалладарав 8 адад, 70 адад тракторҳои тухмипошак, 200 адад култиваторҳо лозим мебошанд.

***Мушкилотҳои соҳаи растанипарварӣ*** аз таъмин набудани ХД бо тухмии хушсифат,мавҷуд набудани хоҷагиҳои тухмипарварӣ дар ҳайати АХД ва нарасидани мутахассисон дар хоҷагиҳои мазкур, таъмин набудани соҳаи кишоварзӣ бо мутахассисони баландихтисос, кӯҳнаву фарсуда будани техникаи кишоварзӣ, таъмин набудани хоҷагиҳо бо оби полезӣ, мувофиқи меъёрҳои агротехникаи зироатҳо,фарсудагии каналҳои обёрӣ, кӯҳнаву фарсуда будани иншоот ва агрегатҳои таъминоти об, корношоям будани пойгоҳои обкашии дренаҷӣ вертикалӣ, набудани хоҷагиҳои хурди зотпарварӣ, дар хоҷагиҳо мавҷуд набудани чорвои хушзот, мавҷуд набудани фермаҳои хурд ва миёнаи чорводорӣ дар назди ХД, мавҷуд набудани хадамоти бордоркунии сунъӣ, мавҷуд набудани корҳонаҳои хурди коркарди маҳсулоти чорводорӣ, мавҷуд набудани клиникаи бойтории хусусӣ дар ҷойҳо, таъмин набудани хадамоти бойторӣ бо маводҳои дорувории хушсифат, мавҷуд набудани Марказҳои озмоишии замонавӣ ва норасоии кадрҳои соҳаи бойторӣ иборат мебошад.

## 2.1.2. Саноат

***Мавқеи саноат дар иқтисодиёти маҳаллӣ.*** Саноат яке аз соҳаи муҳими иқтисодиёти ноҳия ба шумор рафта, ҳиссаи он дар ҳаҷми истеҳсоли маҷмӯӣ маҳсулоти ноҳияи Мастчоҳ 33,3 фоизро ташкил менамояд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар соли 2010 ҳиссаи ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатии ноҳия ба 5 фоизи ҳаҷми умумии маҳсулоти истеҳсолшудаи саноатии вилоят баробар шудааст.

*Диаграмма 7: Афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ (ҳаз. сомонӣ)*




Дар соли 2010 дар ҳудуди ноҳия Мастчоҳ 3 корхонаи саноатии коркарди пахта, 3-корхонаи истеҳсоли равғани пахта, 1-корхонаи истеҳсоли ришта ва матои техникӣ, 1-заводи нонпазӣ ба қайд гирифта шудааст. Фаъолияти корхонаҳои саноатии ноҳия дар асоси коркарди ашёи хоми маҳаллӣ ба роҳ монда шудааст.

Мувофиқи дурнамо то соли 2015 пешбинӣ шудааст, ки ҳаҷми маҷмӯӣ маҳсулоти саноатӣ 2,5 маротиба афзоиш меёбад, ки ин асосан аз ҳисоби корхонаҳои саноатии хусусӣ мебошад.

*Ҷадвали 16. Дурнамои рушди истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар солҳои 2011-2015 (млн. сомонӣ)*

| Нишондиҳандаҳо | с.2011 ҳисобот | с.2012 баҳодиҳӣ | дурнамо | | | с.2015 бо % нисбати с.2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с.2013 | с.2014 | с.2015 | |
| Саноат | | | | | | |
| ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ – ҳамагӣ | 144,2 | 227,9 | 245,9 | 270,9 | 296,5 | 205,6 |
| Аз ҷумла: | | | | | | |
| дар корхонаҳои дорои ҳамаи шаклҳои моликияти ғайридавлатӣ | 144,2 | 227,9 | 245,9 | 270,9 | 296,5 | 205,6 |

*Ҷадвали 17. Ҳолати корхонаҳои саноати ноҳияи Мастчоҳ дар соли 2010*

| № | Номгӯи корхонаҳо | Намуди маҳсулот | Воҳиди ченак | Иқтидори лоиҳавӣ | Иқтидори воқеӣ | Ҳолати техникӣ | Истемолкунандагони маҳсулот |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | ҶСК ба номи «Ҳ.Абдулов» | Коркарди ашёи хоми пахта | тон. | 14000 | 12503 | Ҳамаи таҷҳизотҳо дар ҳолати корӣ қарор доранд | Корхонахои коркарди нахи пахта, чигити пахта ва хоҷагиҳои деҳқонӣ |
| | | Чигит | тонна | 25000 | 7185 | | |
| | | Ғози пахта | тонна | 870 | 231 | | |
| | | Улюк | тонна | 320 | 837 | | |
| | | Пух | тонна | 220 | 57 | | |
| 2 | ҶДММ «Амир Шукур» | Коркарди ашёи хоми пахта | тонна | 4000 | 1703 | Ҳамаи таҷҳизотҳо дар ҳолати корӣ қарор доранд | Корхонахои коркарди нахи пахта, чигити пахта ва хоҷагиҳои деҳқонӣ |
| | | Коркарди чигити пахта | тонна | 4000 | 1969 | | |
| 3 | ҶДММ «Солеҳ» | Коркарди ашёи хоми пахта | тонна | 9400 | 459,3 | Ҳамаи таҷҳизотҳо дар ҳолати корӣ қарор доранд | Корхонахои коркарди нахи пахта, чигити пахта ва хоҷагиҳои деҳқонӣ |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 4 | ҶСП «Дорис» | Равғани пахта | тонна | 1280 | 284,6 | Ҳамаи таҷҳизотҳо дар ҳолати корӣ қарор доранд | Аҳолӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ |
| | | Кунҷора | тонна | 4096 | 877,2 | | |
| | | Шулха | тонна | 4096 | 879,7 | | |
| 5 | ҶДММ "Музаффар и К" | Коркарди чигити пахта | тонна | 4500 | 1253,2 | Ҳамаи таҷҳизотҳо дар ҳолати корӣ қарор доранд | Аҳолӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ |
| 6 | ҶСП "Ҷаъфар" | Равғани пахта | тонна | 156 | 45 | Ҳамаи таҷҳизотҳо дар ҳолати корӣ қарор доранд | Аҳолӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ |
| | | Кунҷора | тонна | 516 | 148,1 | | |
| | | Шулха | тонна | 444 | 128,7 | | |
| 7 | ҶСП "Вализодаи Ниёз" | Истеҳсоли ришта ва маводҳои техникӣ | ҳаз.м.м | 74,2 | 17 | Ҳамаи таҷҳизотҳо дар ҳолати корӣ қарор доранд | Корхонаҳои коркарди ашёи хоми пахта ва аҳолӣ |
| 8 | Заводи истеҳсоли маҳсулоти нонӣ | Истеҳсоли нон | тонна | 316 | 185,8 | Ҳамаи таҷҳизотҳо дар ҳолати корӣ қарор доранд | Аҳолӣ |

Аз 8 корхонаҳои саноатии ноҳия 7-тои он мавсими буда дар давоми сол аз 3 то 5 моҳ фаъолият мекунанд. Сабаби мавсими будани фаъолияти онҳо асосан маҳдудияти воситаҳои гардиши ва ашёи хом мебошад. Дар ноҳия дар соли 2000 истеҳсоли пахта ба 19482 тонна баробар буд, ки коркарди он аз тарафи корхонаи ягонаи коркарди пахта (бо иқтидори коркарди 50 ҳазор тонна пахтаи хом дар як сол), ки дар он давра вуҷуд дошт ва ҳоло он ҶСК ба номи «Ҳ. Абдулов» номгузорӣ шудааст сурат мегирифт.

Ҳоло бошад дар ҳудуди ноҳия 3-корхонаи коркарди пахта вуҷуд дорад. Барои таъмини фаъолияти мунтазами корхонаҳои мазкур пахтаи истеҳсолшудаи ноҳия нокифоя мебошад. Корхонаҳои пахтатозакунии ноҳия асосан нах, чигит, ғози пахта, улюк ва пат истеҳсол менамоянд.

Дар ноҳия 3-корхонаи саноатӣ бо коркарди чигит машғул буда маҳсулотҳои аз қабили равғани пахта, кунҷора, сабӯс ва чигити тухмӣ истеҳсол менамоянд. Гарчанде корхонаҳо дар ҳолати корӣ қарор дошта бошанд ҳам, вале дорои таҷҳизотҳои кухнаву фарсуда буда, мавсимӣ фаъолият мекунанд.

Тамоюли зиёдшавии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар солҳои 2008-2010 аз ҳисоби дуруст ба роҳ мондани корҳои мелиоративию агротехникӣ ва саривақт таъмин намудани пахта бо нуриҳои минералӣ мебошад, ки боиси зиёд шудани ҳосилнокӣ гардидааст.

*Ҷадвали 18. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар корхонаҳои саноатии ноҳия*

| Номи корхонаҳо | Истеҳсоли маҳсулот тонна | | | | Истеҳсоли маҳсулот ҳаз. сомонӣ | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Воҳиди ченак | солҳо | | | | | |
| | | 2008 | 2009 | 2010 | 2008 | 2009 | 2010 |
| ҶСК «Ҳ.Абдулов» | тонна | 15144 | 11533 | 11686 | 27522 | 25664,7 | 46184,5 |
| ҶДММ «Амир Шукур» | тонна | 6586 | 8113 | 6569 | 12751,8 | 15843,1 | 21001.5 |
| ҶДММ «Солеҳ» | тонна | - | - | 1277 | - | - | 6288,5 |
| ҶСП «Дорис» | тонна | 3044 | 2758 | 2042 | 2622,3 | 2380,6 | 1971,4 |
| ҶДММ «Музаффар и К» | тонна | 1705 | 988 | 1155 | 1340 | 843,4 | 1063,8 |
| ҶСП «Ҷаъфар» | тонна | - | 188 | 322 | - | 283,3 | 526,7 |
| ҶСП «Вализодаи Ниёз» | тонна, . м. кв. | 5 | 84 | 23 | 44,3 | 208,8 | 78 |
| Заводи нонпазӣ | тонна | 172 | 120 | 186 | 98 | 112,3 | 140,3 |
| Матбаа | | | | | 30,7 | 32,1 | 34,6 |
| Ҳамагӣ: | | | | | 44409,1 | 45368,3 | 77289,3 |

Паст будани сатҳи истифодаи иқтидорҳои истеҳсолии корхонаҳои саноатии коркарди пахта, нафақат аз сабаби маҳдудияти ашёи хом, балки аз ҳисоби зиёдшавии шумораи корхонаҳои коркарди пахта дар солҳои охир, афзоиши рақобат, маҳдудияти барқ ва ба талаботҳои ҷаҳонӣ ҷавобгӯй набудани сифати маҳсулот мебошад.

Бояд қайд кард, ки омили дигаре, ки барои таъмини даромаднокии истеҳсолоти корхонаҳои саноатӣ таъсири манфӣ мерасонад, ин набудани инфрасохтори мусоид, мавҷуд набудани менеҷмент ва маркетинги замонавӣ дар корхонаҳо, ҷалби сусти сармоягузории дохилӣ ва беруна, номусоид будани иқлими сармоягузорӣ ва фоизи баланди қарзҳои бонкӣ мебошад.

Дар баробари мавҷуд будани камбудиҳо, ки сади роҳи инкишофи минбаъдаи соҳаи саноати ноҳия шуда истодаанд, сохта ба истифода додашудани шоҳроҳи Душабе-Хуҷанд-Чанок, омили муҳими таъсиррасони рушди соҳаи саноат ва умуман соҳаи иқтисодии ноҳия мебошад.

***Иқтидор.*** Бинобар сабаби мавсими фаъолият доштани бисёри аз корхонаҳои саноатии ноҳия, иншоотҳои онҳо барои ташкили дигар намудҳои истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ (коркарди шир, пуст, фундук ва ғайра) мувофиқи мақсад мебошад.

Бо мақсади дар ноҳия зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотӣ саноатӣ, ба ҷои кори доимӣ таъмин намудани аҳолии маҳаллӣ дар доираи Барномаи бунёди корхонаҳои саноатӣ дар назар дошта шудааст. Дар ин замина ширкати сармоягузории Ҷамъияти саҳҳомии пӯшидаи ширкати молиявӣ - саноатии (ҶСПШМС) «***Олими Каримзод-М***» дар соли 2011 корхонаи ресмонресиро бо иқтидори коркарди 5 ҳазор тонна нахи пахта дар як сол сохта ба истифода дод.

Ба истифода додани корхонаи мазкур имконият медиҳад, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатии ноҳия дар соли 2015 ба 25 млн. сомонӣ боло равад. Аз ин ҳисоб сафи кормандони соҳа то соли 2015 ба 700 нафар афзоиш меёбад. Барои сохтмони корхона дар солҳои 2008-2010 ба маблағи 22,6 млн. доллари ИМА бо ҷалби сармояи хориҷӣ ва 20,4 млн. сомонӣ аз ҳисоби маблағҳои худи Ширкати мазкур сармоягузорӣ шудааст.

Таҳлили дурнамои нишондиҳандаҳои истеҳсоли маҳсулоти корхонаҳои саноатии ноҳия барои то соли 2015 нишон медиҳад, ки афзоиши истеҳсоли маҳсулот дар аксарияти корхонаҳо мушоҳида мегардад, аз ҷумла пешбинӣ шудааст, ки то соли 2015 корхонаҳои саноатии ноҳия 9,6 ҳаз. тонна нахи пахта коркард намоянд.

*Ҷадвали 19. Дурнамои истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ аз рӯи корхонаҳо барои солҳои 2011-2015*

| Нишондиҳандаҳо | 2011 ҳисобот | 2012 баҳодиҳӣ | дурнамо | | | 2015 бо % нисбати 2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2013 | 2014 | 2015 | |
| ҶСК Ҳ. Абдулов | | | | | | |
| Нах тонна. | 3442,2 | 3706,6 | 3971,1 | 4235,5 | 4500 | 131 |
| Чигити тухмӣ тонна. | 5811,7 | 6214 | 6657 | 7100 | 7544 | 130 |
| Кабит тонна. | 160,4 | 174,4 | 186,9 | 199,3 | 212 | 132 |
| Улюк тонна. | 122,4 | 130,8 | 140,2 | 149,4 | 158,8 | 129 |
| Пух тонна. | 32,9 | 38,2 | 41 | 43,6 | 46,32 | 140 |
| ҶДММ Амир Шукур | | | | | | |
| Равған тонна. | 212 | 220 | 220 | 240 | 250 | 117,9 |
| Кунҷора тонна. | 1306 | 1330 | 1330 | 1450 | 1540 | 117,9 |
| Нах тонна. | 1657 | 1890 | 1900 | 1950 | 2000 | 120,7 |
| Чигити тухмӣ тонна. | 2775 | 3170 | 3185 | 3270 | 3350 | 120,7 |
| Кабит тонна. | 87 | 100 | 100 | 104 | 106 | 121,8 |
| Улюк тонна. | 45 | 46 | 46 | 43 | 44 | 97,8 |
| Пух тонна. | 20 | 24 | 24 | 25 | 26 | 130 |
| ҶДММ Олим Текстайл | | | | | | |
| Ришта тонна. | 160,7 | 5278,8 | 5278,8 | 5826,1 | 6429,6 | 400 |
| ҶДММ Музаффар и К | | | | | | |
| Равған тонна. | 158,8 | 175,0 | 185 | 200 | 220 | 138,6 |
| Кунҷора тонна. | 497,8 | 550 | 580 | 630 | 690 | 138,6 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Шулха тонна. | 500,5 | 550 | 580 | 630 | 690 | 138,6 |
| Обҳои ташнашикан дал | 25,7 | 30 | 32 | 35 | 38 | 147,8 |
| ҶДММ Суғд – Семент | | | | | | |
| Семент тонна. | | 50 | 70 | 85 | 100 | 200 |
| ҶСК Дорис | | | | | | |
| Равған тонна. | 244 | 247 | 247 | 273 | 286 | 117,2 |
| Кунҷора тонна. | 751 | 760 | 760 | 840 | 880 | 117,2 |
| Шулха тонна | 751 | 760 | 760 | 840 | 880 | 117,2 |
| ҶСК Ҷаъфар | | | | | | |
| Равған тонна. | 135,5 | 150,5 | 166,5 | 174,5 | 182,5 | 135 |
| Кунҷора тонна. | 449,5 | 463 | 512 | 537 | 561 | 125 |
| Шулха тонна. | 387,5 | 405 | 448 | 469 | 492 | 128 |
| ҶДММ Солеҳ | | | | | | |
| Нах тонна. | 2495,4 | 2645,4 | 2670,0 | 2800 | 3100 | 124,2 |
| Чигити тухмӣ тонна. | 4234,8 | 4435 | 4476 | 4694 | 5197 | 123 |
| Кабит тонна. | 86,4 | 93,4 | 94,2 | 98,8 | 109,4 | 127 |
| Улюк тонна. | 81,3 | 85,5 | 86,4 | 90,5 | 100,3 | 123 |
| Пух тонна | 30,2 | 31,12 | 31,4 | 32,94 | 36,5 | 121 |
| ҶДММ Вализода | | | | | | |
| Матоъи ғайририштагӣ ҳаз. п/м | 34,0 | 36,0 | 38,1 | 40,4 | 42,8 | 126 |
| Упаковочный шол ҳаз. Ком | 17,0 | 18,0 | 19,1 | 20,2 | 21,4 | 126 |
| ришта х/б тонна. | 6,2 | 6,57 | 6,96 | 7,38 | 7,82 | 126 |
| Заводи нонпазӣ | | | | | | |
| Нон ва маҳсулотҳои нонӣ тонна. | 145,6 | 156 | 167,6 | 178,4 | 189,8 | 130 |
| Сектори хусусӣ | | | | | | |
| Гӯшт тонна. | 81,6 | 87,4 | 93,8 | 99,8 | 105,6 | 129 |
| Нон ва маҳсулотҳои нонӣ тонна. | 72 | 76,7 | 82 | 87,5 | 92 | 128 |

***Муҳити зист.*** Таъсири корхонаҳои саноатии ноҳия ба муҳити зист назарас мебошад ва то ҳол ба дараҷаи кифоя ташхис карда нашудааст. Корхонаҳои саноатии ноҳия то ҳол паспорти экологӣ надоранд. Дар корхонаҳо филтрҳои чангтозакунӣ, садохомушкунакҳо васл нашудаанд.

*Ҷадвали 20. Партовҳо ва маводҳои заҳролуд дар ҶСП ба номи «Ҳ.Абдулов»*

| Номгӯи моддаҳои захрнок | с. 2008 | с. 2009 | с.2010 |
|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ, тн/г | 23,845 | 29,734 | 36,495 |
| Аз онҳо моддаҳои захрнок | 23,054 | 27,549 | 34,451 |
| Газпайдошавӣ ва мое | 0,791 | 2,185 | 2,044 |
| Со (оксит углерода) | 0,402 | 1,354 | 1,586 |
| NOx (оксиси азот) | 0,169 | 0,224 | 0,190 |
| СхНу (углеводород) | 0,220 | 0,606 | 0,268 |
| Барои тозакардан ворид шуд | 90,00 | 99,884 | 13,039 |
| Аз онҳо дошташуд ва безарар карда шуд | 70,2 | 84,378 | 105,929 |

*Партоваҳо ва маводҳои заҳролуд дар ҶСП А.Шукур*

| Номҳои моддаҳои захрнок | с. 2008 | с. 2009 | с.2010 |
|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ, тн/г | 39,009 | 51,152 | 48,337 |
| Аз онҳо моддаҳои захрнок | 28,206 | 48,296 | 45,092 |
| Газпайдошавӣ ва мое | 9,803 | 0,621 | 3,245 |
| Аз онҳо So2 (сернисткӣ интредит) | 6,703 | - | 2,978 |
| СО (оксит углерода) | 2,430 | 0,297 | 0.001 |
| NOx (оксиси азот) | 0,615 | 0,252 | 0,264 |
| СхНу (углеводород) | 0,055 | 0,072 | 0,002 |
| Барои тозакардан ворид шуд | 80,18 | 199,581 | 170,40 |
| Аз онҳо дошташуд ва безарар карда шуд | 68,26 | 173,635 | 144,84 |

*Ихроҷи маводҳои зарарнок дар ҶММ «Музаффар-К»*

| Номҳои моддаҳои захрнок | с. 2008 | с. 2009 | с.2010 |
|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ, тн/г | 20,026 | 11,395 | 11,325 |
| Аз онҳо моддаҳои сахт | 20,026 | 11,395 | 11,325 |

*Ихроҷи маводҳои зарарнок дар ҶСП «Дорис»*

| Номҳои моддаҳои захрнок | Соли 2008 | Соли 2009 | Соли 2010 |
|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ, тн/г | 21,768 | 21,800 | 21,075 |
| Аз онҳо моддаҳои сахт | 21,768 | 21,800 | 21,075 |

*Ихроҷи маводҳои зарарнок дар «МНДРА-31»*

| Номҳои моддаҳои заранок | с. 2008 | с. 2009 | с.2010 |
|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ, тн/г | 2,129 | 1,935 | 2,262 |
| Аз онҳо моддаҳои сахт | 2,129 | 1,935 | 2,262 |

***Мушкилоти асосӣ.*** Корхонаҳои саноатии ноҳия бо иқтидорҳои пурра фаъолият намекунанд, инчунин норасогии кадрҳои баландихтисос ва технологияи муосир низ ба назар мерасад, ки боиси истеҳсоли маҳсулоти бозорногузар гардидааст. Илова бар ин мушкилоти дигари корхонаҳои саноатӣ бо нерӯи барқ мунтазам таъмин набудани онҳо мебошад.

### 2.1.3. Соҳибкории хурд ва миёна

***Нақши соҳибкории хурду миёна (СХМ) дар иқтисодиёти маҳалӣ.*** Соҳаи дигаре, ки метавонад рушди бемайлон ва сатҳу сифати зиндагии аҳолии ноҳияро таъмин менамояд, ин соҳаи СХМ ба ҳисоб меравад. Соҳаи СХМ захираи азими рушди ноҳияро ташкил медиҳад.

*Диаграммаи 8: Ҳиссаи маҳсулоти истеҳсолкардаи СХМ ноҳияи Мастчоҳ аз рӯи соҳаҳо(2010)*




Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти СХМ дар солҳои охир мунтазам афзоиш меёбад. СХМ ноҳияи Мастчоҳ асосан дар соҳаҳои кишоварзӣ, саноат, савдо, хизматрасонӣ муаррифӣ гаштааст.

*Диаграммаи 9. Таносуби ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар СХМ дар соли 2010*




Нақши субектҳои СХМ, ки дар соҳаи кишоварзӣ фаъолият менамоянд дар ғанӣ гардонидани буҷети маҳаллӣ ва таъмини аҳолӣ бо ҷойҳои корӣ назаррас мебошад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар солҳои охир дар ноҳия афзоиши шумораи субъектҳои СХМ мушоҳида карда мешавад.

Афзоиши шумораи соҳибкорон асосан аз ҳисоби афзоиши соҳибкорони соҳаи кишоварзӣ ва махсусан ХД инфиродии навтаъсис сурат мегирад.

Афзоиши соҳибкории инфиродӣ ҳам аз рӯи шумора ва ҳам аз рӯи даромади миёнаи онҳо дар баробари сатҳи пасти суръати афзоиши корхонаҳои хурду миёна аз он далолат медиҳад, ки системаи андоз ва санадҳои меъёриву ҳуқуқие, ки соҳаи соҳибкориро ба танзим медароранд, соҳибкорони инфиродиро барои дар шакли шахси ҳуқуқӣ ба роҳ мондани фаъолият ҳавасманд намекунанд.

*Ҷадвали 21. Нақши СХМ дар таъминоти шуғл ва буҷа дар соҳаҳо*[1]

| Соҳаҳо | Шумораи субъектҳои бақайдгирифтаи СХМ | | Шуғл | | Воридоти андоз ба буҷа аз ҳисоби СХМ | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Шахси ҳуқуқӣ | Шахси воқеӣ | Шумораи ҷои корӣ | Ҳисса дар шуғли умумӣ | ҳаз. сомонӣ | % аз ҳаҷми умумии андозҳои аз СХМ гирифта |
| Кишоварзӣ, аз он ҷумла коркард | 152 | 971 | 8836 | 87,1 | 6853,7 | 61,0 |
| Саноат | 7 | - | 181 | 1,8 | 1846,4 | 16,5 |
| Сохтмон | 4 | - | 65 | 0,6 | 283,8 | 2,5 |
| Нақлиёт ва коммуникатсия | 1 | 164 | 172 | 1,7 | 109,1 | 1,0 |
| Савдо | 6 | 286 | 310 | 3,1 | 792,9 | 7,0 |
| Сектори хизмат | 2 | 81 | 92 | 0,9 | 250,4 | 2,0 |
| Хизмати молиявӣ | 8 | - | 110 | 1,1 | 678,5 | 6,0 |
| Дигарҳо | 143 | - | 373 | 3,7 | 395,8 | 4,0 |
| Ҳамагӣ: | 333 | 1502 | 10139 | 100 | 11210,6 | 100 |

[1]-Сарчашмаи маълумот – Ҳисоботи шӯъбаи иқтисод, андоз, омор ва шуғли аҳолии ноҳия

Мувофиқи дурнамо пешбинӣ шудааст, ки то соли 2015 теъдоди субъектҳои соҳибкорӣ (бо таъсиси шахси ҳуқуқӣ) ба 147 адад ва шумораи сорҳибкороне, ки бо патент ва шаҳодатнома фаъолият мекунанд дар ин давра 88 фоиз зиёд мешавд.

*Ҷадвали 22. Дурнамои рушди соҳибкорӣ дар давраи солҳои 2011-2015*

| Нишондиҳандаҳо | 2011 ҳисобот | 2012 баҳодиҳӣ | дурнамо | | | 2015 бо % нисбати 2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2013 | 2014 | 2015 | |
| Теъдоди корхонаҳо (бе хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) то 15 нафар (воҳид) | 64 | 75 | 76 | 86 | 97 | 152 |
| Теъдоди корхонаҳо (бе хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) то 50 нафар | 24 | 35 | 36 | 43 | 50 | 208 |
| Шумораи амалкунандагони корхонаҳо то 15 нафар | 64 | 75 | 76 | 86 | 97 | 152 |
| Шумораи амалкунандагони корхонаҳо то 50 нафар | 24 | 35 | 36 | 43 | 50 | 208 |
| Шумораи коргарон (ҳаз. нафар) | 0,810 | 0,920 | 0,980 | 1,04 | 1,09 | 135 |
| Маблағи умумӣ аз фӯруши маҳсулот ва хизматрасонӣ (ҳаз. сомонӣ) | 4575,0 | 4804,0 | 5044,0 | 5296,0 | 5561,0 | 122 |
| Шумораи соҳибкорони инфиродӣ (ҳаз. нафар): | 1,7 | 2,14 | 2,55 | 2,88 | 3,2 | 188 |
| аз ҷумла хоҷагиҳои деҳқонӣ | 1,2 | 1,51 | 1,80 | 2,0 | 2,20 | 183 |
| бо шаҳодатнома фаъолиятдошта (ҳаз. нафар) | 0,1 | 0,13 | 0,15 | 0,18 | 0,21 | 210 |
| бо патент (ҳаз. нафар) | 0,4 | 0,50 | 0,60 | 0,70 | 0,79 | 198 |

***Мушкилоти соҳибкорӣ.*** Мушкилоти асосие, ки ба рушди СХМ ноҳия монеа мешавад – нокифоя будани сармоя барои оғози фаъолият, маҳдудияти воситаҳои молиявии соҳибкорон, фоизи баланди қарзҳои бонкҳо, маҳдуд будани ҳаҷми қарзҳои имтиёзнок, ки аз тарафи Маркази шуғли аҳолӣ пешкаш мешавад, баланд будани фоизи қарзҳои аз тарафи ташкилотҳои молиявии мавҷуда пешкашшаванда, маҳдудияти барқ, баланд будани фоизи андозҳо, пароканда будани соҳибкорон ва набудани ассотсиатсияҳои соҳибкорон ва ташкилотҳои машваратии соҳибкорӣ, паст будани маълумотнокии соҳибкорон доир ба масъалаҳои маркетинг, ташкили фаъолияти соҳибкорӣ, усулҳои муосири коркарди маҳсулоти кишоварзӣ (махсусан меваю сабзавот), набудани маркази иттилоотии соҳибкорӣ ба шумор меравад.

***Хизматрасониҳо барои рушди соҳибкорӣ.*** Бо баланд будани фоизҳои қарзҳои бонкӣ нигоҳ накарда талабот ба онҳо дар байни соҳибкорон баланд мебошад. Дар ноҳияи Мастчоҳ 7 адад филиали бонкҳо ва ташкилотҳои молиявӣ амал мекунанд, ки соли 2010 аз тарафи онҳо ба соҳибкорон ба маблағи 13,7 миллион сомонӣ қарз дода шудааст.

*Ҷадвали 23. Қарздиҳӣ ба СХМ дар соли 2010*

| Соҳаҳо | Ҳамагӣ, ҳазор сомонӣ | Бонкҳо | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Агроинвестбонк | Амонатбонк | Ориён бонк | Тоҷикпромбонк | Мададгорбонк | Эсхата бонк | Тоҷиксодиротбонк |
| Кишоварзӣ | 6768451 | 2694694 | 353 | - | 365183 | 339575 | 3297646 | 71000 |
| Саноат | 402100 | - | - | 402100 | - | - | - | - |
| Сохтмон | 1357219 | - | - | - | - | - | 1357219 | - |
| Нақлиёт | 9000 | - | - | - | - | - | - | 9000 |
| Хӯрокаи умумӣ | 441610 | - | - | - | - | - | 438610 | 3000 |
| Хизматрасонӣ | 928137 | 424415 | - | - | - | - | 503722 | - |
| Савдои хориҷӣ | 6535 | - | - | - | - | - | 6535 | - |
| Истеъмол | 2114445 | 1502513 | 20 | - | - | - | 611912 | - |
| Дигарҳо | 1197685 | - | 15 | - | 139476 | - | 1057747 | 447 |
| Ҳамагӣ: | 13671705 | 4621622 | 388 | 402100 | 504659 | 339575 | 7273391,7 | 529970,3 |

Дар байни қарзҳои аз тарафи ташкилотҳои молиявӣ ба СХМ дода шуда, ҳисаи қарзҳои ба соҳаи кишоварзӣ, сохтмон назаррас мебошад.

Таҳлили нишондиҳандаҳои дурнамо аз он шаҳодат медиҳанд, ки бо назардошти рушди соҳибкорӣ нишондиҳандаи гардиши моли чакана дар ҳамаи соҳаҳо ва ҳаҷми хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ дар ҳамаи соҳаҳо то давраи соли 2015 мутаносибан 40,4 ва 43,0 фоиз афзоиш меёбанд.

*Ҷадвали 24. Дурнамои рушди бозори истеъмолӣ дар давраи то соли 2015*

| Нишондиҳандаҳо | 2011 ҳисобот | 2012 баҳодиҳӣ | дурнамо | | | 2015 бо % нисбати 2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2013 | 2014 | 2015 | |
| Гардиши моли чакана дар ҳамаи соҳаҳо | 62,4 | 71,7 | 81 | 85 | 89,2 | 143,0 |
| Ҳаҷми хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ дар ҳамаи соҳаҳо | 23,5 | 26,3 | 29,5 | 31,2 | 33,1 | 140,4 |

## Ҷадвали 25. Стратегияҳо ва вазифаҳои сектори иқтисодӣ

| Мақсад | Вазифаҳо | Амалиётҳо/Лоиҳаҳо | Арзиш (ҳаз. сом) | солҳо 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | Масъул | Сарчашмаҳои молиявӣ | Натиҷаҳои пешбинишаванда |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Кишоварзӣ | | | | | | | |
| Баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ | Беҳтар намудани дастраси ХД ба воситаҳои истеҳсоли кишоварзӣ | Ташкил намудани 2 адад хоҷагиҳои тухмипарварӣ | 400 | 80 | 80 | 80 | 80 | 80 | МИМҲД, | Номаълум | % афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ (35% то соли 2016) |
| | | Фароҳам овардани шароити мусоид барои ташкили марказҳои лизинги мошинҳо ва дигар лавозимоти кишоварзӣ | 500 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | МИМҲД, | Номаълум | Шумораи ҷойҳои нави кории ташкилдшуда (150 ҷой то соли 2016) |
| | | Ташкил кардани 2 адад нуқтаҳои фурӯши маводҳои тухмии хушсифат, нуриҳои минералӣ, пестисидҳо, заҳрхимикатҳо ва дигар лавозимоти кишоварзӣ | 400 | 80 | 80 | 80 | 80 | 80 | МИМҲД, | Номаълум | % зиёдшавии воридоти андоз аз ҳисоби соҳаи кишоварӣ ба буҷет (25% то соли 2016)<br>Фоизи барқароршавии низоми заҳбурҳо (75% то соли 2016) |
| | | Дар заминаи корхонаҳои ёрирасонӣ Селхозтехника, Селхозхимия ташкил намудани Марказҳои хизматрасонии техникаи кишоварзӣ (МТС)- 2 адад | 250 | 50 | 50 | 50 | 50 | 50 | Соҳибкорони маҳаллӣ | Номаълум | Шумораи пойгоҳҳои обкашии барқароршуда (65адад то соли 2016)<br>Фоизи чоҳҳои амудии барқароршуда (75% то соли 2016) |
| | | Барқарорсозии обанбори Ассотсиатсияи хоҷагиҳои деҳқонии ба номи Ҷ. Эргашев (фазаи аввал) | 5000 | | 1200 | 1200 | 1200 | 1400 | Шӯъбаи кишоварзӣ | Сармояи хориҷӣ | Ташкили 450 га боғҳои нав то соли 2016 |
| | Азхудкунии заминҳои бекорхобида | Таъсис намудани агросервисҳо- нуқтаҳои таъмиру хизматрасонии техникаи кишоварзӣ 1 адад | 500 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | соҳибкорҳо | Номаълум | Ташкил кардани 2 адад нуқтаҳои фурӯши маводҳои тухмии хушсифат, нуриҳои минералӣ, пестисидҳо, заҳрхимикатҳо ва дигар лавозимоти кишоварзӣ то соли 2016 |
| | | Пурзӯр намудани фаъолияти маркази мубориза бар зидди ҳашаротҳои зараррасон тавассути харид намудани заҳрхимикатҳо | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | МИМҲД, ХД ваАХД | Номаълум | Ташкили 4 нуқтаи бойторӣ дар ҷамоатҳои Мастчоҳ, Авзикент, Бӯстон ва Палдорак то соли 2016 |
| Беҳтар намудани ҳолати чорводории ноҳия | | Ташкил намудани боғу токзорҳо аз ҳисоби заминҳои бекорхобида (600 га) | 1000 | 200 | 200 | 200 | 200 | 200 | МИМҲД, ВКҶТ | Буҷети ҷумҳуриявӣ | Васеъ намудани майдони кишти хӯроки чорво аз ҳисоби заминҳои бекорхобида (20га то соли 2016)<br>Тоза кардани заҳбуру заҳкашҳои |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Васе намудани майдони кишти хӯроки чорво аз ҳисоби заминҳои бекорхобида (20га) | 60 | 12 | 12 | 12 | 12 | 12 | МИМҲД, АХД, ХД | Номаълум | кушода ва пӯшидаи дохили хоҷагӣ (127км то соли 2016)<br><br>Ташкили 2 адад марказҳои хизматрасонии техникаи кишоварзӣ то соли 2016 |
| | Баланд бардоштани истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ | Ташкили 4 нуқтаи бойторӣ дар ҷамоатҳои Мастчоҳ, Авзикент, Бӯстон ва Палдорак. | 100 | 200 | 200 | 200 | 200 | 200 | Маркази бойтории ноҳия | Номаълум | |
| | | Ташкил намудани 2-нуқтаи дорухонаи бойторӣ | 40 | 8 | 8 | 8 | 8 | 8 | Маркази бойторӣ | Номаълум | |
| | | Фароҳам овардани шароити мусоид ба ташкилотҳои байналмилалие, ки дар самти пешгирии бемории чорво фаъолият менамоянд | 10 | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 | Маркази бойторӣ | Номаълум | |
| Беҳтар намудани фаъолияти иншоотҳои обрасонии ноҳия | Беҳтар кардани таъминоти оби полезӣ ва ҳолати мелиоративии заминҳои кишоварзӣ | Мақсаднок истифода бурдани заминҳои наздизаҳбурӣ, аз гардиши заминҳои кишоварзӣ баровардани онҳо | 50 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | МИМҲД | Буҷети ноҳия | |
| | | Барқарорсозии пойгоҳи «Дилварзин-1 кӯҳна» | 1000 | 200 | 200 | 200 | 200 | 200 | МИМҲД, ВМЗОЧТ | Буҷети Ҷумҳуриявӣ | |
| | | Барқарорсозии пойгоҳи обкашии «Дилварзин-2-2А», майдони умумӣ 6702 га | 1300 | 260 | 260 | 260 | 260 | 260 | | Буҷети Ҷумҳуриявӣ | |
| | | Барқарорсозии пойгоҳи обкашии «ВДК Фирдавсӣ» | 1800 | 360 | 360 | 360 | 360 | 360 | МИМҲД, ВМЗОЧТ | Буҷети Ҷумҳуриявӣ | |
| | | Барқарорсозии пойгоҳи обкашии «Янтоқ-1», майдони умумӣ 3452 га | 1100 | 220 | 220 | 220 | 220 | 220 | МИМҲД, ВМЗОЧТ | Буҷети Ҷумҳуриявӣ | |
| | | Сохтмони чоҳи амудӣ барои бо об беҳтар таъмин намудани наҳри ДН-2 | 1000 | 200 | 200 | 200 | 200 | 200 | МИМҲД, ВМЗОЧТ | Буҷети Ҷумҳуриявӣ | |
| | | Барқарорсозии чоҳҳои амудии мелиоративӣ дар ҷамоатҳои Мастчоҳ, Обурдон ва Палдорак | 1600 | 320 | 320 | 320 | 320 | 320 | МИМҲД, ВМЗОЧТ | Буҷети Ҷумҳуриявӣ | |
| | | Барқарорсозии наҳри ДМК-2А | 350 | 70 | 70 | 70 | 70 | 70 | МИМҲД, ВМЗОЧТ | Буҷети Ҷумҳуриявӣ | |
| | | Барқарорсозии каналҳои байнихоҷагӣ | 450 | 90 | 90 | 90 | 90 | 90 | МИМҲД, ВМЗОЧТ | Буҷети Ҷумҳуриявӣ | |
| | | Барқарорсозии заҳкашҳои кушоди байнихоҷагӣ | 960 | 192 | 192 | 192 | 192 | 192 | МИМҲД, ВМЗОЧТ | Буҷети Ҷумҳуриявӣ | |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | *Барқарорсозии пойгоҳи об-кашии «Дилварзин-1А», майдони умумӣ 5956 га* | *1600* | *320* | *320* | *320* | *320* | *320* | *МИМХД, ВМЗОҶТ* | *Буҷети Ҷумҳуриявӣ* |
| | | *Барқарорсозии пойгоҳи об-кашии «Дилварзин-3», май-дони умумӣ 1600 га* | *500* | *100* | *100* | *100* | *100* | *100* | *МИМХД, ВМЗОҶТ* | *Буҷети Ҷумҳуриявӣ* |
| | | *Барқарорсозии пойгоҳи об-кашии «ВДК Ленин», май-дони умумӣ 350 га* | *320* | *64* | *64* | *64* | *64* | *64* | *МИМХД, ВМЗОҶТ* | *Буҷети Ҷумҳуриявӣ* |
| | | *Барқарорсозии пойгоҳи об-кашии «Янтоқ-2», майдони умумӣ 1512 га* | *860* | *172* | *172* | *172* | *172* | *172* | *МИМХД, ВМЗОҶТ* | *Буҷети Ҷумҳуриявӣ* |
| | | *Барқарорсозии пойгоҳи об-кашии «Дилварзин-0», май-дони умумӣ 1072 га* | *720* | *144* | *144* | *144* | *144* | *144* | *МИМХД, ВМЗОҶТ* | *Буҷети Ҷумҳуриявӣ* |
| | | *Барқарорсозии пойгоҳи об-кашии «Янтоқ-3», майдони умумӣ 1672 га* | *310* | *62* | *62* | *62* | *62* | *62* | *МИМХД, ВМЗОҶТ* | *Буҷети Ҷумҳуриявӣ* |
| | *Баланд бардоштани тахассуси кадрҳо ва дастраси ХД ба хизматрасонии машваратии кишоварзӣ* | *Барқарорсозии пойгоҳи об-кашии «Янтоқ-4-5», май-дони умумӣ 3233 га* | *560* | *112* | *112* | *112* | *112* | *112* | *МИМХД, ВМЗОҶТ* | *Буҷети Ҷумҳуриявӣ* |
| | | *Барқарорсозии пойгоҳи обкашӣ дар коллектори ВК-10* | *1800* | *360* | *360* | *360* | *360* | *360* | *МИМХД, ВМЗОҶТ* | *Буҷети Ҷумҳуриявӣ* |
| | | *Барқарорсозии пойгоҳи об-кашии «Дилварзин-1Б»* | *684* | *76,8* | *76,8* | *76,8* | *76,8* | *76,8* | | |
| | | *Тозакардани заҳбуру заҳкашҳои кушода ва пӯшидаи дохили хоҷагӣ, 127 км* | *3250* | *650* | *650* | *650* | *650* | *650* | *МИМХД, ВКҶТ* | *Буҷети Ҷумҳуриявӣ* |
| | | *Баркарор сохтани чоҳҳои амудии меллиоративӣ дар ҷамоатҳои Палдорак, Об-бурдон ва Мастчоҳ* | *290* | *58* | *58* | *58* | *58* | *58* | *МИМХД* | *Буҷети вило-ят, буҷети ноҳиявӣ, ФБ* |
| | | *Сохтмони хатти нави оби полезии назди ҳавлигӣ дар ҷамоати Палдорак* | *38* | *7,6* | *7,6* | *7,6* | *7,6* | *7,6* | *МИМХД* | |
| | | *Тайёр намудани курсҳои бозомӯзӣ дар заминаи мавҷудаи колеҷи кишоварзӣ ва литсеӣ касбии кишовар-зии ноҳия* | *30* | *6* | *6* | *6* | *6* | *6* | *Колеҷ ва Литсеӣ ки-шоварзии* | *Номаълум* |
| | *Паст кардани* | *Таъсис намудани маркази хизматрасонии машваратӣ* | *50* | *10* | *10* | *10* | *10* | *10* | *МИМХД, ИҶ* | *Номаълум* |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | сатҳи эрозияи замин | доир ба масъалаҳои рушди соҳаи кишоварзӣ | | | | | | | | |
| | | Ташкил ва гузаронидани курсҳои кӯтоҳмуддат дар масъалаҳои маданияти истифодаи замин, маркетинг, усулҳои нави агротехникӣ ва технологияҳои муосири коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, ташкили гармхонаҳо, истифодаи усули обьёрии қатрагӣ, тайёр намудан ва истифодаи нуриҳои органикӣ ва гайра барои намояндагони ХД ноҳия | 100 | 20 | 20 | 20 | 20 | 20 | МИМҲД, ИҶ | Номаълум |
| ҲАМАГӢ: | | | 24082 | 5016,4 | 5016,4 | 5016,4 | 5016,4 | 5016,4 | | |
| **САНОАТ** | | | | | | | | | | |
| Таъмини боз ҳам баланд бардоштани иқтисодиёти саноатӣ | Ҷорӣкардани техника ва технологияи замонавӣ | Ташкил карадни сехҳои хурди коркарди маҳсулоти чорводорӣ | 250 | 50 | 50 | 50 | 50 | 50 | МИМҲД, Соҳибкорон | Сармояи хориҷӣ | % зиёд шудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ (20% то соли 2015)<br><br>Суръати афзоиши истеҳсоли маҳсулоти саноати (ҳамасола 5-7% то соли 2015)<br><br>Ташкил кардани сехҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар ҷамоатҳои ноҳия (то соли 2016 - 5адад) |
| | | Дар заминаи корхонаи ресандагии «Олим текстайлз» сохтмони сехи бофандагӣ ва рангуборкунӣ | 2000 | 400 | 400 | 400 | 400 | 400 | ҶСПШСМ «Олим Каримзод-М» | Сармояи дохилӣ | |
| | | Дар заминаи корхонаи ҶММ Ализода васл намудани таҷҳизот ва техникаи замонавӣ оиди истеҳсоли матоҳо | 1000 | 200 | 200 | 200 | 200 | 200 | МИМҲД, Соҳибкорон | Сармояи хориҷӣ ва маблағҳои худӣ | |
| | | Ташкил кардани сех оиди коркарди пӯст ва пашм | 200 | 40 | 40 | 40 | 40 | 40 | МИМҲД, | Номаълум | |
| | | Ташкил карадни сехҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар ҷамоатҳои Бӯстон, Такелӣ, Авзикент ва Қуруқсой | 500 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | Соҳибкорон | Номаълум | |
| | | Тартиб додани шиносномаи экологии корхонаҳо | 10 | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 | Шӯъба экология | Корхонаҳо | |
| | | Мунтазам бурдани баҳисобгирии партовоҳо | 180 | 36 | 36 | 36 | 36 | 36 | Шӯъба экология | Номаълум | |
| | | Мукаммал кардани чангқапакҳо ва | 160 | 32 | 32 | 32 | 32 | 32 | Шӯъба экология | Номаълум | |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | садоченкунакҳо дар корхонаҳо | | | | | | | | |
| | | Сохтмони комбинати масолеҳи сохтмонӣ дар ноҳия -Фазаи аввал | 3000 | 600 | 600 | 600 | 600 | 600 | Шӯъбаи иқтисод | Сармояи хориҷӣ |
| ҲАМАГӢ: | | | 4300 | 860 | 860 | 860 | 860 | 860 | | |
| **Соҳибкории хурд ва миёна** | | | | | | | | | | |
| Фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди устувори СХМ | Беҳтар намудани муҳити соҳибкорӣ | Таъсис додани шӯрои рушди соҳибкорӣ дар наздӣ МИМҲД | 5 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | шӯбаи рушди иқтисод | - | зиёд шудани шумораи корхонаҳои хурд ва соҳибкорон (30 адад то соли 2015)<br><br>Шумораи ҷойҳои кори наве, ки аз ҳисоби соҳибкорон ташкил шудааст (75 ҷой то соли 2015)<br><br>% воридоти андоз ба буҷет (15% то соли 2015)<br><br>Ба роҳ мондани коркарди 35% маҳсулоти кишоварзӣ дар дохили ноҳия то соли 2015 |
| | | Ташкил кардани маркази иттилоотӣ-машваратӣ доир ба рушди СХМ | 20 | 4 | 4 | 4 | 4 | 4 | | Номаълум | |
| | | Ҳавасманд кардани соҳибкорон барои ташкили корхонаҳои нав тавассути ҷудо намудани қитъаҳои замин барои сохтмони корхонаҳо ва нуқтаҳои савдо ва хизматрасонӣ | 20 | 4 | 4 | 4 | 4 | 4 | | Буҷети маҳаллӣ | |
| | Баланд бардоштани савияи донишҳои соҳибкорон доир ба ташкили фаъолияти соҳибкорӣ | Мусоидат намудан барои фаъолияти ташкилотҳои молиявӣ | 10 | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 | шӯбаи рушди иқтисод | Буҷети маҳаллӣ | |
| | | Ташкил ва гузаронидани маъракаҳои иттилоотӣ ва омӯзишӣ барои соҳибкорон оиди ташкили фаъолияти соҳибкорӣ, кодекси андоз, санадҳои меъёрӣ- ҳуқуқӣ, таҳияи нақшаи тиҷоратӣ ва ғайраҳо | 50 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | шӯбаи рушди иқтисод | Номаълум | |
| | | Гузаронидани мизҳои мудаввар доир ба масъалаҳои мубраи соҳаи СХМ | 10 | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 | | Номаълум | |
| | | Ташкили сарлавҳаи Рушди соҳибкорӣ дар рӯзномаи маҳаллии «Машъал» ва ТВ «Мастчоҳ» | 15 | 3 | 3 | 3 | 3 | 3 | МИМҲД, Рӯзномаи «Машъал», ТВ «Мастчоҳ» | Номаълум | |
| ҲАМАГӢ: | | | 130 | 26 | 26 | 26 | 26 | 26 | | | |

## 2.2. ИҶТИМОИЁТ

### 2.2.1. Тандурустӣ

***Солимии аҳолӣ.*** Дастрас намудани хизматрасони тиббии хушсифат барои аҳолӣ яке аз Ҳадафҳои рушди ҳазорсола ва воситаҳои асосии паст намудани сатҳи камбизоатӣ ба шумор меравад.

Дар ноҳияи Мастчоҳ масъалаи мазкур ба таври ҷиддӣ ба роҳ монда шуда бошад ҳам, вале мушкилоти зиёде дар ин самт мавҷуд мебошанд, ки ҳалли онҳо барои ноҳия афзалиятнок ба шумор мераванд, аз ҷумла зиёдшавии касалиҳои сироятӣ, зиёд будани шумораи таваллуд дар шароити хона, ба талабот ҷавобгуй набудани солимии модару кӯдак, нишондиҳандаҳои номусоиди бемориҳои камхунӣ, ҷоғар дар байни модарон ва занҳои қобили таваллуд, бемориҳои дарунӣ ва ишемикии дил, фишорбаландӣ, бемории сил ва ғайраҳо.

***Саломатии модар ва кӯдак.*** Дар ноҳияи Мастчоҳ дар соли 2010 шумораи занҳои қобили таваллуд - 29680 нафарро ташкил намуд.

*Ҷадвали 26. Нишондиҳандаҳои сатҳи таваллуд дар солҳои 2008-2010*

| Нишондодҳо | 2008 | 2009 | 2010 | 2010 нисбати 2008 бо % |
|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ таваллуд | 2636 | 2939 | 3166 | 530 |
| бо фоиз % нисбати аҳолӣ | 25,4 | 28,3 | 30,5 | 5,1 |
| Нисбати занҳои қобили таваллуд | 10,4 | 11,2 | 12,1 | 2,5 |
| Дар таваллудхона | 2584 | 2875 | 3071 | 118,8 |
| бо фоиз | 90,1 | 97,8 | 96,9 | 6,8 |
| Дар хона | 52 | 64 | 95 | 43 |
| бо фоиз | 9,9 | 2,1 | 3,1 | 6,8 |
| Фавти модарон | 1 | - | 4 | 300 |
| Фавти модарон (ба 100 зинда таваллуд (промилле) | 37,9 | - | 126,3 | |

Яке аз мушкилоти асосии соҳаи тандурустии ноҳия баланд шудани муриши модарон ва паст шудани нишондиҳандаҳои сатҳи солимии модарон ва занҳои қобили таваллуд мебошад. Мувофиқи маълумотҳои расмӣ дар соли 2010 шумораи модарони фавтида ба 4 нафар расидааст (1 нафар фавтида аз оризаи преэклампсияи вазнин ва Helpp-синдром, 2 нафар аз ҳисоби гепатити вирусии «В» ва 1 нафар гепатити «С»).

Бояд қайд намуд, ки паст будани сифати оби нушокӣ сабаби ба бемориҳои сироятӣ гирифтор шудани аҳолӣ ва махсусан занҳо гардидааст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки шумораи гирифторони бемории гепатитҳои «В» ва «С» дар солҳои охир тамоюли зиёдшавӣ дорад.

Аз ҷумла, дар соли 2010 – 0,8 фоиз ё 26 нафар аз занҳои таваллуд карда бо шаклҳои гуногуни бемории гепатит гирифтор будаанд. Бемории мазкур асосан дар як мавзе яъне АХД «Фирдавсӣ» зиёд шуда истодааст ва 3 нафари модарҳои фавтида ҳам истиқоматкунандаи хоҷагии мазкур мебошанд.

Бояд қайд кард, ки ба сатҳи солимии модарон зиёд шудани бемории камхунӣ, гурда, риоя накардани фосилаи байни таваллуд, таваллуд дар шароити хона, паст будани маълумотнокии занҳо доир ба пешгирии бемориҳои зикргардида ва ғайраҳо таъсири манфӣ расонидааст. Дар солҳои охир дар ноҳия баланд шудани нишондиҳандаи таваллуд дар шароити хона ба назар мерасад, ин ҳолат бештар дар минтақаҳои кӯҳии ноҳия, аз ҷумла ҷамоатҳои деҳоти Авзикент, Навобод ва Оббурдон ба назар мерасад.

*Ҷадвали 27. Бемории камхунӣ ва ҷоғар дар байни занҳои таваллуд карда*

| Нишондиҳандаҳо | 2008 | 2009 | 2010 |
|---|---|---|---|
| Шумораи занҳои қобили таваллуд | 2638 | 2939 | 3166 |
| Анемия | 2162 | 2231 | 2352 |
| бо фоиз: | 81,9 | 75,9 | 74,2 |
| Бемориҳои ҷоғар (ЗОБ) | 22 | 26 | 19 |
| бо фоиз: | 8,3 | 8,6 | 6 |

Илова бар ин, дур будани масофа аз марказҳои тиббӣ, нарасидани момодояҳо дар минтақаҳо ва набудани нақлиёт ёрии таъҷилӣ дар минтақаҳои дурдасти ноҳия сабаби асосии зиёд шудани шумораи фавти модарон гардидааст.

Дар ноҳия шумораи бемории ҷоғар хеле зиёд шуда истодааст. Сабаби афзоиши бемории мазкур асосан ба костагии шароити иҷтимоии занон ва меҳнати вазнини ҷисмонӣ, хусусан занҳои ҷавон, ки аз моҳи март то ноябр дар бошишгоҳҳои саҳроӣ зиндагонию кор мекунанд, вобаста аст. Бояд қайд намуд, ки аз хӯроки камғизою оби нӯшокии бесифат организми онҳо заиф ва ба ҳар гуна касалиҳои сироаткунанда гирифтор мегардад. Илова бар ин бинобар сабаби паст будани сатҳи зиндагии бештари аҳолии ноҳия қисми зиёди беморон саривақт ба духтур мурочиат намекунанд.

Дар солҳои охир шумораи беморони камхунӣ хеле зиёд шудааст, дар байни занони ҳомила бошад хусусан камхунии шакли вазнин паҳн гаштааст. Бемории камхунӣ дар маҳаллаҳои Қуруқсой, Такелӣ ва махсусан дар мавзеҳои конҳои истихроҷи захираҳои зеризаминӣ ин бемори зиёдтар ба мушоҳида мерасад.

Айни замон ҷиҳати ҳалли масъалаи мазкур дар ноҳия 1 маркази репродуктивӣ, 3 шӯъбаи таваллуд, 1 шӯъбаи амрози ҳомилагон ва шӯъбаи ниссоӣ мавҷуд мебошад. Таъминот ба пизишкони момодоя ба 10 ҳазор аҳолӣ – 1,2 нафар ва бо момодоя (акушерка) 24 нафарро ташкил медиҳад. Дар ноҳия 8-то Марказхои саломатӣ ва Маркази солимии репродуктивӣ амал мекунад, ки дар 5 - тояш қабули ҳаррӯзаи пизишкони момодоя ташкил шудааст.

Дар Марказҳои солимии репродуктивии ҷамоатҳои деҳоти Авзикент, Қуруқсой, Палдорак аз тарафи пизишкони беморхонаи маркази ноҳия хизматрасонии тиббӣ расонида мешавад.

*Ҷадвали 28. Тамоюли фавти кудакони то 1 сола ва то 5 сола*

| Нишондиҳандаҳо | 2008 | 2009 | 2010 |
|---|---|---|---|
| Фавти кудакони то 5 сола ба 1000з\т (шумораи ҳодисаҳо) | 11 | 8 | 4 |
| Тағйирот бо% | | 72,7 | 36,4 |
| Фавти навзодони то 1 сола ба 1000з\т (шумораи ҳодисаҳо) | 49 | 60 | 48 |
| Тағйирот бо% | | 122,4 | 97,9 |

Дар солҳои охир дар ноҳия паст шудани нишондиҳандаи фавти кӯдакон ба назар мерасад, ки сабаби асосии он дуруст ба роҳ мондани фаъолияти Маркази ҳамбастагии бемориҳои кӯдакона ва Маркази эмтаъминкунии ноҳия мебошад. Дар солҳои охир кӯшиши Маркази ҳамбастагии бемориҳои кӯдакона барои мубориза бар зидди бемориҳои дарунрав, сироятҳои шадиди шуш, гелминтоз ва ғайраҳо равона шудааст.

Аз тарафи Маркази эмкунии ноҳия дар давоми 3 соли охир маъракаи эмкунии кӯдакон дар сатҳи баланд гузаронида мешавад, ки фоизи фарогирии кӯдакон ба маъракаи эмгузаронӣ ба 99,2 - 99,4 фоиз мебошад.

Ғайр аз ин ҳамаи пизишкони атфол ва занҳои қобили таваллуди ноҳия ба курсҳои омузишии «Ҳайати Шавқат»- фаро гирифта шудаанд, ки ин яке аз омили беҳтар шудани солимии кӯдак ба ҳисоб меравад.

***Бемориҳои сироятӣ ва дигар бемориҳо:*** Нишондодҳои бемориҳои сироятӣ сол ба сол зиёд шуда истодаанд, ки сабабҳои он паст будани маърифатнокии аҳолӣ нисбати пешгирии бемориҳои сироятӣ, зиёд шудани муҳоҷирати меҳнатӣ, норасоии мутахассисони тиб (пизишкони оилавӣ ва сироятшиносон), фаъолияти сусти Маркази назорати давлатии санитарӣ-эпидемиологӣ дар ноҳия ва ғайраҳо ба шумор меравад.

Соли 2010 дар ноҳия 86 нафар бемори гирифтори брутселлёз ба қайд гирифта шуд, ки аз ин 38 нафарашон сокинони ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ мебошанд. Барои пешгирии гирифтории аҳолӣ ба бемории мазкур 50 ҳазор чорвои хонагӣ ваксина карда шуданд.

Сол аз сол гирифтории аҳолӣ ба бемории исҳоли хунин зиёд шуда истодааст, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2008, 188 фоиз зиёд шудааст. Сабаби баланд шудани бемории мазкур пеш аз ҳама паст будани маълумотнокии аҳолӣ оид ба пешгирии он, риоя накардани гигиенаи шахсӣ, паст будани сифати оби нӯшокӣ мебошанд.

*Ҷадвали 29. Шумораи мутлақи бемориҳои сироятӣ дар солҳои 2007-2009(нафар)*

| Бемориҳои сироятӣ | 2008 | 2009 | 2010 | 2010 нисбати 2008(бо %) |
|---|---|---|---|---|
| Шумораи аҳолӣ | 98,2 | 100,1 | 102,3 | |
| Бемории сил | 118 | 150 | 129 | 109,32 |
| Промилле | 120.1 | 149,8 | 126 | |
| Бемории варача | 1 | - | - | - |
| Промилле | 1,01 | | | - |
| Бемории брутселлёз | 96 | 82 | 86 | 89,58 |
| Промилле | 107,6 | 81,9 | 84,0 | |
| ВИЧ \СПИД | 5 | 8 | 14 | 325 |
| Промилле | 4,07 | 6,9 | 12,7 | |
| Газидан, оболудшави, харошидан аз тарафи ҳайвонҳо | 230 | 346 | 193 | 83,91 |
| Промилле | 234,2 | 345,6 | 188,6 | |
| Бемории домана | 1 | - | - | - |
| Промилле | 1,01 | | | |
| Исхоли хунин (дизентерия) | 17 | 33 | 49 | 288,23 |
| Промилле | 17,3 | 32,9 | 47,9 | |
| Дигар намуди касалиҳо | 3967 | 3721 | 4876 | 122,88 |

Ҳолати гирифтории аҳолӣ ба бемории АМБ (ВИЧ/СПИД) дар ноҳия хело ташвишовар мебошад.

Бояд қайд намуд, ки нишондиҳандаҳои ҷадвал ба АМБ ҳолати воқеиро нисбати паҳншавии он нишон намедиҳад, дар асл гирифтории аҳолӣ ба ин беморӣ зиёд мебошад, (соли 2012 ин нишондиханда ба 30 нафар расид ва аз он 9 нафараш фавтид) ки онро танҳо бо фарогирии ҳамаи аҳолӣ ба чорабиниҳои ташхисӣ муайян кардан лозим мебошад.

***Инфрасохтори тандурустӣ.*** Гарчанде буҷети соҳаи тандурустии ноҳия сол аз сол зиёд шуда истода бошад ҳам, дар ноҳия мушкилотҳои зиёди инфрасохтории соҳаи тандурустӣ мавҷуд мебошанд. Дар қатори онҳо ба итмом нарасонидани сохтмони Марказии саломатии ҷамоати Оббурдон, ки дар навбати худ ба 35 ҳаз. аҳолии ҷамоат бояд хизмат расонад, сохтмон ва таъмири асосии 15 хонаҳои саломатӣ дар ҷамоатҳои Оббурдон, Мастчоҳ ва Палдорак, таҷҳизонидани Беморхонаи марказӣ ва Маркази саломатии ноҳияи Мастчоҳ бо техникаи тиббӣ ҳамчун мушкилоти аввалиндарача ба ҳисоб меравaнд. Вазъи феълии бинои шӯъбаи ҷарроҳии беморхонаи марказии ноҳия хеле дилгиркунанда мебошад.

Дар шӯъбаи ҷарроҳӣ системаи канализатсия ва обёрӣ дар ҳолати фарсудагӣ мебошад, аз чил адад водопровод ҳамагӣ панҷ адад коршоям мондааст. Дар шӯъба аз ҳафт адад ҳоҷатхона дутояш коршоям мебошад ва дар ҳолати фарсудагӣ мебошанд. Ҳаммом низ корношоям. Фаршҳои шӯъба низ пурра фарсуда шудаанд. Системаи барқдиҳӣ ва гармидиҳӣ бошад таъмирталаб мебошанд.

Бояд қайд кард, ки паст будани ҳавасмандкунонии коркунони тиб, нокифоя будани музди меҳнат, набудани таҷҳизотҳои тиббии ҳозиразамон яке аз сабабҳои паст будани сафи хизматрасонии тиббӣ мебошад.

Буҷаи соҳаи тандурустии ноҳия сол то сол меафзояд, ки ҳиссаи он нисбати буҷети умумии ноҳия дар соли 2010 ба 24,8 фоиз расид, ки нисбати соли 2008 ба 6,4 фоиз зиёд мебошад.

*Ҷадвали 30. Муассисаҳои табобатӣ профилактикии ноҳияи Мастчоҳ*

| | |
|---|---|
| Муассисаҳои КАТС | 1 – Маркази саломатии ноҳия<br>8 – Марказҳои саломатии деҳот<br>21 – Хонаҳои саломати |
| Хадамоти бистарикунонӣ | 1 – адад Беморхонаи марказии ноҳия дорои 290 кат<br>5 – адад Беморхонаҳои деҳоти дорои 330 кат |
| Марказҳои тиббии махсусгардонидашуда | Маркази мубориза зидди бемории сил<br>Маркази ташаккули тарзи ҳаёти солим<br>Маркази репродуктивӣ |

| | |
|---|---|
| | Маркази ҳамбастагии бемориҳои кӯдакона<br>Маркази давлатии санитариву эпидемиологӣ<br>Маркази эмкунӣ |

*Ҷадвали 31. Сатҳи тахассусии кормандони соҳаи тандурустии ноҳия*

| Нишондиҳандаҳо | Ҳамагӣ коргарон | Маълумоти миёнаи махсус | Маълумоти олӣ |
|---|---|---|---|
| Муассисаҳои тандурустии ноҳия | 640 | 293 | 126 |
| Бо фоиз (%) | 100 | 45,7 | 19,7 |
| Муассисаҳои КАТС | 313 | 143 | 85 |
| Бо фоиз (%) | 76,5 | 69,9 | 77,9 |
| Хадамоти бистарикунонӣ | 426 | 187 | 61 |
| Бо фоиз (%) | 62,0 | 67,5 | 60,8 |

*Ҷадвали 32. Буҷети соҳаи тандурустии ноҳия*

| Номгӯи буҷет | в/ч | 2008 | 2009 | 2010 | 2011 |
|---|---|---|---|---|---|
| Буҷети ноҳия | сомонӣ | 7615421 | 11505833 | 13195034 | 15089695 |
| Буҷети тандурустӣ | сомонӣ | 1184591 | 2121676 | 3098400 | 3852134 |

*Ҷадвали 33. Дурнамои рушди соҳаи тандурустӣ барои солҳои 2011-2015*

| Нишондиҳандаҳо | 2011 ҳисобот | 2012 баҳодиҳӣ | Дурнамо | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2013 | 2014 | 2015 | 2015 бо % нисбати 2011 |
| Шумораи кати беморхонаҳо (ҳазор кат) | 0,630 | 0,630 | 0,610 | 0,605 | 0,600 | 95,2 |
| Иқтидори муассисаҳои амбулаторию дармонгоҳӣ (ҳаз. қабул дар як баст) | 432 | 445 | 550 | 600 | 700 | 162 |
| Миқдори муассисаҳои тиббӣ (воҳид) | 17 | 17 | 17 | 16 | 15 | 88,2 |
| Миқдори хонаҳои тӣббӣ (воҳид) | 21 | 21 | 21 | 21 | 21 | 100 |
| - клиникаҳои (беморхонаҳои) хусусӣ | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 100 |
| Шумораи кормандони тиббӣ (ҳаз. нафар) | 0,784 | 0,784 | 0,784 | 0,790 | 0,800 | 102 |
| аз он ҷумла: | | | | | | |
| Духтурон | 0,125 | 0,125 | 0,128 | 0,130 | 0,135 | 108 |
| кормандони миёнаи тиббӣ | 0,659 | 0,659 | 0,656 | 0,660 | 0,665 | 100,9 |
| Таъминот барои 10 ҳаз. аҳолӣ: | | | | | | |
| бо катҳо дар беморхонаҳо (кат) | 0,61 | 0,61 | 0,60 | 0,55 | 0,50 | 82 |
| бо духтурон (нафар духтур) | 13,5 | 14 | 15 | 17 | 18 | 133,3 |
| бо кормандони миёнаи тиббӣ (нафар к.м.т.) | 30 | 30,5 | 32 | 35 | 40 | 133,3 |
| бо муассисаҳои амбулаторию дармонгоҳӣ (қабул дар як баст) | 750 | 850 | 1000 | 1100 | 1200 | 160 |

### 2.2.2. Маориф

***Сатҳи умумии маълумотнокӣ.*** Сатҳи умумии маълумотнокии аҳолии ноҳияи Мастчоҳ дар солҳои охир баланд шудаст, аз ҷумла дар байни занҳо.

*Ҷадвали 34. Сатҳи маълумотнокӣ аз рӯи тақсимоти ҷинсӣ*

| Сол | 2008 | | | 2010 | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Дараҷаи маълумот | Ҳамагӣ | Аз ҷумла занҳо | % | Ҳамагӣ | Аз ҷумла занҳо | % |
| Олӣ | 788 | 283 | 36,1 | 806 | 290 | 35,9 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Олии нопурра | 83 | 56 | 67,4 | 81 | 55 | 67,9 |
| Миёнаи касбӣ | 474 | 372 | 78, | 476 | 372 | 78,5 |
| Миёнаи умумӣ | 19 | 9 | 447,3 | 7 | 4 | 57,4 |
| Ҳамагӣ: | 1364 | 720 | 52,7 | 1370 | 721 | 52,6 |

***Маълумоти томактабӣ.*** Дар соли 2010 дар ноҳияи Мастчоҳ 10 муассисаҳои томактабӣ амал мекарданд (624 ҷои нишаст). Шумораи умумии таълимгирандагон дар муассисаҳои мазкур соли 2010 - 670 нафарро ташкил медиҳад (54,5% писар ва 45,5% духтар), ки дар қиёс ба соли 2008 ба 46 нафар ва ё 7,4 фоиз афзоиш ёфтааст.

*Ҷадвали 35. Шумораи умумии таълимгирандагон дар муассисаҳои томактабӣ тӯли солҳои 2008-2010*

| Муассисаҳо | 2008 | | | 2009 | | | 2010 | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Ҳамагӣ | Писарон | Духтарон | Ҳамагӣ | Писарон | Духтарон | Ҳамагӣ | Писарон | Духтарон |
| №1 | 130 | 80 | 50 | 116 | 68 | 48 | 130 | 75 | 55 |
| №2 | 25 | 15 | 10 | - | - | - | | | |
| №4 | 85 | 53 | 32 | 80 | 49 | 31 | 85 | 49 | 36 |
| №5 | 80 | 45 | 35 | 80 | 56 | 24 | 80 | 42 | 38 |
| №6 | 124 | 64 | 60 | 126 | 70 | 56 | 120 | 58 | 62 |
| №7 | - | - | - | - | - | - | 65 | 41 | 24 |
| №8 | 35 | 20 | 15 | 58 | 36 | 22 | 45 | 27 | 18 |
| №10 | 35 | 18 | 17 | 35 | 10 | 20 | 35 | 18 | 17 |
| №11 | 65 | 35 | 30 | 60 | 35 | 25 | 65 | 33 | 32 |
| №12 | 45 | 25 | 20 | 47 | 29 | 18 | 45 | 22 | 23 |
| Ҳамагӣ: | 624 | 355 | 269 | 602 | 358 | 244 | 670 | 365 | 305 |

Фоизи таъмин кардани кӯдакони синни томактабӣ бо ҷойҳои нишаст дар боғчаҳои бачагона ҳамагӣ 2 фоизро ташкил мекунад (шумораи миёнаи кӯдакони синни то мактабӣ дар солҳои охир тағйирёбанда мебошад аз 6100 то 7200 нафар). Ғайр аз ин, ҳолати кунунии инфрасохторӣ ва таҷҳизонидани техникии боғчаҳои бачагона ба талаботҳои шароити муосир ҷавобгӯ нест. Системаи таъминкунии оби нӯшокӣ ва корезӣ дар ҳолати ногувор қарор дошта (аз сабаби норасоии маблағ дер боз корҳои таъмирӣ нагузаронидаанд), мушкилотро дар ин самт дучанд мегардонад. Мушкилотҳои вобаста ба инфрасохтор дар вақтҳои зимистон боз ҳам афзун шуда, набудани сарчашмаҳои иловагии гармӣ ва шароити мусоиди таълим таъсири бевоситаи худро ба сифати таълиму тарбия мерасонад. Ин мушкилотро бештар дар боғчаҳои бачагони № 11, № 6 ва № 5 мушоҳида намудан мумкин аст.

***Маълумоти мактабӣ.*** Дар ноҳия 45 Муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонӣ амал мекунад, ки аз онҳо 32 тоаш мактабҳои таҳсилоти миёнаи умуми (синфҳои аз 1 то 11), 2 адад мактабҳои шакли нав (литсей синфҳои 5-11) ва 11 адад мактабҳои таҳсилоти асосии умуму (синфҳои 1-9) мебошанд.

*Ҷадвали 36. Шумораи умумии хонандагон дар муассисаҳои таълимии ноҳия тӯли солҳои 2008-2010*

| Солҳо | 2008 | | | | 2009 | | | | 2010 | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Синфҳо | Ҳамагӣ | писарон | духтарон | %духтарон | Ҳамагӣ | писарон | Духтарон | %духтарон | Ҳамагӣ | писарон | ддухтарон | %духтарон |
| аз 1 то 4 | 8358 | 4429 | 3929 | 47 | 8277 | 4499 | 3778 | 45.6 | 8441 | 4429 | 4013 | 47,5 |
| аз 5 то 9 | 10706 | 5855 | 4851 | 41 | 10270 | 5761 | 4599 | 44.7 | 10117 | 5608 | 4509 | 80,4 |
| аз 10 то 11 | 2183 | 1497 | 686 | 31,4 | 1984 | 1379 | 605 | 30.5 | 2030 | 1428 | 602 | 29,6 |
| Ҳамагӣ: | 21247 | 11781 | 9466 | 44,5 | 20531 | 11449 | 9082 | 44.2 | 20588 | 11468 | 9124 | 44,3 |

Шумораи умумии хонандагон дар соли 2010 дар қиёс ба соли 2008 ба 659 нафар ва ё 3,1 фоиз коҳиш ёфтааст. Яке аз омилҳои асосие, ки ба давомоти хонандагон дар синфҳои болои таъсир мерасонад ин муҳоҷирати меҳнатӣ мебошад. Бинобар сабаби вазнин будани шароити иҷтимоӣ дар оилаҳои камбизоат баъди хатми синфи 9 баъзе хонандагон ба омӯзишгоҳҳои касбӣ - техникӣ, омӯзгорӣ дохил мешаванд ва ё ба муҳоҷирати меҳнатӣ мераванд. Сабаби кам шудани шумораи хонандагон нисбат ба соли 2008 мавриди амал қарор гирифтани қарори дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба масъалаи ғайриҳатмӣ будани таҳсилот дар синфҳои 10-11».

Яке аз сабабҳои асосии кам гардидани шумораи хонандагон дар солҳои охир аз як тараф ба кам гардидани шумораи қабул дар синфҳои ибтидоӣ ва ба зинаи сеюми таҳсил (синфҳои 9-11) кам фаро гирифтани хонандагон бошад, аз тарафи дигар ин ба пасту баланд шудани сатҳи таваллулуд вобастааст (камшавии таваллуд дар соли 2003 мушоҳида карда мешавад.

Сатҳи давомоти иштироки хонандагони мактабҳои ноҳия, мутобиқи баҳодиҳии мутахассисони маҳаллӣ, нисбати ҳисоби умумии хонандагон 92-94 фоизро ташкил медиҳад. Сатҳи хориҷшавии хонандагон аз синфҳои 9-10 нисбати ҳисоби умумии хонандагон ҳамин синфҳо 2,5 фоиз ва аз синфҳои 10-11 бошад нисбати ҳисоби умумии хонандагон ин синфҳо 0,5 фоизро ташкил медиҳад.

Қайд кардан лозим аст, ки бинобар сабаби нарасидани воситаҳои молиявии буҷети маҳаллӣ ва кам будани дастгирии молиявӣ аз ҷониби вазорату идораҳои соҳавӣ на ҳамаи муассисаҳои таълимии ноҳия сари вақт таъмиру барқарор карда мешаванд.

***Айни замон дар ноҳия 4 мактаб*** дар ҳолати садамавӣ қарор доранд, ки инҳо мактабҳои №19 дар деҳаи Чолата, №15 дар деҳаи Таракент, №6 дар ҷамоати Авзикент №3 дар ҷамоати Обурдон мебошанд. Дар ноҳия тавассути ҳашар бо қувваи аҳолӣ дар солҳои охир ду мактаби нав (12 синфхона) барои 240 ҷойи нишаст сохта ба истифода дода шуд.

Дар соли 2010 - 118 хонандагони муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонии ноҳия дар озмӯнҳои сатҳи вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ иштирок карданд. Дар тӯли се соли охир хонандагони ноҳия дар озмӯнҳои гуногун иштирок варзида, ба ҷойҳои намоён сазовор шуданд (14 нафар – ҷоиҳои аввал, 18 нафар – ҷои дуюм, 15 нафар – ҷои сеюм).

Дар муассисаҳои таълимии ноҳия тамоюли беҳтаршавии сатҳи таъминоти мактабҳо ва муассисаҳои томактабӣ бо кадрҳои баландихтисос ва нарасидани кадрҳо мушоҳида карда мешавад.

*Ҷадвали 37. Шумораи умумии омӯзгорон дар ноҳия тӯли солҳои 2007- 2010 (нафар)*

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | |
|---|---|---|---|
| | 2007-2008 | 2008-2009 | 2009-2010 |
| Ҳамагӣ | 1265 | 1364 | 1370 |
| Аз ҷумла, занҳо | 693 | 720 | 721 |
| Маълумоти олӣ | 620 | 788 | 806 |
| -аз ҷумла, занҳо: | 245 | 283 | 290 |
| Олии нопурра | 95 | 83 | 81 |
| - аз ҷумла, занҳо | 53 | 56 | 55 |
| Миёнаи махсус | 507 | 474 | 476 |
| - аз ҷумла, занҳо: | 395 | 372 | 372 |
| Миёна | 43 | 19 | 7 |
| - аз ҷумла, занҳо: | 38 | 9 | 4 |
| Такмили ихтисоси кадрҳо | 38 | 59 | 86 |
| - аз ҷумла, занҳо: | 19 | 25 | 48 |

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки яке аз мушкилотҳои асосии соҳаи маориф ин норасоии мутахасиссон ва махсусан муаллимони фанҳои химия, физика, технологияи информатсионӣ, забони русӣ ва хориҷӣ мебошад. Паст будани музди маош ва ҳавасмандӣ сабаби аз кор рафтани мутахассисони соҳибтаҷриба шуда истодааст. Бинобар ин дар солҳои 2008-2010 - 61 нафар омӯзгорон ба корҳои дигар гузаштанд ва ё ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтанд.

Дар чорчӯбаи ислоҳоти соҳаи маориф мувофиқи қарори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Мастчоҳ аз 28 декабри сол 2009 №511 «Дар бораи гузариши муассисаҳои таълимии ноҳия ба маблағгузории сари касӣ» ҳамаи мактабҳои ноҳия аз соли 2010 ба маблағгузории сари касӣ гузаштанд.

Мутобиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.09.2010 № 416 «Дар бораи компютерикунонии мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ», мактабҳои ноҳия бо компютерҳо ва таҷҳизоти компютерӣ таҷҳизонида шудаанд. Дар айни замон дар тавозуни муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонии ноҳия 450 компютер мавҷуд аст, ки барои 45 хонанда як компютер рост меояд. Аз рӯи меъёрҳои мавҷуда таъминоти таҷҳизоти компютерии муассисаҳои таълимии ноҳия нокифоя буда, барои таъмини пурраи он боз 420 компютер лозим мебошад (мувофиқи меъёрҳои Вазорати маориф бояд як адад компютер ба 20 нафар хонанда рост ояд).

Дар бештари мактабҳои ноҳия мизу курсиҳо кӯҳнаву фарсуда шудаанд ва ба пурраги иваз намудани онҳо ниёз мавҷуд аст (400 комплект).

Мувофиқи маълумотҳо, дар ноҳия дар соли 2010 6500 оилаи камбизоат ба қайд гирифта шудааст. Камбизоатии аҳолӣ яке аз омилҳои манфиест, ки ба паст шудани маърифатнокии хонандагон таъсири худро мерасонад. На ҳама вақт оилаҳои камбизоат фарзандони худро бо сару либос ва лавозимоти таълимӣ, хӯроки гарм таъмин карда метавонанд.

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 майи соли 2010 №244 «Дар бораи расонидан кумаки молиявӣ ба оилаҳои камбизоате, ки фарзандонашон дар мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ мехонанд» 2683 хонандагони синфҳои 1-9 солона дар ҳаҷми 40 сомонӣ кӯмакпулӣ мегиранд.

***Таълими берун аз мактабӣ.*** Дар ноҳия як муассисаи таҳсилоти иловагӣ фаъолият менамояд. Дар муассисисаи мазкур 1280 нафар хонандагони мактабҳои ноҳия дар 64 маҳфилҳо ба таълим ва омӯзиш фаро гирифта шудаанд. Маҳфилҳо дар назди мактабҳои ноҳия ташкил карда шуда, аз рӯи чор шӯъба фаъолият менамоянд: шӯъбаи академияи хурди фанҳо, шӯъбаи эстетикӣ, шӯъбаи техникӣ ва шӯъбаи маҳфилҳои омехта**.**

***Маълумоти миёнаи касби ва олӣ.*** Дар ноҳия як омӯзишгоҳи омӯзгорӣ бо шумораи умумии 297 нафар донишҷӯён, аз ҷумла шӯъбаи рӯзона 165, духтарон 99 (муалимон 29 нафар аз он ҷумла занҳо 13 нафар) 28 нафари муаллимон дорои маълумоти олӣ мебошад. Омӯзишгоҳ, мутахассисони таҳсилоти ибтидоӣ, бо иловагӣ забонҳои англисӣ ва русӣ дар синфҳои ибтидои тайёр мекунад.

Проблемаҳои асосии соҳа дар нарасидани китобҳои дарсӣ, нокифоя будани бинои таълимӣ, синфхонаҳои компютерӣ ва технологияи компютерӣ, мизу курсиҳои талабагӣ, таъмини хобгоҳи омӯзишгоҳ бо лавозимот барои зиндагии донишҷуён. Проблемаҳои зикргардида ба сифати таълиму тарбия донишчуён таъсири манфӣ мерасонад.

***Литсейи касбии кишоварзии ноҳияи Мастчоҳ.*** Дар литсейи номбурда ҳамагӣ 42 (9-то зан) нафар кор ва фаъолият менамоянд, аз ҷумла 20 нафар омӯзгорон, 18 нафар устоҳои таълимӣ истеҳсоли ва 4 нафар мураббӣ. Дар литсей 219 нафар хонанда (31 нафар духтарон) аз рӯи 9 ихтисосҳо таҳсил мекунанд. (мӯҳлати таҳсил 1 сола ва 3 сола) Мушкилоти муассиса; техникаҳои таълими кӯҳна ва фарсуда гаштаанд ва бояд иваз карда шаванд, таъмирталаб будани хобгоҳ ва устохонаҳои таълимӣ.

Колеҷи кишоварзии ноҳия бо шумораи умумии донишҷуён 420 нафар аз он ҷумла духтарон 18 нафар дар 4 ихтисос (муҳосиб, бойтор, аграном ва механизатор) таҳсил менамоянд. Дар колеҷ 31нафар омӯзгор кор мекунад (аз он 4 нафар зан). Дар 20 соли охир колеҷи номбурдаро 3033 нафар барои минтақаҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ мутахассиси гуногуни соҳаи кишоварзӣ тайёр намудааст. Ҳамасола бо ҳисоби миёна 22 нафар бо роҳхати колеҷ барои давом додани хониш ба Донишгоҳи Аграрии Тоҷикистон фиристонида мешаванд. Бояд қайд кард, ки техникаҳои мавҷудаи муассиса кӯҳнаю фарсуда ва корношоям шудаанд, инчунин биноҳои таълимӣ, хобгоҳ ва ошхонаи коллеҷ таъмирталаб мебошанд. Набудани оби нӯшокӣ ба саломатии хонандагон зарари манфӣ мерасонанд.

Дар соли хониши 2010-2011, 432 хатмкунанда ба муассисаҳои олӣ ва касбии техникӣ дохил шуданд, аз ҷумла духтарон 99 нафар. Мувофиқи маълумотҳои расмӣ, со-

ли ҷорӣ хатмкунандагони мактабҳои олӣ ва муассисаҳои касбии техникӣ 211 нафарро ташкил кард, аз ҷумла духтарон 20 фоиз. Аз шумораи умумии хатмкунандагони муассисаҳои олӣ 56 нафар ё ин, ки 61 фоиз ба ноҳия баргаштанд ва бо ҷойи корӣ таъмин карда шуданд. Бояд қайд кард, ки бештари донишҷӯёни бо кор таъминшуда бо сабаби паст будани музди меҳнат, кам будани ҳавасмандгардонии моддию маънавӣ ва вазнин будани шароити зисту зиндагонии ҷойҳои кории худро тарк намуда ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтанд ва ё самти фаъолияташонро тағйир додан.

Бо мақсади кӯмак расонидан ба хонандагони лаёқатманд, аз оилаҳои камбизоат 15 хатмкунандагони мактабҳои миёна (аз онҳо 8 нафар духтар) дар асосӣ квотаи президентӣ дар соли 2010 ба муассисаҳои олии ҷумҳурӣ роҳхат гирифтанд. Аз тарафи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия ба донишҷӯёни мазкур мунтазам кӯмакҳои моддӣ ва пулӣ пешниҳод шуда истодааст.

***Мушкилотҳои асосии соҳаро ба таври зайл баён кардан мумкин аст:*** Базаи моддӣ 30 фоиз биноҳои таълимии мактабҳо, ки дар солҳои 30-50- уми асри гузашта сохта шудаанд кӯҳнаву фарсуда ва таъмирталаб гашта ба талаботҳои таълимӣ ҷавобгӯ нестанд, аз ҷумла: биноҳои мактабҳои асосии №7 ҷамоати деҳоти Мастчоҳ №16,15,6, ҷамоати деҳоти Авзикент.

Мактабҳои миёнаи №22 ҷамоати Мастчоҳ ва №19, №32 ҷамоати деҳоти Авзикент дар биноҳои собиқ идораҳои маъмурии колхозҳо мебошанд, ки барои таълим номувофиқ ҳастанд.

Дар бештари мактабҳо ва боғчаҳо маводҳои таълимӣ - дидактивӣ намерасанд. Хусусан таъминоти кабинетҳои таълимии фанҳои техникӣ аз қабили химия, физика, биология, таълими меҳнат бо реактивҳо асбобҳои айёнии техникӣ, муляҷҳо ва дигар воситаҳо, ки барои таъмини сифати таълим заруранд, дар ҳолати паст қарор дорад.

33 фоиз муассисаҳои таълимӣ ба системаҳои обтаъминкунӣ ва корезӣ дастрасӣ надоранд, бо сабаби танқисии барқ ва об ҳолати санитарӣ дар дохили биноҳои боғчаҳо мавҷуд нест (ҳамаи мактабҳо ҳоҷатхонаи кӯчагӣ доранд).

Маҳдудияти қувваи барқ (барои кори доимӣ дар компютер), барои ҳазмияти барномаҳои таълимӣ монеаҳои ҷиддӣ ба миён меорад.

Нарасидани кадрҳои баландихтисос дар синфҳои 1- 4 барои тайёрии зинаи сифатии хонандагон, донишу малакаи кофии онҳо барои зинаҳои минбаъдаи таълим кифоякунанда нест. Махсусан ин дар ҳолате аст, ки дар ноҳия кӯдакони сини то мактабӣ ҳамагӣ 0,6 фоиз ба таълими томактабӣ фаро гирифта мешаванду халос.

*Ҷадвал 38. Дурнамои рушди соҳаи маориф барои солҳои 2011-2015*

| Нишондиҳандаҳо | с.2011 ҳисобот | с.2012 баҳодиҳӣ | Дурнамо | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с.2013 | с.2014 | с.2015 | с.2015 бо % нисбати с.2011 |
| Қабули донишҷӯён ба мактабҳои олии ҷумҳурӣ аз ҳамаи манъбаҳои маблағгузорӣ ҳамагӣ | 0,250 | 0,275 | 0,300 | 0,370 | 0,420 | 168 |
| аз ҳисоби шартнома | 0,232 | 0,255 | 0,280 | 0,350 | 0,400 | 172,4 |
| аз ҳисоби квотаи президентӣ – ҳамагӣ | 0,018 | 0,020 | 0,020 | 0,020 | 0,020 | 100 |
| аз ҷумла: - духтарон | 0,011 | 0,012 | 0,012 | 0,012 | 0,012 | 109,1 |
| - писарон | 0,007 | 0,008 | 0,008 | 0,008 | 0,008 | 114,3 |
| аз ҷумла: - духтарон | 0,005 | 0,007 | 0,007 | 0,008 | 0,011 | 220 |
| - писарон | 0,003 | 0,003 | 0,003 | 0,004 | 0,004 | 133,3 |
| Шумораи умумии донишҷӯён – ҳамагӣ | 0,353 | 0,353 | 0,353 | 0,353 | 0,353 | 100 |
| Қабули хонандагон ба мактабҳои миёнаи касбӣ – ҳамагӣ | 0,341 | 0,341 | 0,341 | 0,341 | 0,341 | 100 |
| Шумораи хатмкунандагони мактабҳои ибтидоии касбӣ – ҳамагӣ | 0,105 | 0,120 | 0,120 | 0,120 | 0,120 | 114,3 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи умумии хонандагони мактабҳои миёнаи касбӣ – ҳамагӣ | 0,341 | 0,341 | 0,341 | 0,341 | 0,341 | 100 |
| Қабули хонандагони мактабҳои ибтидоии касбӣ – ҳамагӣ | 0,170 | 0,180 | 0,180 | 0,180 | 0,180 | 100 |
| Шумораи хатмкунандагони мактабҳои ибтидоии касбӣ – ҳамагӣ | 0,92 | 0,140 | 0,140 | 0,140 | 0,140 | 101,5 |
| Шумораи умумии хонандагон – ҳамагӣ | 0,247 | 0,240 | 0,240 | 0,240 | 0,240 | 100 |

### 2.2.3. Ҳифзи иҷтимоӣ

Соҳаи ҳифзи иҷтимоии ноҳия аз низоми суғуртаи давлатии иҷтимоӣ, таъминот бо нафақа, шуғли аҳолӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ, ҳифзи ҳуқуқи оила, кӯдакон, расонидани кӯмаки сӯроғавии иҷтимоӣ ба гурӯҳҳои осебпазир ва камбизоат иборат аст. Таҳлил нишон медиҳад, ки дар соли 2010 хароҷот барои соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ 1,2 фоизи буҷаи ноҳияи Мастчоҳро ташкил дод, ки нисбати ба соли 2008 аз ҳисоби фоиз 0,9 пункти фоизӣ кам мебошад.

Таҳлили нишондиҳандаҳои дурнамои рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳия барои солҳои 2011-2015 нишон медиҳад, ки афзоиши захираҳои меҳнати нисбат ба соли 2011 - 1,9 фоизро ташкил медиҳад. Шумораи дар иқтисодиёт машғулбудагон дар ин давра 2,0 фоиз хоҳад шуд.

*Ҷадвал 39. Дурнамои ҷараёни тайёрии кадрҳо дар давраи солҳои 2011-2015*

| Нишондиҳандаҳо | 2011 ҳисобот | 2012 баҳодиҳӣ | Дурнамо | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2013 | 2014 | 2015 | 2015 бо % нисбати 2011 |
| Захираҳои меҳнатӣ | 57,1 | 57,2 | 57,4 | 57,8 | 59,0 | 101,9 |
| Шумораи дар иқтисодиёт машғулбудагон – ҳамагӣ | 35,5 | 35,8 | 36,4 | 37 | 37,7 | 102 |
| аз он ҷумла: | | | | | | |
| дар истеҳсолоти моддӣ | 31,3 | 31,6 | 31,8 | 32,7 | 33,3 | 101,8 |
| Аз ҷумла: | | | | | | |
| Саноат | 1,4 | 1,5 | 1,6 | 1,6 | 1,63 | 101,8 |
| Кишоварзӣ | 29,2 | 29,4 | 29,5 | 30,4 | 31 | 101,9 |
| Сохтмон | 1,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 100 |
| Нақлиёту алоқа | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 100 |
| Савдо, хӯроки умумӣ, таъминоти моддию техникӣ | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 100 |
| дигар соҳаҳо | 0,3 | 0,3 | 0,3 | 0,3 | 0,3 | 100 |
| дар соҳаҳои ғайриистеҳсолӣ | 4,2 | 4,2 | 4,3 | 4,3 | 4,38 | 101,8 |
| Аз шумораи машғулбудагон: | | | | | | |
| - дар корхонаю ташкилоти бахши давлатӣ | 3,9 | 3,9 | 3,95 | 4 | 5,6 | 104 |
| - бахши коллективӣ | 5,6 | 5,7 | 5,7 | 5,7 | 6,84 | 102 |
| - дар корхонаю ташкилотҳо бо шаклҳои гуногуни моликият | 9,5 | 9,6 | 9,9 | 9,8 | 9,9 | 101 |
| - дар бахши хусусӣ (бо назардошти хоҷагии шахсӣ) | 16,5 | 16,6 | 16,65 | 17,5 | 17,85 | 102 |
| Шумораи дар иқтисодиёт машғулнабудагон | 35,5 | 35,8 | 36 | 37 | 37,7 | 102 |

***Бекорӣ.*** Яке аз проблемаҳои марказие, ки дар назди Ҳокимияти маҳаллӣ ноҳия вуҷуд дорад, паст кардани сатҳи бекорӣ мебошад. Мушкилоти асосии соҳа сол то сол зиёдшавии шумораи аҳолии қобили меҳнат ва паст будани таъминот бо ҷойҳои корӣ мебошад. Мувофиқи маълумотҳои оморӣ, афзоиши табии аҳолӣ дар соли 2010 нисбат ба соли 2008 - 5,2% зиёд мебошад. Дар соли 2010 ҳиссаи аҳолии қобили меҳнат нисбат ба шумораи умумии аҳолии ноҳия 66,6% ташкил намуд, ки он нисбати нишондиҳандаи соли 2008 ба 3,9% зиёд гардидааст.

*Ҷадвал 40. Сатҳи бекорӣ дар солҳои 2008-2010*

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | |
|---|---|---|---|
| | 2008 | 2009 | 2010 |
| Аҳолии қобилияти меҳнат | 54900 | 56600 | 57000 |
| Бекорон (аз қайд гузаштагон) | 922 | 1140 | 891 |

Барои таъсиси ҷойҳои корӣ дар чорчӯбаи фаъолияти Шӯъбаи Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷирати ноҳия бо мақсади ташкил намудани ҷойҳои корӣ барои ташкил намудани фаъолияти соҳибкорӣ қарзҳои бефоиз пешниҳод менамояд, ки барои ҳал намудани мушкилот мавҷуда хело ҳам ночиз мебошад. Қобили зикр аст, ки агентии мазкур дар соли 2010 тавассути ярмаркаҳо ва дигар чорабиниҳо 641 нафар бекоронро бо ҷойҳои корӣ таъмин намудааст.

*Ҷадвали 41. Ҳолати қарздиҳии бефоиз барои бекорон*

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | |
|---|---|---|---|
| | 2008 | 2009 | 2010 |
| Шумораи гирандагони қарзҳо | 17 (аз ҷумла 10 зан) | 24 (аз ҷумла 10 зан) | 27 (аз ҷумла 10 зан) |
| Ба маблағи | 35,5 ҳазор сомонӣ | 76,0 ҳазор сомонӣ | 103,3 ҳазор сомонӣ |

Мувофиқи дурнамо пешбинӣ шудааст, ки то соли 2015 дар миқёси ноҳия аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо 7569 ҷойҳои нави кори ташкил карда мешавад.

*Ҷадвали 42. Дурнамои ҳолати ташкили ҷойҳои нави корӣ дар давраи солҳои 2011-2015*

| Нишондиҳандаҳо | 2011 ҳисобот | 2012 баҳодиҳӣ | Дурнамо | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2013 | 2014 | 2015 | 2015 бо % нисбати 2011 |
| Ташкили ҷойҳои нави корӣ аз ҳисоби ҳама гуна шаклҳои фаъолият – ҳамагӣ (ҷои корӣ) | 1507 | 1470 | 1486 | 1530 | 1576 | 103 |
| аз он ҷумла: | | | | | | |
| -сохтмони нав | 485 | 400 | 400 | 412 | 412,3 | 100,8 |
| -таҷдид ва васеъкунии корхонаҳои амалкунанда | 26,9 | 25 | 30 | 30,3 | 30,3 | 113 |
| - барқароркунии иқтидории корхонаҳои аз кор баромада | 48 | 35 | 40 | 41,2 | 41,4 | 100,4 |

***Музди меҳнат.*** Дар ноҳия музди меҳнати номиналӣ дар соли 2010 ба ҳисоби миёна нисбат ба соли 2008 ба 41,8 фоиз афзуд (соли 2008 89,9 сомонӣ ва дар соли 2010 217,4 сомони). Бо вуҷуди ин миёни сатҳи музди меҳнати кормандони соҳаҳои иҷтимоӣ ва тиҷоратӣ тафовутҳо мавҷуд мебошанд. Мувофиқи таҳлилҳо музди меҳнати кормандони соҳаҳои хизматрасонии бонкӣ, суғурта, молия, сохтмон, алоқа, нақлиёт ва саноат нисбат ба музди меҳнати кормандони соҳаҳои кишоварзӣ, тандурустӣ, фарҳанг, маориф як чанд маротиба баланд мебошад.

***Муҳоҷирати меҳнатӣ***. Дар солҳои охир барои аҳолии ноҳия муҳоҷирати меҳнатӣ яке аз сарчашмаҳои асосии шуғл ва даромад мебошад. Мувофиқи маълумотҳои расми соли 2010 9,2% аҳолии қобилияти меҳнатии ноҳия аз ҷумла 4,2 фоиз занҳо дар Федератсияи Руссия, Қазоқистон ва Қирғизистон бо мақсади пайдо намудани ҷои кор ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтаанд.

*Ҷадвали 43. Муҳоҷирати меҳнатии аҳолӣ*

| Сол | Аҳолии қобилияти меҳнат | Муҳоҷирони меҳнатӣ | % аз аҳолии қобилияти меҳнат |
|---|---|---|---|
| 2008 | 54900 | 3270 | 5,9 |
| 2009 | 56600 | 3340 | 5,9 |
| 2010 | 57000 | 5270 | 9,2 |

Бинобар паст будани дониш ва малака, бештари муҳоҷирон асосан дар сохтмон, соҳаи кишоварзӣ ва савдо фаъолият мебаранд (ба истиснои муҳоҷирони соҳиб малака). Надонистани қонунҳои кишвари муҳоҷират ва забони русӣ барои муҳоҷирон мушкилотҳои зиёд ва дар бештари ҳолатҳо ба поймол кардани ҳуқуқи онҳо ва қонуншиканиҳо оварда мерасонад.

Дар баробари мавҷудияти тарафҳои қавии муҳоҷирати меҳнатӣ (баландшавии малакаи муҳоҷирон, махсусан дар соҳаи сохтмон, кишоварзӣ, савдо, васеъшавии ҷаҳонбинӣ ва таҷрибаи ҳаётии онҳо ва ғайра) тарафҳои заифи он мавҷуд аст, ки он ба тарбияи кӯдакон дар оилаҳои нопурра, бадшавии вазъи саломатии муҳоҷирон (кадомҳое, ки дар муҳоҷират дар шароити ғайриқаноатбахш зиндагӣ мекунанд) ҷудошавии оилаҳо (59,7 талоқ ба ҳазор никоҳ дар соли 2010) оварда расонида истодааст.

***Ҳифзи табақаҳои осебпазири аҳолӣ.*** Нафақахӯрон яке аз табақаҳои осебпазири аҳоли ноҳияи Мастчоҳ ба шумор мераванд. Мувофиқи маълумоти расмӣ шумораи нафақахӯрон дар соли 2010 дар ноҳияи Мастчоҳ 7174 нафарро ташкил карда, нисбати соли 2008 шумораи онҳо ба 360 нафар зиёд шудааст. Бояд қайд кард, ки дар соли 2010 - 2,7% нафақахӯрон фаъолияти кориии худро бинобар паст будани маблағи нафақа давом дода истодаанд. Дар ноҳия дар соли 2010 ҳаҷми миёнаи нафақа 113,93 сомониро ташкил дод.

*Ҷадвали 44. Шумораи пирони барҷомондаю ниёзманд ва яккаву танҳо дар соли 2010 (нафар)*

| № | Нишондиҳандаҳо | Шумора |
|---|---|---|
| 1 | Ветеранҳои Ҷанги Бузурги Ватани<br>Мардҳо<br>Занҳо | 26<br>26<br>- |
| 2 | Маъюбони гуруҳи 1,2,3<br>Мардҳо:<br>Занҳо: | 1034<br>603<br>431 |
| 2 | Нафакахурони бистарӣ<br>Мардҳо:<br>Занҳо: | 58<br>23<br>35 |
| 4 | Дигарон | 6113 |
| | Тақсимот аз рӯи миллат: | |
| 1 | Тоҷикон<br>Мардҳо:<br>Занҳо: | 5071<br>3526<br>1545 |
| 2 | Русҳо<br>Мардҳо:<br>Занҳо: | 62<br>30<br>32 |
| 3 | Дигар миллатҳо<br>Мардҳо:<br>Занҳо: | 71<br>-<br>- |
| 4 | Узбекҳо<br>Мардҳо:<br>Занҳо: | 1970<br>1008<br>962 |

Дар ноҳия шумораи маъюбон дар соли 2010 нисбат ба соли 2008 ба 11 фоиз, аз он маъюбони модарзод ба 8 фоиз ва кӯдакони маъюб ба 7 фоиз афзудааст. Ғайр аз он дар ноҳия зиёда аз 25 нафар кӯдакони бепарастор ба қайд гирифта шудааст, ки онҳо аз ҷониби ҳукумати ноҳия ва ташкилотҳои гуногуни кӯмакрасон ҳамасола дастгирии молиявию моддӣ расонида мешаванд.

Дар соли 2010 дар ноҳия 181 нафар пиронсолони бе сарпаноҳ ва маъюбони гурӯҳи аввал ба қайд гирифта шудаанд, ки ҳамаи онҳо бо курси-аробачаҳо таъмин нашудаанд.

Ҳамзамон аз ҷониби кормандони масъули шӯбаи ҳифзи иҷтимоии аҳолии ноҳия ҷиҳати дастгирӣ намудани чунин шахсон кӯмаки сӯроғавӣ расонида мешавад. Кормандони мазкур дар як моҳ як маротиба бевосита аз ҳолу аҳволи нафақахӯрони бепарастор хабар мегиранд. Илова бар ин дар тӯли солҳои 2008-2010 ба 20 нафар пиронсолон ва маъюбон ҷиҳати истироҳат дар осоишгоҳҳои ҷумҳурявӣ аз қабили Хоҷа Обигарм, Зумрад, Шоҳанбарӣ роҳхатҳо пешкаш карда шуд.

Дар маҷмӯъ дар ноҳия 1640 нафар маъюбон ба қайд гирифта шудаанд, ки аз ҷумла маъюбони гурӯҳи якум, нобиноён 41 нафар мебошанд. Дар айни ҳол 161 нафар маъюбон лавозимияти колляскаҳои маъюбӣ доранд. Дар ноҳия дар қатори инвалидон шахсони зиёде ҳастанд, ки барои протезҳо, аппаратҳои шуновоӣ, ойнакҳои махсус ва дорувориҳои тиббӣ мӯҳтоҷ ҳастанд. Барои бо ҷои корӣ таъмин намудани маъюбон дар ноҳия корхонаҳои махсус вуҷуд надорад.

### 2.2.4. Фарҳанг ва фароғат

Соҳаи фарҳанг ва фароғат яке аз самтҳои асосии афзалиятноки ноҳияи Мастчоҳ дар самти баланд бардоштани маънавиёт, тарзи ҳаёти солим ва фароғати сазовори аҳолӣ ба шумор меравад. Дар тавозуни шӯъбаи фарҳанг 18 муассисаҳои китобхонавӣ, 6 хонаи маданият, 2 клуб, 1 мактаби бачагонаи санъат, (як театри халқӣ, ду ансамбли халқӣ) дар якҷояги унвони филармонияи халқиро гирифтааст ва боғи маданияти истироҳатӣ амал мекунад, ки дар ин муассисаҳо 117 нафар кормандон аз ҷумла 31 нафар занҳо кор ва фаъолият мекунанд.

*Ҷадвали 45. Номгӯи муассисаҳои фарҳангии ноҳия дар соли 2010*

| № б/т | Номгӯи муассиса | 2008 | 2009 | 2010 | Проблемаҳои мавҷуда | Шумораи кормандон | Занҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Китобхонаҳо | 17 | 17 | 18 | Таъмин бо адабиётҳои нав ва мизу курсиҳо | 26 | 11 |
| 2 | Клубҳо | 2 | 2 | 2 | Нарасидани мизу курсиҳо ва воситаҳои техникӣ | 2 | - |
| 3 | Хонаҳои маданият | 6 | 6 | 6 | Таъмирталаб, асбобу анҷомҳои мусиқӣ | 42 | 4 |
| 4 | Мактаби санъат | 1 | 1 | 1 | Фарсуда шудани асбобу анҷомҳои мусиқии миллӣ, маводҳои таълимӣ, таъмирталаб будани бинои мактаб | 26 | 9 |
| 5 | Театри халқӣ | 1 | 1 | 1 | Норасои либосҳои саҳнавӣ | 2 | - |
| 6 | Ансамблҳои халқӣ | 2 | 2 | 2 | Норасои асбобҳои мусиқӣ | 6 | 2 |
| 7 | Маҳфилҳои худфаъолияти бадеӣ | 49 | 51 | 51 | Норасои асбобҳои мусиқӣ | 12 | 4 |

Дар ноҳия 54 масҷидҳо (аз он ҷумла 8 адад масҷиди ҷомеъ ва 46 адад панҷвақта), 12 чойхона ва 2 тарабхона, 4 қаҳвахона фаъолият мебаранд.

Мушкилотҳои соҳаи фарҳанг ва фароғат ба тавр зайл оварда шудааст. Норасоии нақлиёти махсусгардонидаи фарҳангӣ, фарсуда шудани атраксионҳо, панҷарапӯш набудани гирду атрофи боғи фарҳанги ноҳия, набудани Қасри фарҳанг ё маркази ҷавонон дар ҷамоатҳои Палдорак, Оббурдон, Авзикент, набудани осорхона дар маркази ноҳия, дар муассисаҳои фарҳангӣ норасоӣ ва ё фарсуда шудани асбобу анҷомҳои мусиқӣ, таҷҳизот ва техникаи созиву овозӣ, набудани студияи сабти овоз, компютер, маводҳои таълимӣ (махсусан дар мактаби санъат), норасогии сару либосҳои саҳнавӣ.

Норасоии китобҳои нав дар китобхонаҳои ноҳия, фарсуда будани ҳолати иншоотҳои фарҳангӣ ва паст будани маоши кормандон мушкилоти соҳаи фарҳангро дучанд намудааст. Қобили қайд аст, ки бо сабаби набудани системаи гармидиҳӣ ва

маҳдудияти барқ хизматрасонӣ ба аҳолӣ дар муассисаҳои фарҳангӣ ва фароғатӣ кам пешкаш карда мешавад.

*Ҷадвали 46. Дурнамои рушди соҳаи фарҳанг*

| Нишондиҳандаҳо | 2011 ҳисобот | 2012 баҳодиҳӣ | Дурнамо | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2013 | 2014 | 2015 | 2015 бо % нисбати 2011 |
| Миқдори муассисаҳои оммавӣ – фарҳангӣ (воҳид) | 28 | 28 | 29 | 30 | 30 | 109 |
| Клубҳо | 8 | 8 | 8 | 8 | 8 | 100 |
| Китобхонаҳои оммавӣ | 18 | 18 | 19 | 20 | 20 | 111,1 |
| Театрҳо | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 100 |
| Мактабҳои мусиқӣ (воҳид) | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 100 |
| Шумораи хонандагон (нафар) | 230 | 184 | 190 | 200 | 230 | 100 |
| Миқдори кадрҳо (ҳазор нафар) | 0,120 | 0,122 | 0,125 | 0,125 | 0,130 | 108 |

***Варзиш.*** Соҳаи варзиш яке аз соҳаҳои муҳими иҷтимоӣ ба шумор рафта дар ташакулли тарзи ҳаёти солими аҳолии ноҳия нақши хосаро ишғол менамояд. Дар ноҳия дар назди бахши ҷавонон, варзиш ва сайёҳии ноҳия 1 мактаби варзишии бачагону наврасон фаъолият мекунад, ки дар он 894 нафар ҷавонону наврасон ба варзиш машғуланд. Ба онҳо 31 мураббӣ дарс меомӯзонанд, аз ин 4 нафар занон мебошанд. Бояд қайд кард, ки соли 2011 дар спартакидаи ҷумҳурӣ марҳилаи дуюм дар вилоят, ноҳияи Мастчоҳ ҷойи 3-ро ишғол намуд, ки дар он варзишгарони ноҳия соҳиби 36 медал, аз он ҷумла 14-то тиллогӣ, 10-то нуқрагӣ ва 12-то биринҷӣ гардиданд. Дар ноҳия чорабиниҳои варзишӣ хело ҳам маъмулу машҳур мебошанд ва дар заминаи муассисаҳои варзишӣ чорабиниҳои байни ҷамоатӣ, ноҳиявӣ ва сатҳи вилоятӣ ороста мешавад.

Фахри ноҳия – дастаи футболбозони ноҳия - «Олими Каримзод» ва «Зарафшон» мебошанд, ки дар солҳои 2007 – 2009 ғолибони чемпионати вилояти Суғд гаштанд. Бояд қайд кард, ки муваффақиятҳои соҳаи варзиш аз устодону мураббиёни баландихтисос низ вобаста аст.

Дар ноҳия инфррасохтори варзишӣ тараққӣ кардааст. Дар ноҳия 25 адад толори варзишӣ амал мекунад: аз он ҷумла дар ҷамоати Бӯстон -10 адад, Оббурдон – 5 адад, Палдорак -4 адад, Мастчоҳ ва Авзикент –ду ададӣ, Такеллӣ ва Қуруқсой яктогӣ. Дар ноҳия 3 стадиони футболбозӣ, аз он ҷумла, дар коллеҷи кишоварзӣ, ҷамоатҳои Мастчоҳ ва Авзикент яктогӣ амал мекунад. Дар ноҳия 19 адад майдонҳои футболбозӣ, аз он ҷумла дар ҷамоати Авзикент -5 адад, ҷамоатҳои Оббурдон ва Мастчоҳ чор ададӣ, дар ҷамоатҳои Бӯстон ва Палдорак ду ададӣ, дар ҷамоатҳои Такелӣ ва Қуруқсой ду адад. 80 адад майдонҳои волейболӣ ва баскетболӣ амал мекунанд. Инчунин дар ноҳия 2 адад ҳавзи шиноварӣ вуҷуд дорад, ки бо сабаби набудани об, ва фарсудашудани иншоот аз фаъолият боз мондааст.

<u>Мушкилотҳои соҳаи варзиш:</u> бо ҷойи шустушӯй таъмин набудани толорҳои варзишӣ, корношоям гаштани ҳавзҳои шиноварӣ, фарсуда ва таъмирталаб шудани тирхонаҳо, набудани ҷойи комплекси замонавии варзишии ҷавонон, норасогии маводҳои таълимӣ, лавозимотҳои варзишӣ, гарм нашудани толорҳои варзишӣ дар фасли зимистон, норасогии кадрҳои баландихтисос.

*Ҷадвали 47. Шумораи муассисаҳои варзишӣ ва ҳолати онҳо*

| Номгӯи муассиса | Адад | Мушкилоти мавҷуда | Шумораи кормандон (агар мавҷуд бошад) | Занҳо |
|---|---|---|---|---|
| Мактаби варзишии бачагону наврасони ноҳияи Мастчоҳ | 1 | Норасогии маблағ, лавозимоти варзишӣ | 41 | 4 |
| Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №1 | 2 | Таъмир, нарасидани лавозимотҳои варзишӣ, ҷойи шустӯшӯй | 2 | 1 |
| Мактаби таҳсилоти миёнаи | 1 | Таъмир, нарасидани | 1 | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| умумии №2 | | лавозимотҳои варзишӣ, ҷойи шустушӯй | | |
| Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №3 | 1 | Таъмир, нарасидани лавозимотҳои варзишӣ, ҷойи шустушӯй | 1 | |
| Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №5 | 1 | Таъмир, нарасидани лавозимотҳои варзишӣ, ҷойи шустушӯй | 2 | 1 |
| Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №6 | 1 | Таъмир, нарасидани лавозимотҳои варзишӣ, ҷойи шустушӯй | 1 | |
| Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №7 | 1 | Таъмир, нарасидани лавозимотҳои варзишӣ, ҷойи шустушӯй | 1 | |
| Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №8 | 1 | Таъмир, нарасидани лавозимотҳои варзишӣ, ҷойи шустушӯй | 1 | |
| Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №9 | 1 | Таъмир, нарасидани лавозимотҳои варзишӣ, ҷойи шустушӯй | 1 | |
| Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №12 | 1 | Таъмир, нарасидани лавозимотҳои варзишӣ, ҷойи шустушӯй | 2 | |
| Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №16 | 1 | Таъмир, нарасидани лавозимотҳои варзишӣ, ҷойи шустушӯй | 1 | |
| Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №17 | 1 | Таъмир, нарасидани лавозимотҳои варзишӣ, ҷойи шустушӯй | 2 | |
| Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №18 | 1 | Таъмир, нарасидани лавозимотҳои варзишӣ, ҷойи шустушӯй | 1 | |
| Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №20 | 1 | Таъмир, нарасидани лавозимотҳои варзишӣ, ҷойи шустушӯй | 1 | |
| Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №21 | 1 | Таъмир, нарасидани лавозимотҳои варзишӣ, ҷойи шустушӯй | 1 | |
| Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №24 | 1 | Таъмир, нарасидани лавозимотҳои варзишӣ, ҷойи шустушӯй | 1 | |
| Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №25 | 1 | Таъмир, нарасидани лавозимотҳои варзишӣ, ҷойи шустушӯй | 2 | |
| Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №27 | 1 | Таъмир, нарасидани лавозимотҳои варзишӣ, ҷойи шустушӯй | 1 | |
| Литсейи касби кишоварзии №35 | 3 | Таъмир, нарасидани лавозимотҳои варзишӣ, ҷойи шустушӯй | 2 | |
| Коллеҷи кишоварзӣ | 1 | Таъмир, нарасидани лавозимотҳои варзишӣ, ҷойи шустушӯй | 1 | |

Ҷавонон ояндаи миллат мебошанд! Дар ноҳия барои инкишофи фарҳангӣ ва баланд бардоштани маърифат ва маънавиёти онҳо монеаҳое вуҷуд доранд ки ҳали онҳо барои ноҳия яке аз самтҳои афзалиятнок шуда истодааст, аз ҷумла, таъмирталаб будани маркази ҷавонони ноҳия, норасоии таҷҳизоти техникию лавозимот ва ғайраҳо.

## 2.2.5. Стратегия ва вазифаҳои сектори иҷтимоӣ

| Мақсад | Вазифаҳо | Чорабиниҳо/Лоиҳаҳо | Арзиш (ҳаз. сомонӣ) | Солҳо 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | Масъул | Сарчашмаи маблаггузорӣ | Натиҷаҳои пешбинишаванда |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Тандурустӣ** | | | | | | | | | | | |
| *Баланд бардоштани сатҳи хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ ва таъмини тарзи ҳаёти солим.* | *Баланд бардоштани сифати хизматрасонии тиббӣ* | *Гузаронида чорабиниҳои иттилооти дар байни аҳолӣ дар масалаҳои пешгирии бемории камхунӣ, ҷоғар, гепатити вирусӣ, исхоли хунин, гелминтоз, сил, ВИЧ/СПИД, бемориҳои қалб, фишорбаландӣ ва гайраҳо.* | *5,0* | | *1* | *1* | *1* | *2* | *Шӯъбаи тандурустӣ* | *Номаълум* | *Таъмини дастрасии аҳолӣ ба хизматрасонии хушсифати тиббӣ (85% аҳолӣ то соли 2016)<br>То ба 90% паст кардани фавти моддару кудак то соли 2016<br>Ба 85% пст кардани касалиҳои камхунӣ, ҷоғардар байни занҳои қобили таваллуд то соли 2016<br>Беҳтар намудани таъминоти беморхонаҳо бо оби нӯшокии хушсифат (90% то соли 2016)<br>Ба 65% паст кардани паҳншавии касалиҳои сироаткунанда то соли 2016<br>Гузаронидани таъмири капитали 65% муассисаҳои соҳаи тандурустии ноҳия то соли 2016* |
| | | *Чоп намудани маводҳои тақсимотӣ (плакат, баннер, буклет ва гайра).* | *5,0* | *1* | *1* | *1* | *1* | *1* | *Шӯъбаи тандурустӣ* | *Ташкилоти хориҷӣ* | |
| | | *Такмили ихтисоси кормандони тиб дар заминаи донишкадаи такмили ихтисоси кормандони тиби Хуҷанд дар масъалаҳои пешгирӣ ва муолиҷаи бемориҳои иҷтимоан муҳим, идоракунии тандурустии ҷамъиятӣ, маблаггузорӣ, тиби оилавӣ ва гайраҳо* | *20,0* | | *5* | *5* | *5* | *5* | *Шӯъбаи тандурустӣ* | *Номаълум* | |
| | | *Аз ҳисоби таҷдиди катҳо, ташкили катҳо барои таваллуди бехавф* | *10,0* | *2* | *2* | *2* | *2* | *2* | *Шӯъбаи тандурустӣ* | *Буҷети ноҳия* | |
| | | *Харид намудани таҷҳизоти тиббӣ барои БМН, аз ҷумла УЗИ* | *27,5* | | | | *27,5* | | | *Буҷети вилоят* | |
| | *Беҳтар намудани инфрасохтори тиббӣ* | *Таъмин ва дастрас намудани ваксинаҳо* | *30,0* | *6* | *6* | *6* | *6* | *6* | *Шӯъбаи тандурустӣ* | *Буҷети ноҳия* | |
| | | *Таъмири капиталии шӯъбаи ҷорроҳии БМН* | *195,1* | *39* | *39* | *39* | *39* | *39* | | *Буҷети ҷумҳурӣ* | |
| | | *Ташкил намудани катҳои реабилитатсионӣ дар беморхонаи Оббурдон* | *10,0* | *2* | *2* | *2* | *2* | *2* | *Шӯъбаи тандурустӣ* | *Буҷети ноҳия* | |
| | | *Хариди мошини махсуси ёрии таъҷилӣ* | *20,0* | | | *20,0* | | | *Шӯъбаи тандурустӣ* | *номаълум* | |
| | | *Сохтмон ва ҷиҳозонидани ташхисгоҳи замонавӣ бо* | *300* | | *75* | *75* | *75* | *75* | | *Сармояи хориҷӣ* | |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | *таҷҳизотҳои муосири тиббӣ* | | | | | | | | |
| | | *Таъмир ва азнавсозии низоми ташноби беморхонаҳои марказии ноҳия* | *68,0* | *13,6* | *13,6* | *13,6* | *13,6* | *13,6* | *Шӯъбаи тандурустӣ* | *Буҷети ҷумҳурӣ* | |
| | | *Беморхонаи деҳоти Оббурдон* | *51,0* | *10,2* | *10,2* | *10,2* | *10,2* | *10,2* | *Шӯъбаи тандурустӣ* | *Буҷети ҷумҳурӣ* | |
| | | *Беморхонаи деҳоти Мастчоҳ* | *27,0* | *5,4* | *5,4* | *5,4* | *5,4* | *5,4* | | *Буҷети вилоят* | |
| | | *Таъмири ҷории маркази саломатии Оббурдон* | *300,0* | *60* | *60* | *60* | *60* | *60* | | | |
| | | *Таъмири ҷории Бунгоҳи тиббии ҷамоатҳои Оббурдон, Палдорак, Мастчоҳ* | *450,0* | *90* | *90* | *90* | *90* | *90* | *Шӯъбаи тандурустӣ* | | |
| | | *Сохтмони бунгоҳи тиббӣ дар ҷамоатҳои Палдорак, Оббурдон, Мастчоҳ* | *1250,0* | *250* | *250* | *250* | *250* | *250* | *Шӯъбаи тандурустӣ* | *Буҷети ҷумҳурӣ* | |
| *Ҳамагӣ:* | | | *2768,6* | *480,2* | *561,2* | *581,2* | *588,7* | *562,2* | | | |
| ***Маориф*** | | | | | | | | | | | |
| *Беҳтар кардани сифати таълимӣ дар низоми маориф* | *Зиёд кардани шумораи ҷойҳо дар муассисаҳои таълими умумӣ ва томактабӣ* | *Ҳавасмандкунии маънавии омӯзгорон. тавассути ҷудо намудани замини наздиҳавлигӣ (ҳамасола 10 замини наздиҳавлигӣ )* | *10,0* | *2* | *2* | *2* | *2* | *2* | *Шӯъбаи маориф* | *Буҷети ноҳия* | *Таъмини фарогирии хонандагон ба муаасиса таълими (то соли 2016 ба 98%)*<br>*Таъмини давомоти талабагон ба хониш (98% то соли 2016)*<br>*Гузаронидани таъмири капитали 10 муассисаҳои маорифи ноҳия то соли 2016*<br>*Таъмини 95% муассисаҳои маорифи ноҳия то соли 2016 бо оби хушсифти нӯшокӣ*<br>*Таъмини 90% муассисаҳои маорифи ноҳия то соли 2016 бо асбобу аёни хониш ва компютерҳо* |
| | | *Харид намудани маводҳои дидактикӣ, таҷҳизонидани кабинетҳои таълимӣ дар мактабҳо (ҳар сол 1 синф ва 2 мавод)* | *10,0* | *2* | *2* | *2* | *2* | *2* | *Шӯъбаи маориф* | *Буҷети вилоят* | |
| | | *Таъмири капиталӣ ва таҷҳизонидани муассисаҳои томактабӣ дар АХД Ю.Вафо* | *250,0* | *50* | *50* | *50* | *50* | *50* | *Шӯъбаи маориф* | *Буҷети ҷумҳурӣ* | |
| | | *Сохтмони 2 синфхонаҳои таълимӣ дар ҳудуди деҳаи Ҷумабойота (Ӯртабулоқ) барои филиали мактаби асосии №15* | *120,0* | *24* | *24* | *24* | *24* | *24* | *Шӯъбаи маориф* | *Номуайян* | |
| | | *Сохтмони 4 синфхона барои 96 ҷой дар филиали мактаби №1 шаҳраки Бӯстон (ҚҲҶТ аз 27.08.2008 №436)* | *268,5* | *53,7* | *53,7* | *53,7* | *53,7* | *53,7* | *Шӯъбаи маориф* | *Буҷети ҷумҳурӣ* | |
| | | *Сохтмони 5 синфхона барои 120 ҷой дар мактаби №8 деҳаи Сардоб (ҚҲҶТ аз 27.08.2008 №436)* | *335,6* | *335,6* | | | | | | *Буҷети ҷумҳурӣ* | |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Беҳтар кардани инфрасохтори муассисаҳои таълимӣ | Сохтмони 8 синфхона барои 192 ҷой дар мактаби №19 деҳаи Чолота (ҚҲҶТ аз 27.08.2008 №436) | 479,5 | 479,5 | | | | | Шӯъбаи маориф | Буҷети ҷумҳурӣ | Таъмини 90% муассисаҳои маорифи ноҳия то соли 2016 бо муаллимони дорои маълумоти олӣ<br><br>Сохтмони 500 ҷои нишасти нав барои хонандагон то соли 2016<br><br>Амалӣ намудани ҳавасмандгардонии 200 устодони ноҳия то соли 2016 (ҷудо намудани қитъаи замини назди ҳавлигӣ) |
| | Сохтмони 8 синфхона барои 192 ҷой дар мактаби №23 ҷамоати Мастчоҳ (ҚҲҶТ аз 27.08.2008 №436) | 479,5 | 479,5 | | | | | Шӯъбаи маориф | Буҷети ҷумҳурӣ | |
| | Аз нав сохтани 6 синфхона дар ҳудуди деҳаи Сардоб барои филиали мактаби миёнаи №15 | 180,0 | | | 180,0 | | | Шӯъбаи маориф | Аҳолӣ | |
| | Таъмири хатти оби нӯшокӣ дар мактаби №9 ва 16 шаҳраки Бӯстон | 20,0 | | 20,0 | | | | Шӯъбаи маориф | Аҳолӣ | |
| | Таъминоти мактабҳо бо мизу курсии талабагӣ (1000 комплект) | 116,0 | 23,2 | 23,2 | 23,2 | 23,2 | 23,2 | Шӯъбаи маориф | Номуайян | |
| | Таъмини мактабҳо бо компютер (200 адад) | 300,0 | 60 | 60 | 60 | 60 | 60 | Шӯъбаи маориф | Номуайян | |
| | Таъмини мактабҳо ва боғчаҳо бо сарчашмаҳои алтернативии барқ (батареяҳои офтобӣ) | 5,0 | | | 5,0 | | | Шӯъбаи маориф | Буҷети ноҳия | |
| | Пайваст намудани муассисаҳои таълимии шумораи хонандагонашон аз 1000 нафар зиёд ба шабакаи Интернет | 20,0 | 4 | 4 | 4 | 4 | 4 | Шӯъбаи маориф | Номуайян | |
| | Ташкил кардани хизматрасонии муолиҷаи антивирусии компутерӣ дар муассисаҳои таълимии шумораи хонандагонашон аз 1000 нафар зиёд | 2,0 | | 0,5 | 0,5 | 0,5 | 0,5 | Шӯъбаи маориф | Номуайян | |
| | Таъмин намудани муассисаҳои соҳаи маорифи ноҳия бо асбобу аёнияти хониш, компютерҳо ва пайваст намудани онҳо ба шабакаи ҷаҳонии Интернет | 300 | 60 | 60 | 60 | 60 | 60 | Шӯъбаи маориф | Номуайян | |
| | Ба роҳ мондани ҳавасмандгардонии устодони | - | - | - | - | - | - | | Ҳукумати ноҳия | |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | муассисаҳои соҳаи маорифи ноҳия (ҷудо намудани қитъаи замини наздиҳавлигӣ) | | | | | | | | |
| Ҳамагӣ: | | | 2896,1 | 1573,5 | 299,4 | 464,4 | 279,4 | 279,4 | | |
| **Таъминоти иҷтимоӣ** | | | | | | | | | | |
| Беҳтар кардани низоми хизмати иҷтимоии аҳолии мӯҳтоҷ ва ниёзманд | Беҳтар кардани хизматрасонии иҷтимоӣ табақаҳои осебпазири аҳоли ва ва паст кардани сатҳи бекорӣ тавассути ташкили ҷойҳои корӣ | Такмили ихтисоси кормандони ҳифзи иҷтимоӣ дар масъалаҳои расонидани хизмати иҷтимоии сӯрогавӣ | 14,4 | 2,88 | 2,88 | 2,88 | 2,88 | 2,88 | Ҳифзи иҷтимоӣ | Буҷети ҷумҳурӣ | Дастрасии 180 нафар маъюбону эҳтиёҷмандон то соли 2016 ба хизмиатрасониҳои иҷтимоӣ.<br><br>Бо ҷойҳои нави корӣ таъмини 200 нафар бекорон то соли 2016<br><br>То соли 2016 бештар аз 1500 нафар бекорон ба корҳои ҷамъиятӣ ҷалб шуданд200 нафар бекорон бо ба қарзҳои бефоиз таъминшуда фаъолияти соҳибкори менамоянд<br><br>2000 нафар корҷӯён ба курсҳои касбомӯзӣ ҷалб шуданд |
| | | Таъмин намудани маъюбон бо аробачаҳои маъюбӣ ва дигар воситаҳои роҳравӣ (барои 150 нафар маъюбон) | 128,0 | 25,6 | 25,6 | 25,6 | 25,6 | 25,6 | Ҳифзи иҷтимоӣ | Буҷети ноҳия | |
| | | Ташкили корхона барои маъюбон ва таъсиси соҳибкории инфиродӣ барои 200 нафар маъюбон | 144,0 | 28,8 | 28,8 | 28,8 | 28,8 | 28,8 | Ҳифзи иҷтимоӣ | Буҷети вилоят | |
| | | Ташкили маркази ёрии иҷтимоии пиронсолону маъюбон ва шахсони бепарстори яккаву танҳо | 124,0 | 24,8 | 24,8 | 24,8 | 24,8 | 24,8 | Ҳифзи иҷтимоӣ | Номуайян | |
| | | Ташкили хонапарваришгоҳ, санаторияи собиқадорони ҷангу меҳнат ва шахсони эҳтиёҷманд | 1560,0 | 312 | 312 | 312 | 312 | 312 | Ҳифзи иҷтимоӣ | Номуайян | |
| | | Ҳавасмандкунии моддӣ ва маънавии кормандони соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ, ки ба аҳолии осебпазир хизмати сӯрогавӣ пешниҳод менамоянд | 66,5 | 13,3 | 13,3 | 13,3 | 13,3 | 13,3 | Ҳифзи иҷтимоӣ | Буҷети ноҳия | |
| | Паст кардани сатҳи бекорон | Ҷалби бекорон ба корҳои ҷамъиятии музднок | 48 | 9,6 | 9,6 | 9,6 | 9,6 | 9,6 | Ҳифзи иҷтимоӣ | Буҷети ноҳия | |
| | | Додани қарзҳои бефоиз ба бекорон барои ташкили фаъолияти соҳибкорӣ (сол 200 нафар) | 900 | 180 | 180 | 180 | 180 | 180 | Ҳифзи иҷтимоӣ | Номуайян | |
| | | Тишкили курсҳои касбомӯзӣ барои шахсони корҷӯй то 20000 нафар | 201,6 | 40,3 | 40,3 | 40,3 | 40,3 | 40,3 | Ҳифзи иҷтимоӣ | Номуайян | |
| Ҳамагӣ: | | | 3186,5 | 637,3 | 637,3 | 637,3 | 637,3 | 637,3 | | | |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Варзиш ва фарҳанг** | | | | | | | | | | |
| *Васъ ва пурмазмун кардани ҷалби ҷавонон ба варзиш* | *Беҳтар кардани сифати инфрасохтори соҳаи варзиш* | *Барқарор кардани 2 адад ҳавзи шиноварӣ* | *38,2* | *7,7* | *7,7* | *7,7* | *7,7* | *7,7* | *Шӯъбаи ҷавонон, фарзиш ва сайёҳи* | *Буҷети ноҳия* | *Сохтмон 4 адад иншооти варзишӣ то соли 2016* |
| | | *Ташкили шустушӯйхона дар толорҳои варзиши ноҳия, ҳар сол 2 адад* | *56* | *11,2* | *11,2* | *11,2* | *11,2* | *11,2* | | *Буҷети вилоят* | |
| | | *Сохтмони комплекси варзишии замонавӣ дар маркази ноҳия – шаҳраки Бӯстон* | *460* | *92* | *92* | *92* | *92* | *92* | *Шӯъбаи ҷавонон, фарзиш ва сайёҳи* | *Номуайян* | *Барқарор намудани 5 адад иншооти варзишӣ дар миқёси ноҳия то соли 2016* |
| | | *Барқарор кардани тирхонаҳо дар ноҳия, ҳар сол 2 адад* | *8.8* | *1,8* | *1,8* | *1,8* | *1,8* | *1,8* | | *Номуайян* | |
| | | *Таъмири бинои маркази ҷавонони ноҳия ва таҷҳизонидани он* | *1200,0* | *240* | *240* | *240* | *240* | *240* | *Шӯъбаи ҷавонон, фарзиш ва сайёҳи* | *Номуайян* | *Ҷалби 65% ҷавонон ба варзиш то соли 2016* |
| | | *Сохтани комплекси замонавии истироҳатӣ-табобатӣ дар маҳаллаи Чӯйбулоқ ва Тошбулоқ* | *880,0* | *176* | *176* | *176* | *176* | *176* | *Шӯъбаи ҷавонон, фарзиш ва сайёҳи* | *Номуайян* | *Ба итмом расонидани сохтмони Осорхонаи ноҳиявӣ дар маркази ноҳия – шаҳраки Бӯстон (то соли 2016)* |
| | *Беҳтар кардани сифати инфрасохторҳои маданӣ* | *Барқарорсозии боғи фарҳангӣ ва истироҳати ноҳия бо пушидани театри тобистона барои 2 ҳазор ҷои нишаст* | *6000,0* | *1200* | *1200* | *1200* | *1200* | *1200* | *Шӯъбаи фарҳанг* | *Буҷети ҷумҳурӣ* | *Бунёди 4 иншооти фарҳангию фароғатӣ то соли 2016* |
| | | *Сохтани Қасри фарҳанг ё маркази ҷавонон дар ҳудуди ҷамоати Палдорак* | *4500,0* | *900* | *900* | *900* | *900* | *900* | *Шӯъбаи фарҳанг* | *Буҷети вилоят* | *Гузаронидани таъмири 5 иншооти фарҳангию фароғатто соли 2016* |
| | | *Таъмири асосии бинои хонаи маданияти ҷамоати Такелӣ* | *600,0* | *120* | *120* | *120* | *120* | *120* | *Шӯъбаи фарҳанг* | *Номуайян* | |
| | | *Таъмири асосии бинои хонаи маданияти ҷамоати Оббурдон, дар ҳудуди АХД ба номи Ф.Султон* | *1200,0* | *240* | *240* | *240* | *240* | *240* | *Шӯъбаи фарҳанг* | *Номуайян* | *Таъмин намудани 70% китобхонаҳои ноҳия бо адабиётҳои нави бадеӣ ва лавозимоти зарурӣ то соли 2016* |
| | | *Таъмири асосии бинои хонаи маданияти ҷамоати Мастчоҳ* | *700,0* | *140* | *140* | *140* | *140* | *140* | *Шӯъбаи фарҳанг* | *Номуайян* | |
| | | *Сохтани мактаби ибтидоии санъат дар маркази ноҳия* | *2500,0* | *500* | *500* | *500* | *500* | *500* | *Шӯъбаи фарҳанг* | *Номуайян* | *Таъмини ҳамаи муассисаҳои фарҳангӣ бо асбобҳои мусиқӣ то соли 2016* |
| | | *Сохтани осорхонаи ноҳиявӣ дар маркази ноҳия – шаҳраки Бӯстон* | *1500,0* | *300* | *300* | *300* | *300* | *300* | *Шӯъбаи фарҳанг* | *Номуайян* | |
| | | *Сохтани филиал-китобхонаҳо дар маҳалҳои нави аҳолинишини мавзеи ҷамоати Такелӣ, Етимчӯқи, 40-солагӣ,* | *2500,0* | *500* | *500* | *500* | *500* | *500* | *Шӯъбаи фарҳанг* | *Номуайян* | *Таъмини ҳамаи муассисаҳои фарҳангӣ бо мутахассисон то соли 2016* |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | *ҷавонон* | | | | | | | | |
| | | *Ташкили китобхонаи электронӣ дар 18 муассисаҳои китобхонавӣ, таъмини онҳо бо оргтехника* | *1500* | *300* | *300* | *300* | *300* | *300* | *Шӯъбаи фарҳанг* | *Номуайян* |
| | | *Таъмини китобхонаҳо бо адабиёт нав* | *100* | *20* | *20* | *20* | *20* | *20* | *Шӯъбаи фарҳанг* | *Буҷети ноҳия* |
| | | *Бо нақлиёти хизматрасон-клубҳои сайёр таъмин намудани шӯбаи фарҳанг* | *250* | *50* | *50* | *50* | *50* | *50* | *Шӯъбаи фарҳанг* | *Буҷети вилоят* |
| | | *Таъмини муассисаҳои фарҳангӣ бо асбобҳои мусиқӣ* | *200* | *40* | *40* | *40* | *40* | *40* | *Шӯъбаи фарҳанг* | *Номуайян* |
| | | *Тайёр ва тарбия кардани мутахассисон барои муассисаҳои китобхонавӣ, клубӣ, филармонияи халқӣ дар донишгоҳи олӣ, ба ҳар соҳа ба шумораи аз 8 то 15 нафар* | *50* | *10* | *10* | *10* | *10* | *10* | *Шӯъбаи фарҳанг* | *Буҷети ноҳия* |
| *Ҳамагӣ:* | | | *24243* | *4848,6* | *4848,6* | *4848,6* | *4848,6* | *4848,6* | | |

### 2.3. Инфрасохтор

### 2.3.1. Хоҷагии манзилию – коммуналӣ

***Таъминоти оби нӯшокӣ.*** Мувофиқи маълумоти расмӣ ба ҳисоби миёна ҳамагӣ 33 фоиз аҳолии ноҳияи Мастчоҳ бо оби нӯшокии хушсифат таъмин мебошанд.

*Ҷадвалӣ 47. Сатҳи таъминоти аҳолии ноҳия бо оби нӯшокӣ дар соли 2010*

| Ҷамоатҳо | Бустон | Палдорак | Оббурдон | Мастчоҳ | Такели | Қуруқсой | Авзикент |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Аҳолӣ (нафар) | 13000 | 18774 | 34173 | 19680 | 2077 | 2964 | 12147 |
| Таъмин | 7800 | 12203 | 27338 | 14800 | 623 | 2371 | 9718 |
| Бо фоиз | 60 | 65 | 80 | 75 | 30 | 80 | 80 |
| Таъмин нестанд | 5200 | 6571 | 6835 | 4880 | 1454 | 593 | 2429 |
| Бо фоиз | 40 | 35 | 20 | 25 | 70 | 20 | 20 |

Бинобар сабаби бо оби нӯшокӣ таъмин набудани аксарияти аҳолии ноҳия, дар байни аҳолӣ зиёд шудани бемориҳои сироятӣ аз қабили гепатити вирусӣ, сил ва исқоли хунин мушоҳида мерасад. Ҳамзамон дар ноҳия лабораторияи стансияи санитарию-эпидемиологӣ барои ташхиси оби нӯшоки вуҷуд надорад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки сатҳи таъминоти об дар ҷамоатҳои Авзикент, Қуруқсой ва Оббурдон ҳамагӣ 20 фоизро ташкил медиҳад, ки хеле ташвишовар мебошад.

Масъалаи таъмини аҳолӣ бо оби хушсифати нӯшокӣ яке аз мушкилоти асосии ноҳия ба ҳисоб рафта, барои қисман ҳал намудани масъалаи мазкур маблағҳои зиёд лозим мебошад, айни замон барои то 80-85 фоизи аҳолиро таъмин намудан бо оби нӯшокӣ имкониятҳои молиявии ноҳия маҳдуд мебошанд. Бинобар ин дарёфти маблағ аз дигар сарчашмаҳо, аз ҷумла буҷети вилоятӣ, ҷумҳуриявӣ ва сармояи хориҷӣ мувофиқи мақсад мебошад.

Дар ноҳия масъалаи таъминоти оби нӯшокии аҳолиро (танҳо ҷамоати шаҳраки Бӯстон) Корхонаи фаръи давлатии обтаъминкунӣ ва канализатсияи ноҳия ба ӯҳда дорад. Сатҳи таъминоти молиявии корхонаи мазкур аз ҷамъоварии маблағҳои ҳаққи истифодаи об вобаста мебошад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки сатҳи ҷамъоварии маблағи ҳаққи истифодаи об аз ҷониби аҳолӣ ва ташкилоту муассисаҳои ноҳия нисбат ба соли 2008 дар соли 2010 то 50 фоиз зиёд шудааст, аммо ҳанӯз корхонаи мазкур имконияти таъминоти пурраи аҳолиро бо об надорад.

*Ҷадвалӣ 48. Ҳолати ҷамоварии маблаги ҳаққи истифодаи об дар солҳои 2008-2010*

| № | Нишондиҳандаҳо | Воҳиди ченак | Солҳо | | | с. 2010 нисбати с. 2008 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2008 | 2009 | 2010 | |
| 1 | Шумораи умумии муштариён, аҳолӣ | оила | 7499 | 8197 | 8914 | 18,87 |
| | -ташкилотҳои буҷавӣ | адад | 12 | 13 | 18 | 50 |
| | -ташкилотҳои ғайрибуҷавӣ | адад | 20 | 28 | 36 | 80 |
| 2 | Пардохти ҳақи истифодаи об, аз ҷумла | сомонӣ | 99866 | 170247 | 257400 | 157,7 |
| | -аҳолӣ | сомонӣ | 38091 | 65976 | 114004 | 199,2 |
| | -ташкилотҳои буҷавӣ | сомонӣ | 25421 | 60894 | 64532 | 60,6 |
| | -ташкилотҳои ғайрибуҷавӣ | сомонӣ | 36354 | 43377 | 78862 | 53,6 |
| 3 | Қарзи муштариён дар назди корхона: | | | | | |
| | -аҳолӣ | сомонӣ | 25516 | 22300 | 50400 | 97,5 |
| | -ташкилотҳои буҷавӣ ва ғайрибуҷавӣ | сомонӣ | 21264 | 13255 | 12199 | 74,3 |
| 4 | Нархи об (1 м³) | сомонӣ | 0.13 | 0.21 | 0.37 | 184.6 |
| | -аҳолӣ | сомонӣ | 0.13 | 0.21 | 0.37 | 184.6 |
| | а) баландошёна | сомонӣ | 0.13 | 0.21 | 0.37 | 184.6 |
| | б) як ошёна (маҳаллӣ) | сомонӣ | 0.13 | 0.21 | 0.37 | 184.6 |
| | -ташкилотҳои буҷавӣ | сомонӣ | 0.13 | 0.21 | 0.37 | 184.6 |
| | -ташкилотҳои ғайрибуҷавӣ | сомонӣ | 0.13 | 0.21 | 0.37 | 184.6 |
| 5 | Истеҳсоли шабонарузии об | ҳазор м³ | 3568 | 4460 | 5352 | 150 |
| 6 | Талафоти умумӣ | ҳазор м³ | 450 | 446 | 535 | 118.9 |

Айни замон дар ноҳия ду иншооти партовтозакунӣ мавҷуд аст. Иншооти партовтозакунии ҶСШК «Ҳ.Абдулов», ки соли 1990 сохта шуда иқтидори лоиҳавиаш 400 $м^3$ дар як шабонарӯз, аммо дар асл бошад бо иқтидори 160$м^3$ дар як шабонарӯз фаъолият мекунад, ҳолати ғайриқаноатбахши санитарию техникӣ дорад ва холати кунунии корхонаи мазкур ба меъёрҳои санитарии мавҷуда ҷавобгӯ нест. Аз ин лиҳоз, барои бо иқтидори пурра фаъолият намудани корхонаи мазкур гузаронидани таъмири капиталӣ ва ҷиҳозонидан ба технологияи замонавӣ мувофиқи мақсад мебошад.

Иншооти дигари партовтозакунӣ дар қисми шимолии шаҳраки Бустон ҷойгир буда, соли 1980 сохта ба истифода додашудааст. Бинобар сабаби дар шароити вазнин фаъолият намудани иншооти мазкур, комплекси технологии КУ-200 (истеҳсоли Ҷумҳурии Қирғизистон) корношоям шудааст, ки имконияти молиявии ноҳия ва ташкилоту муассисаҳои дахлдор ғайриимкон мебошад. Бояд қайд кард, ки иншооти мазкур аз соли 1990 фаъолият намекунанд ва ҳамаи таҷҳизотҳояш аз кор баромадааст. Барои барқарор намудани иншооти мазкур тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13.08.2008 №№399 «Дар бораи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Мастчоҳи вилояти Суғд барои солҳои 2008-2015» ба маблағи 6,0 млн. сомонӣ пешбинӣ шудааст, ки то ҳол аз ҷониби ташкилоту идораҳои болоӣ таваҷҷуҳ зоҳир нагардидааст.

*Ҷадвали №49. Маълумот дар бораи иншоотҳои обтозакунии ноҳия*

| № | Номгӯи иншоотҳои обтозакунӣ | Иқтидори шабонарӯзӣ $м^3$/шабонарӯз | Иқтидори аслӣ $м^3$/шабонарӯз | Усули тозакунӣ | Ҷои баромади обҳои тозашуда | Таркиби иншоотҳои обтозакунӣ | Вуҷуд доштани рухсатномабарои партови об |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | КФДО ва К Бӯстон | 200 | 200 | биологӣ | Заҳбурҳо | КУ-200 | то 17.01.05 |
| 2 | Фермаи парандапарварии Такелӣ | 2000 | Кор намекунад | биологӣ | Майдонҳои филтркунанда | аэротенка | |
| 3 | ҶСШК Ҳ.Абдулов | 400 | 172 | биологӣ | Заҳбурҳо | - | КУ-200-2 адад |
| 4 | Беморхонаи ҷамоати Оббурдон | 100 | Кор намекунад | механикӣ | Чуқуриҳои тозакунӣ | - | Чуқуриҳои тозакунӣ |
| 5 | Беморхонаи ҷамоати Авзикент | 100 | Кор намекунад | механикӣ | | - | |
| 6 | Беморхонаи ҷамоати Мастчоҳ | 100 | Кор намекунад | механикӣ | | - | |

Бояд қайд кард, ки аксарияти иншооти обтозакунии ноҳия солҳои ҳаштодуми асри гузашта сохта ба истифода супурда шудаанд ва барои ҳамин ҳолати санитарию техникии иншоотҳои мазкур ба талабот ҷавобгӯй нестанд.

Бинобар ин, обҳои канализатсионӣ бе тозакунӣ ба қубурҳои заҳбурҳо ворид мегардад, ки мушкилоти экологиро ба вуҷуд оварда, боиси пайдо ва паҳн шудани бемориҳои сироятӣ дар миқёси ноҳия гардидаанд. Мувофиқи маълумоти мутахассисони соҳа гузаронидани таъмири асосӣ ва барқароркунии иншооти мазкур маблағи зиёдеро талаб мекунад.

Мушкилоти дигари обтаъминкунии ноҳия ин бинобар сабаби дар солҳои 60-70-уми асри гузашта сохта ба истифода додани чоҳҳои амудии обҳои нӯшокӣ ва хатҳои обгузар мебошад, ки онҳо кӯҳнаю фарсуда гашта, ба талаботи санитарию эпидемиологӣ ҷавобгуй намебошанд. Ҳалли масъалаи мазкур ин сохтмони чоҳҳои амудии нав ва иваз намудани хатҳои обгузари ба талабот ҷавобгуй мувофиқи мақсад мебошад.

***Партовҳо.*** Мушкилоти дигари экологии ноҳия ин идоракунии партовҳои сахти маишӣ (ПСМ) мебошад. Бо сабаби фарсуда гаштани техникаҳои махсус аз ҷониби кормандони хоҷагии манзилию коммуналӣ ПСМ сари вақт бароварда намешавад ва дар натиҷа ба ҳолати ғайриқаноатбахши санитарии нуқтаҳои аҳолинишин сабабгор мешавад.

Ҳолатӣ ғайриқаноатбахши партовгоҳҳо қонунан амалкунанда ва ҷой доштани партовгоҳҳои сершумори ғайриқонунӣ ба тозагии муҳити атроф таъсири манфӣ мерасонад. Илова бар ин дар ҷамоатҳову деҳот умуман масъалаи ҷамъ кардани ПСМ дар ҷойҳои муайян ва ҳамчунин баровардани он ба партовгоҳҳо ҳалли худро наёфтааст.

Махсусан вазъияти ҷамоатҳои Палдорак ва Оббурдон дар ин самт ташвишовар аст, зеро заминҳое, ки барои партовгоҳҳо муайян шудаанд, айни замон барои кишти зироатҳои кишоварзӣ истифода мешаванд.

*Ҷадвали 50. Ҳаҷми ПСМ дар ноҳия*

| № | 2006 | | | | 2010 | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Ҳамагӣ ПСМ (тонн) | Аз ҷумла | | | Ҳамагӣ ПСМ (тонн) | Аз ҷумла | | |
| | | ободкунӣ | аҳолӣ | корхона | | ободкунӣ | аҳолӣ | корхона |
| 1 | 6653 | 1863 | 2490 | 2300 | 9529 | 1640 | 6139 | 1750 |

Илова бар ин дар ҳудуди ҷамоатҳои ноҳия як қатор партовгоҳҳои ғайриқонунӣ амал мекунанд. Сабаби пайдо шудани партовгоҳҳои ғайриқонунӣ набудани партовгоҳҳои расман муайяншуда мебошад. Инчунин дар шаҳраки Бӯстон баровардани пурра ва саривақтии партовҳо таъмин намегардад, ки сабабаш имзо нашудани шатрномаҳо байни маъмурияти ҷамоат, хоҷагии манзилию коммуналӣ ва шахсони воқеию ҳуқуқӣ мебошад. Барои ҳаллу фасли масъалаи идоракунии ПСМ пеш аз ҳама барҳам додани партовгоҳҳои ғайриқонунӣ амалкунанда мебошад, инчунин дар нуқтаҳои аҳолинишин таъсис додани мақомоти хоҷагидорӣ, ки ба тозагии санитарии нуқтаҳои аҳолинишин, ҷамкардан, баровардан ва коркарди ПСМ мувофиқи мақсад мебошад. Ҳамчунин дар байни аҳолӣ ба роҳ мондани корҳои фаҳмондадиҳӣ зарур аст.

**Роҳҳо ва коммуникатсия.** Аз ҳудуди ноҳия шоҳроҳи азими Душанбе-Хуҷанд-Чанок, ки дар асоси талаботҳои ҷаҳонӣ бунёд гардидааст, мегузарад. Ҳолати роҳҳо дар дохили ноҳия ва байни ҷамоатҳо фарсуда шудааст ва таъмирталаб мебошанд. Дар ояндаи наздик мушкилоти асосии роҳҳои дохилӣ – баланд бардоштани сифати роҳҳо дар асоси гузаронидани таъмири капиталӣ мебошад.

Дар низоми нақлиёт ноҳия 5 адад автобус, 2 дона микроавтобуси тамғаи «Газел», 50 адад микроавтобуси чинии «Тангем» барои хизмати мусофиркашонии аҳолии ноҳия истифода бурда мешавад.

*Ҷадвали 52. Дурнамои рушди хоҷагии роҳи ноҳия то соли 2015*

| Нишондиҳандаҳо | 2011 ҳисобот | 2012 баҳодиҳӣ | Дурнамо | | | 2015 бо % нисбати 2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2013 | 2014 | 2015 | |
| Дарозии умумии роҳҳои автомобилгард – ҳамагӣ (км) | 120,8 | 120,8 | 132,9 | 132,9 | 132,9 | 109,9 |
| Аз ҷумла: бо болопӯши сахт | 48,1 | 48,1 | 60,2 | 60,2 | 60,2 | 125,1 |
| Аз онҳо: бо болопӯши мукаммал | 72,7 | 72,7 | 72,7 | 72,7 | 72,7 | 100 |
| Роҳҳои истифодаи умум – ҳамагӣ (км) | 120,8 | 120,8 | 132,9 | 132,9 | 132,9 | 109,9 |
| Аз ҷумла: бо болопӯши сахт | 48,1 | 48,1 | 60,2 | 60,2 | 60,2 | 125,1 |
| Аз онҳо: бо болопӯши муқаммал | 72,7 | 72,7 | 72,7 | 72,7 | 72,7 | 100 |
| Маҳаллӣ | 120,8 | 120,8 | 132,9 | 132,9 | 132,9 | 109,9 |

Бояд қайд кард, ки фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи нақлиёт даромаднок бошад ҳам, аммо соҳибкорон-ронандагон аз ҷиҳати харидории қисмҳои эҳтиётӣ, баланд будани нархи сӯзишворӣ ва гузаронидани таъмири автомашинаҳо танқисӣ мекашанд. Ҳамаи нақлиётҳои мушофиркашонӣ ва боркашонӣ аз назорати техникӣ мегузаранд, аммо ҳолати экологии онҳо ба стандарти замонавӣ ҷавобгӯй нестанд.

Мувофиқи маълумоти дурнамо то соли 2015 дар ноҳия 12,9 км роҳҳои нави автомобилгарди маҳаллӣ бунёд карда мешавад.

***Алоқа***. Дар ноҳия истгоҳи рақамӣ барои 2040 муштарӣ насб карда шудааст ва иқтидори истифодабарии он 52,4 фоизро ташкил медиҳад. Илова бар ин, дар ноҳия Шабакаи телефонии деҳот низ фаъолият дорад, ки иқтидори он 480 адад буда, ҳамаги 252 муштарӣ дорад, ки ин 52,5% истифодаи иқтидори он мебошад.

Дар ҳудуди ноҳия аҳолӣ аз хизматрасонии ширкатҳои мобилии Tcell, Babilon, MLT ва ғайра ба таври васеъ истифода мебаранд.

Дар ноҳияи Мастчоҳ рӯзномаи «Машъал» бо теъдоди 2000 дона нашр мегардад. Дар ноҳия ТВ маҳаллии «Мастчоҳ» фаъолият дорад, ки аз навигариҳову маросимҳои маҳаллӣ, вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ барои аҳолии ноҳияи Мастчоҳ намоишҳои ҷолиб медиҳад.

Таҳлили сатҳи коммуникатсияи ноҳия нишон медиҳад, ки аҳолии ноҳия дар сатҳи нисбатан суст бо иттилоот таъминанд, ки ин боиси нигаронӣ мебошад.

Бояд қайд кард, ки дар вақтҳои охир дастрас кардани иттилоот барои аҳолӣ, хусусан ба воситаи ташкил ва истифодабарии Интернет-марказҳо, ки бо фазои иттилоотии глобалӣ аҳолиро аз наздик шинос менамояд, таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуд.

*Ҷадвали 53. Дурнамои рушди соҳаи алоқа*

| Нишондиҳандаҳо | 2011 ҳисобот | 2012 баҳодиҳӣ | Дурнамо | | | 2015 бо % нисбати 2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2013 | 2014 | 2015 | |
| Шумораи истгоҳҳои телефонӣ (адад) | 2 | 2 | 3 | 3 | 3 | 150 |
| Ғунҷоиши истгоҳҳои телефонӣ (ҳаз. рақам ) | 2,8 | 3,2 | 3,2 | 3,2 | 3,2 | 114,3 |
| Шумораи дастгоҳҳои телефонҳои асосӣ (ҳаз. адад) | 1,1 | 1,2 | 1,25 | 1,3 | 1,35 | 122,7 |
| Даромад аз фаъолияти асосии соҳаи алоқа (ҳаз. сомонӣ) | 105 | 110 | 110 | 150 | 150 | 142,8 |
| Ҳаҷми хизматрасонии алоқа ба аҳолӣ (ҳаз. Сомонӣ) | 41,9 | 50 | 50 | 60 | 60 | 143,2 |

***Хизматҳои дигари коммуналӣ.*** Кабудизоркунӣ, рӯшноикунӣ, тоза ногоҳдории ҳолати санитарии кӯчаҳои марказии ноҳия ва ҷамоатҳо, асосан бо усули ҳашар гузаронида мешавад. Партовақои мавҷуда - хатарнокии экологии ноҳияро муайян мекунад. Барои саривақт баровардани партовақо техникаи махсус дар миқёси ноҳия ва қуттиҳои барои партов мавҷуд нест. Низоми ташкили ин намуди хизматрасонии ноҳия беҳтар шуданро талаб мекунад.

### 2.3.2. Энергетика

***Таъминоти аҳолӣ бо барқ.*** Дар ҳудуди ноҳия Идораи шабакаҳои барқӣ ба аҳолӣ хизмат мерасонад. Дар корхонаи мазкур 132 нафар корманд ба кор машғул буда аз онҳо 12 нафар муҳандисон мебошанд. Дар тавозуни корхона 11 истгоҳҳои барқӣ ва 940 км хатҳои интиқоли барқ мавҷуд мебошад.

Фарсуда будани хатҳои барқрасонӣ, паст будани шиддатнокии барқ, номувофиқ ва фарсуда будани сифати симҳои барқӣ, мушкилоти таъминоти самараноки қувваи барқ ва талафоти зиёди онро мегардонад.

Муҳандисони маҳаллӣ дар ақидаи онанд, ки барои беҳтар намудани таъминоти барқ дар ноҳия иваз намудани симу симҷӯбҳо ва пойгоҳҳои барқӣ ба намудҳои нисбатан тобовар зарурияти аввалин дараҷа ба ҳисоб меравад.

Айни замон мушкилоти қарздории муштариён, ҳавасманд набудани аҳолӣ барои иваз намудани ҳисобкунакҳои механикӣ ба рақамӣ, баланд будани арзиши он, норасоии симу симҷӯбҳо, трансформаторҳо, таҷҳизот ва лавозимоти санҷиши қувваи барқ, техникаи борбардор ва боркаш сади роҳи рушди соҳаи мазкур шуда истодааст.

*Ҷадвали 54. Сатҳи таъминоти аҳолӣ бо нерӯи барқ*

| Ҷамоатҳо | % таъминоти аҳолӣ бо қувваи барқ | намудҳои асосии сарчашмаи қувваи барқ | Мушкилотҳи асоси таъмни брқ | Ҳолати таъминоти барқ |
|---|---|---|---|---|
| Бустон | 100 | Марказонидашуда | Норасогии барқ | Норасогии к/б |
| Палдорак | 100 | Марказонидашуда | Норасогии барқ | Норасогии к/б |
| Оббурдон | 100 | Марказонидашуда | Норасогии барқ | Норасогии к/б |
| Мастчоҳ | 100 | Марказонидашуда | Норасогии барқ | Норасогии к/б |
| Такели | 100 | Марказонидашуда | Норасогии барқ | Норасогии к/б |
| Қуруқсой | 100 | Марказонидашуда | Норасогии барқ | Норасогии к/б |
| Авзикент | 100 | Марказонидашуда | Норасогии барқ | Норасогии к/б |

Дар ҳолати мунтазам ворид шудани нерӯи барқ аз марказ, Шабакаи барқи ноҳия пурра аҳолии ноҳияро бо нерӯи барқ таъмин менамоянд. Панҷ шаш соли охир барқ дар давраи танҳо тобистон мунтазам ба аҳолӣ интиқол дода мешавад, аммо дар фасли зимистон норасогии барқ мушкилоти асосии ноҳия мебошад.

*Ҷадвали 55. Ҳаҷми фурӯши барқ дар тӯли солҳои 2008 – 2010*

| Нишондиҳандаҳо | Воҳиди ченак | Солҳо | | | с 20010 нисбат ба с 2008 бо % |
|---|---|---|---|---|---|
| | | 2008 | 2009 | 2010 | |
| Фурӯши умумии барқ | ҳаз.сомонӣ | 4734,3 | 7605,4 | 10266,7 | 216,8 |
| Ҳаҷми умумии барқи фурӯхташуда | ҳаз. квт/с | 127182 | 153191 | 150346 | 118,2 |
| Аз ҷумла, -ба аҳолӣ: | ҳаз. сомонӣ | 666,8 | 1128,4 | 1796,4 | 269,4 |
| ҳаҷми умумӣ | ҳаз. квт/с | 16005 | 18806 | 19962 | 124,7 |
| -ба ташкилотҳои буҷетӣ | ҳаз. сомонӣ | 112 | 324,9 | 382,2 | 341,2 |
| -ба ташкилотҳои ғайрибуҷетӣ | ҳаз. сомонӣ | 419,4 | 1028,5 | 2072,2 | 494,1 |
| ҳаҷми умумӣ | ҳаз. квт/с | 4545 | 6072 | 2307 | 50,7 |
| Нархи 1 кВт/с (ба ҳисоби миёна): | дирам | 3,73 | 4,964 | 7,14 | 191,4 |
| - ба аҳолӣ | дирам | 4,8 | 6 | 9 | 187,5 |
| -ташкилотҳои буҷетӣ; | дирам | 2,9 | 5,44 | 8,5 | 293,1 |
| -ташкилотҳои ғайрибуҷетӣ | дирам | 9,3 | 13,68 | 21,3 | 229,0 |
| Қарзи муштариён дар назди корхона, аз ҷумла: | ҳаз. сомонӣ | 7105 | 11323,4 | 13202 | 185,8 |
| - аҳолӣ | ҳаз. сомонӣ | - | - | 81,6 | - |
| -талафоти умумӣ | ҳаз. квт/с | 1984 | 18849 | 24527 | 123,6 |
| -талафоти умумӣ | % | 15,6 | 12,3 | 16,3 | 104,4 |

Аз ҳисоби зиёдшудани аҳолӣ ва талаботи он низ зиёд шуда, иқтидори таҷҳизотҳои амаликунанда ба талабот ҷавобгу нестанд, фарсуда шудааанд ва зуд зуд аз кор мебароянд. Қисман таъмири онҳо аз ҳисоби аҳолӣ гузаронида мешавад.

***Таъминоти газӣ табиӣ.*** Бо гази табии таъмин кардани аҳолӣ, яке аз мушкилоти асосии соҳаи инфрасохтори хизмати коммуналии ноҳияи Мастчоҳ мебошад, ки то ҳол дар ноҳия хатти газ гузаронида нашудааст. Гарчанде лоиҳаи сармоягузорӣ аз ҳисоби сармояи хориҷӣ барои ба ноҳия кашонидани хати интиқоли газ аз Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз ҷониби мутахассисон таҳия ва ба Барномаҳои давлатии сармоягузорӣ ворид карда шудааст, ки ҳалли ин мушкилот дар сатҳи вилоятӣ ва ҷумҳурӣ бояд ҳалли худро ёбад.

Гарм кардани корхонаву муассисаҳо, хонаҳои истиқоматии аҳолӣ асосан аз ҳисоби истифодабарии сӯзишвории сахт - ангишт, ҳезум ва дигар воситаҳо таъмин карда мешаванд.

Бо дастгирии ИҶБ «Ҷовид» дар муассисаи таҳсилоти ҳамагонии №5 ҷамоати Авзикент барои истеҳсоли барқ - батареяҳои офтобӣ ҷиҳозонида шудааст. Барои беҳтар кардани ҳолати таъмини барқ дар ноҳия истеҳсоли алтернативии барқ бояд ривоҷ ёбад. Таъминоти барқ аз ҳисоби ин гуна таҷҳизотҳо боиси пӯшонидани норасогии барқ дар ноҳия мегардад.

## 2.3.3. Стратегия ва вазифаҳои сектори инфрасохтор

| Мақсад | Вазифаҳо | Амалиётҳо/Лоиҳаҳо | Арзиши (ҳазор. сомони) | Солҳо 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | Сарчашмаи маблаггузорӣ | Натиҷаҳои пешбинишаванда |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Обтаъминкунӣ** | | | | | | | | | | |
| Беҳтар кардани шароити аҳоли бо таъмини оби нӯшокии боси-фат | Баланд бардоштани сатҳи таъмини аҳолӣ бо оби нӯшокии хушсифат | Таҳия ва амалисозии лоиҳаҳо оид ба таъминоти оби нӯшокии шаҳраки Бӯстон, ҷамоатҳои Авзикент, Қуруқсой ва Такелӣ | 1190 | 238 | 238 | 238 | 238 | 238 | Сармояи хориҷӣ | Фоизи аҳолии бо оби тозаи нӯшокӣ таъминбуда (50% то соли 2016)<br><br>Баланд бардоштани сифати оби нӯшокӣ (то соли 2016 таҷдиди СЭС)<br><br>Фоизи аҳолие, ки ҳисобкунакҳои обиро истифода мебаранд (20% то соли 2016)<br><br>Шумораи нуқтаҳои оби нушокии бунёдгардида (75 адад то соли 2016)<br><br>Масоҳати хати оби нӯшокии бу-нёдгардида (25 км. то соли 2016)<br><br>Шумораи чоҳҳои амудии сохта-шуда ва таъмиркардашуда (10 адад то соли 2016) |
| | | Гузаронидани таъмири чоҳҳои обкашии амаликунанда, 48 адад | 1360 | 272 | 272 | 272 | 272 | 272 | номуайян | |
| | | Таҳия ва татбиқи лоиҳаи сармоягузорӣ оид ба хлоркунии обҳо нӯшокӣ | 250 | 50 | 50 | 50 | 50 | 50 | Буҷети ноҳия | |
| | | Сохтмони шабакаи оби нӯшокии Хӯҷанд-Мастчоҳ, аз ҷумла ноҳияи Мастчоҳ (қарори ҲҶТ аз 2.12с.2006 №514) аз ҷумла: | 11303,6 | 260,7 | 260,7 | 260,7 | 260,7 | 260,8 | Буҷети ҷумҳурӣ | |
| | Мукаммал кардани низоми идора-кунии таъминоти оби нӯшокӣ | Ба тартиб даровардани низоми ҳисобот ва тарифҳои оби нӯшокӣ | 400 | 80 | 80 | 80 | 80 | 80 | Номуайян | |
| | | Бо ҳисобкунакҳои истифодаи об таъмин карадни аҳолӣ, 20 ҳазор | 20 | 4 | 4 | 4 | 4 | 4 | Аҳолӣ | |
| | | Ташкил кардани маъракаи иттилоотӣ оид ба самаранок истифода бурдани оби нӯшокӣ | 10 | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 | Буҷети ноҳия | |
| | | Баркарорсозии хати оби нӯшокии шаҳраки Қуруқсои ноҳия | 355 | 71 | 71 | 71 | 71 | 71 | Буҷети ви-лоят | |
| | | Баркарорсозии хати оби нӯшокии шаҳраки Бӯстон (2011-2015) 724 ҳаз. сомонӣ ҷудо шуд (барои 2011) | 1648,4 | 715 | 233,35 | 233,35 | 233,35 | 233,35 | Буҷети ҷумҳурӣ | |
| | | Барқарорсозии системаи канализатсияи шаҳраки Бӯстон | 4500 | 900 | 900 | 900 | 900 | 900 | Буҷети ҷумҳурӣ | |
| ҲАМАГӢ: | | | 20637 | 2512,7 | 2031,05 | 2031,05 | 2031,05 | 2031,15 | | |
| **Хоҷагии манзилию коммуналӣ** | | | | | | | | | | |
| | Беҳтар кардани низо-ми хизмати коммуналӣ | Ташкили низоми нави хизмати коммуналӣ бо базаи техникии муосир | 200 | 40 | 40 | 40 | 40 | 40 | Буҷети ҷумҳурӣ | Ба имзо расонидани шартнома бо 85% ташкилоту муассисаҳои ноҳия барои хизматрасонии коммуналӣ то соли 2016<br><br>Ташкили 10 нуқтаҳои партовгоҳҳо бо қуттиҳо барои партовҳо то соли 2016<br>Шумораи истгоҳҳои барқии |
| | | Ташкили низоми инфрасохтори ҷамъкардан ва кашонидани партоваҳо (таъсиси низоми қуттиҳо барои партоваҳо) | 200 | 40 | 40 | 40 | 40 | 40 | Буҷети вило-ят | |
| | | Таъминоти аҳолӣ бо иттилоотҳо оид ба коркарди партоваҳо, баланд бар-доштани сатҳи дониши аҳолӣ барои | 20 | 4 | 4 | 4 | 4 | 4 | Номуайян | |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | рияо кардани тозагӣ ва тамини экологияи тоза. | | | | | | | таъмиркарда ва бунёдгардида (12 адад то соли 2016) |
| | ҲАМАГӢ: | | 420 | 84 | 84 | 84 | 84 | 84 | | |
| | Беҳтар кардани низоми таъмини аҳолӣ бо барқ | Таъмири ТП-ҳои фарсудашуда ва ивази онҳо ба ТП-ҳои баландиқтидор | 20 | 4 | 4 | 4 | 4 | 4 | Номуайян | Дарозии роҳҳои таъмир карда ва бунёдгардида (50 км то соли 2016) |
| | | Ба тартиб даровардани шабакаҳои худфаъолияти аҳолӣ аз рӯи меъёрҳои муайяншуда | 1166 | 233,2 | 233,2 | 233,2 | 233,2 | 233,2 | Номуайян | Сатҳи таъмини муассиса бо масолеҳи сохтмонӣ (100% то соли 2016) |
| | | Таҳия ва амалӣ намудани лоиҳаҳои алтернативии таъминоти аҳолӣ бо барқ – таҷҳизоти офтобӣ | 900 | 180 | 180 | 180 | 180 | 180 | СМХ | |
| ҲАМАГӢ: | | | 2086 | 417,2 | 417,2 | 417,2 | 417,2 | 417,2 | | Шумораи техникаҳои ҳозиразамонаи таъмири роҳҳои харидоришуда (35 адад то соли 2016) |
| **Нақлиёт ва алоқа** | | | | | | | | | | |
| Беҳтар кардани сифати хизмати низоми нақлиёт ва коммуникатсия | Беҳтар кардани инфасохтори нақлиёти ва баланд бардоштани сатҳи самараноки вай | Таъмири роҳҳои дохила байни ҷамоатҳо ва маркази ноҳия -120 км. | 16340 | 228,6 | 228,6 | 228,6 | 228,6 | 228,6 | Буҷети вилоят | |
| | | Муайян кардани роҳгузарҳо барои шаҳрвандон | 10 | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 | - | Шумораи коргарони баландихтисоси ба кор ҷалбшуда (25 нафар то соли 2016) |
| | | Таъмин кардани идораи хоҷагии роҳи ноҳия бо масолеҳи сохтмон | 10500 | 2100 | 2100 | 2100 | 2100 | 2100 | Номуайян | |
| | | Харидорӣ намудани 2 адад техника-автогрейдер, экскватор «Скорпион» | 600 | 120 | 120 | 120 | 120 | 120 | Номуайян | Беҳтар намудани фаъолияти радиои маҳаллӣ, барномаҳои пурмазмуни ТВ ва рӯзнома дар ноҳия то соли 2016 |
| | | Тайёр кардани кадрҳо ва баланд бардоштани савияи тахассуси мутахассисон | 50 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | Буҷети ноҳия | |
| | | Таъсиси ассосиатсияи дорандагони нақлиёти ҷамъиятӣ барои таъмири умумӣ бо ҳамкорӣ ва ҳалли масъалаҳои экологии нақлиёт | 10 | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 | Соҳибкорон | |
| | Мукаммал ва пурқувват кардани иқтидори ВАО | Ташкил кардани рейдҳои мониторинги нақлиётҳои мусофиркашон дар асоси ҳамкории низоми корхонаҳо – Транссервис, БДА, терминал | - | - | - | - | - | - | | |
| | | Таҳия ва татбиқи лоиҳаҳо оид ба барқарор кардани радиои маҳаллӣ | 20 | 4 | 4 | 4 | 4 | 4 | Буҷети ҷумҳурӣ | |
| | | Мукаммал кардани фаъолияти ТВ «Мастчоҳ» | 15 | 3 | 3 | 3 | 3 | 3 | Буҷети ноҳия | |
| | | Беҳтар намудани фаъолияти Идораи рӯзномаи маҳаллии «Машъал» | 20 | 4 | 4 | 4 | 4 | 4 | Буҷети ҷумҳурӣ | |
| Ҳамагӣ: | | | 27565 | 2473,6 | 2473,6 | 2473,6 | 2473,6 | 2473,6 | | |

**2.4. Ҳифзи муҳити зист**

***Кам кардани офатҳои табиӣ.*** Низоми ҳолатҳои фавқулодда ва мудофияи граждании вазифаи огоҳсозӣ ва бартараф намудани ҳолатҳои фавқулодда, ҳифзи аҳолӣ ва минтақаи аз ҳолатҳои фавқулодда (ҲФ) хавфнокбуда, ташкили омӯзонидани аҳолӣ ба амалиёт дар ҳолатҳои фавқулодда, таъмини омодабошии доимии нерӯҳо ва воситаҳо оид ба бартарафсозии оқибатҳои ҲФ, назорат ва ҳамоҳангсозии корҳо ҷиҳати ба аҳолии аз ҳолатҳои фавқулодда осебдида дастрас намудани кӯмакҳои башардӯстона ва татбиқи назорат аз рӯи истифода, тақсимот ва хароҷоти оқилонаи кӯмакро ба зимма дорад.

Дар давоми солҳои 2008 - 2010 дар ноҳияи Мастчоҳ 29 офатҳои табиӣ, аз ҷумла 26 шамол, 3 сел ба қайд гирифта шудааст. Офатҳои табиӣ ба иқтисодиёти ноҳия ба маблағи 1750 ҳазор сомонӣ ҳисорот ворид сохтааст, ки барои бартараф намудани он аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ ва соҳибкорон 210 ҳазор сомонӣ хароҷот гардидааст.

*Ҷадвали 56. Ҳаҷми зарари офатҳои табиӣ (ҳаз. сомонӣ)*

| Нишондиҳандаҳо | 2008 | 2009 | 2010 | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|
| Зарари расонида | 351 | 809 | 590 | 1750 |
| Маблағгузориҳо аз буҷети маҳаллӣ ва сохибкорон | 47 | 59 | 104 | 210 |

Ҳоло дар ноҳияи Мастчоҳ 14 муассиса вуҷуд дорад, ки онҳо бевосита ба огоҳсозии офатҳои табиӣ ҷалб гардиданд, аз ҷумла:

- Хадамоти хабаррасонӣ ва алоқа (ҶСШК «Тоҷиктелеком»);
- Хадамоти тиббӣ (Беморхонаи марказии шаҳрӣ**);**
- Хадамоти таъмини тартибот (ШКД);
- Хадамоти сӯхторхомушкунӣ;
- Хадамоти нақлиёт;
- Хадамоти роҳсозӣ (МНДРА);
- Хадамоти коммуналӣ;
- Хадамоти муҳандисӣ;
- Хадамоти санитарӣ ва назорати эпидемиологӣ;
- Хадамоти муҳофизати ҳайвонот ва наботот;
- Хадамоти савдо ва хӯроки умумӣ;
- Хадамоти энергетикӣ;
- Хадамоти интиқоли сӯзишворӣ;
- Хадамоти муҳофизат аз селҳо ва КС.

Бояд қайд намуд, ки кам кардани хавфи ҳолатҳои фавқулодда бояд ба сифати ҷанбаи комплексии байнисоҳавии ҳамаи соҳаҳои инфрасохторро дарбаргиранда баррасӣ карда шавад, зеро дар ҳолати ба вуҷуд омадани офат ҳамаи бахшҳо зарар мебинанд. Дар робита ба ин мақсади асосӣ ҳамгироии тадбирҳо оид ба паст кардани хавфнокии офатҳои табиӣ дар нақшаи рушди шаҳр тавассути татбиқи нақшаҳои омодабошӣ ва эътино ба офатҳои табиӣ ва ҳолатҳои фавқулодда ва ҷудо намудани маблағҳо аз буҷет ба ҳисоб меравад.

Ситоди ҳолатҳои фавқулодда бо бахши Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмар, ташкилоти башардӯстонаи Миссияи Шарқ ва ташкилоти ғайридавлатии Глобал – Партнерс ҳамкорӣ менамояд.

Мушкилотҳои асосӣ дар самти паст кардани хатари офатҳои табиӣ аз нокифоягии маблағҳои буҷетӣ ҷиҳати такмили низоми огоҳсозии офатҳои табиӣ, мавҷуд набудани маблағҳои зарурӣ барои кори муназзам оид ба тадбирҳои соҳилмустаҳкамкунӣ, норасогии техника ва сӯзишворӣ ва набудани базаи моддию техникии ситоди Ҳолатҳои Фавқулоддаи ноҳияи Мастчоҳ иборат мебошад.

### 2.4.1. Экология

Ба ҳолати экологии ноҳия, махсусан минтақаи наздисарҳадии ноҳия, фаъолияти Комбинати гидрометаллургии шаҳри Алмалиқи Ҷумҳурии Ӯзбекистон таъсири манфӣ мерасонад.

Яъне партовгоҳои комбинати мазкур дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон вокеъ гардидааст ва асосан моддаи химиявии сианиди калий ва натрий ҷудо мекунад, ки ба саломатии аҳолӣ ва муҳити атроф таъсири бад мерасонад. Бояд қайд кард, ки халли масъалаи мазкур ба салоҳияти комиссияи байниҳукуматӣ вобаста мебошад.

Дар баъзе минтақаҳои ноҳия норасогии оби полезӣ эҳсос мешавад, ки ба зиёд шудани заминҳои дар кишоварзӣ истифоданашаванда, камҳосилӣ, хушкидани ҷангалзори муҳофизати киштзор оварда мерасонад.

Мушкилоти дигари экологӣ зиёд шудани сатҳи партовҳои зарарнок ба муҳит мебошад. Масалан, ҳаҷми партовҳои зарарнок ба муҳит аз иншоотҳову корхонаҳо дар соли 2008 – 111,379 т/сол, соли 2009 – 120,144 т/сол, соли 2010 – 123,404 т/дар як солро ташкил дод.

*Ҷадвали 57. Партовҳои зараровар ба муҳити зист*

| № | Минтақа | Партовҳои зараровар ба муҳити зист тн/дар як сол | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Соли 2010 | | | | | | | |
| | | Ҳамагӣ тонна | Партовҳои сахт | SO2 | CO | NO2 | Углеводород | ЛОС | Дигар газҳо |
| 1 | Ноҳияи Мастчоҳ | 123,404 | 118,025 | 2,978 | 1,587 | 0,454 | 0,36 | 0 | 0 |

Ҳамчунин сол аз сол партовҳои зараровари автомобилҳо ба муҳити зист зиёд мешавад. Айни замон дар ноҳия 2454 автомобилҳое, ки бо сӯзишвории бензин кор мекунанд, ба қайд гирифта шудаанд. Ба ҳисоби миёна 1 мошина дар ҳаҷми 349,5кг дар як сол ба муҳит гази зараровар партов мекунад. Яъне ҳаҷми умумии партовҳои зараровари мошинҳо ба муҳити зист дар як сол 857,673 тоннаро ташкил медиҳанд.

Бояд қайд кард, ки мушкилоти номбаршударо бо тариқи баланд бардоштани маърифати экологии аҳолӣ ҳал кардан мумкин аст, ки айни замон он дар сатҳи хеле паст қарор дорад.

Мушкилоти дигари экологии ноҳия ин набудани канализатсия дар маркази ноҳия ва нуктаҳои аҳолинишини ноҳия мебошад. Масъалаи мазкур боиси сар задании касалиҳои сироаткунанда аз қабили сил ва ғ. ба ҳисоб меравад.

## 2.4.2. Стратегия ва вазифаҳои сектори ҳифзи муҳити зист (экология)

| Ҳадаф | Вазифаҳо | Лоиҳаҳо / Чорабиниҳо | Арзиш (ҳаз. сомонӣ) | солҳо | | | | | Сарчашмаи маблаггузорӣ | Натиҷаҳои пешбинишаванда |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | | |
| захираҳои табиӣ дар чорчӯбаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Мастчоҳ | Таъмини идоракунии ПСМ дар сатҳи ҷамъкунӣ, баровардан ва коркарди он. | Ҷудо кардани маблагҳои иловагӣ, аз ҷумла дотатсия аз буҷетҳои ҷумҳуриявию вилоятӣ ҷиҳати ташкили чорабиниҳое, ки барои фаъолияти мунтазами шабакаҳои дренаҷӣ нигаронида шудаанд | 200 | 40 | 40 | 40 | 40 | 40 | Буҷети вилоят | Хароҷоти об ба 1 га зироатҳои кишварзӣ (ҳадди аққал паст намудан то соли 2016) |
| | | Омода кардани қарори раиси ноҳия ҷиҳати ҷудо кардани қитъаҳои замин барои партовгоҳ дар ҷамоатҳои деҳот | - | - | - | - | - | - | | Фоизи заминҳои наздизаҳбурӣ, ки мақсаднок истифода мешаванд (100% то соли 2016) |
| | | Таҳияи лоиҳаҳои сармоягузорӣ оид ба ташкили партовгоҳҳо | - | - | - | - | - | - | | Кам шудани партовгоҳҳои гайриқонунӣ амамлкунанда (ҳадди аққал кам шудан то соли 2016) |
| | | Сохтмони партовгоҳҳои рухсатномадошта | 50 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | Буҷети ноҳия | |
| | | Истифодаи мақсадноки заминҳои барои партовгоҳ ҷудо шуда дар ҷамоатҳои Мастчоҳ, Палдорак ва Оббурдон, аз гардиши кишоварзӣ баровардани онҳо. | 30 | 6 | 6 | 6 | 6 | 6 | Номаълум | Шумораи корхонаҳои коркарди партовҳо (2 адад то соли 2016) |
| | | Тоза кардани партовгоҳҳои гайриқонунӣ | 30 | 6 | 6 | 6 | 6 | 6 | Номаълум | |
| | | Гузаронидани чорабиниҳо ҷиҳати бастани шартномаҳо байни ХМК ва шахсҳои воқеиву ҳуқуқӣ оид ба баровардани ПСМ | - | - | - | - | - | - | | Шумораи нуқтаҳои ҷамъ кардани ашёи хоми ба коркард мувофиқ (3 адад то соли 2016) |
| | | Дар ҷамоатҳо таъсис додани мақомоти хоҷагидорӣ, ки барои тозагии санитарии нуқтаҳои аҳолинишин, аз ҷумла баровардан ва коркарди ПСМ масъул мешаванд | 50 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | Буҷети ноҳия | Шумораи нуқтаҳои ҷамъ ва иваз кардани маводи дорои моддаҳои хавфноку зараровар (2 адад то соли 2016 ) |
| | | Пурқувват кардани назорат ва ҷаримапулӣ барои ташкили партовгоҳҳои гайриқонунӣ | - | - | - | - | - | - | | |
| | | Ҳавасмандгардонии ташкили корхонаҳои коркарди ПСМ, нобудсозии партовҳои маводҳои тиббӣ ва заҳрнок | 80 | 16 | 16 | 16 | 16 | 16 | Номаълум | Шумораи беморхонаҳое, ки таҷҳизоти нобудсозии маводи тиббии истифодашударо доранд (3 адад то соли 2016) |
| | | Гузаронидани чорабиниҳои оммавӣ бо иштироки аҳолӣ, занҳо, мактаббачагон ҷиҳати ободкунӣ, кабудизоркунӣ ва тозагии маҳаллаҳо | 5 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | Буҷети ноҳия | Шумораи назоратчиёни ҷамъиятии экологии омӯзондашуда (3 нафар то соли 2016) |
| | | Мунтазам гузаронидани чорабиниҳои санитарию эпидемиологӣ ва экологӣ барои беҳгардонии ҳолати партовгоҳҳо | 5 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | Буҷети ноҳия | Шумораи мониторингҳои гузаронидашуда (20 адад то соли 2016) |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | *Ҳалли мушкилоти экологии наздисарҳадӣ* | *Татбиқи лоиҳаи инвеститсионии истифодаи манбаъҳои табиии обҳои рӯизаминӣ ва зеризаминӣ* | *250* | *50* | *50* | *50* | *50* | *50* | *Номаълум* | *Шумораи фермерҳое, ки курсҳои омӯзишӣ ва тренингҳоро оид ба усулҳои самараноки фаъолияти кишоварзӣ гузаштаанд (50 нафар то соли 2016)*<br><br>*Кам шудани масоҳати заминҳои ҳолати мелиоративиашон гайриқаноатбахш (то ҳадди ақкал кам кардан то соли 2016)*<br><br>*Таҳияи картограммаҳои ноҳия (3 адад то соли 2016)*<br><br>*% ҷамоатҳо ва одамоне, ки дар ин чорабиниҳо иштирок карданд ва ба раванди қабули қарорҳо оид ба масоили экологӣ ҷалб шуданд (85% то соли 2016)*<br><br>*% мактабҳо, мактаббачагон ва муаллимони ба кори ин маҳфилҳо ҷалбшуда (65% то соли 2016)* |
| | | *Азнавсозии шабакаи канализатсионии беморхонаи ноҳиявӣ* | *100* | *20* | *20* | *20* | *20* | *20* | *Номаълум* | |
| | | *Ҷорӣ намудани назорати доимӣ аз ҷониби мутахассисони экологӣ ҷиҳати истифода қонунӣ ва сарфакоронаи захираҳои об* | - | - | - | - | - | - | *Шӯъбаи экология* | |
| | | *Гузаронидани шабакаҳои оби худҷоришаванда, ободкунии ҳудуди чашмаҳо.* | *150* | *30* | *30* | *30* | *30* | *30* | *Буети ноҳия* | |
| | | *Ташкили лабораторияи хадамоти санитарию эпидемиологӣ* | *45* | *9* | *9* | *9* | *9* | *9* | *Буҷети ҷумҳурӣ* | |
| | | *Гузаронидани мониторинги мунтазами ифлосшавии наздисарҳадии муҳити зист* | - | - | - | - | - | - | | |
| | | *Таъсиси комиссияи байниҳукуматии ноҳияи Мастчоҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ноҳияҳои ҳамсарҳади Ӯзбекистон оид ба ҳалли масоили экологӣ* | - | - | - | - | - | - | *Кумитаи ҳифзи муҳити зисти ҶТ* | |
| | *Паст кардани сатҳи таъсирноки манфии иншоотҳои хоҷагии халқ ба муҳити зист ва саломатии аҳолӣ* | *Харидорӣ намудани таҷҳизоти назорат ва мониторинги партовҳои зараровар ба мӯҳити зист* | *30* | *6* | *6* | *6* | *6* | *6* | *Буҷети ҷумҳурӣ* | |
| | | *Ташкил намудани шиносномаи экологии корхонаҳою ташкилотҳои ноҳия* | *5* | *1* | *1* | *1* | *1* | *1* | *Корхонаҳо* | |
| | | *Гузаронидани санҷишҳои доимии партовҳо ба муҳити зист, баҳисобгирии ҳатмии онҳо дар шӯъбаи экологии ноҳия ва мақомоти оморӣ* | - | - | - | - | - | - | *Шӯъбаи экология* | |
| | | *Ҷорӣ кардани технологияҳои бепартов ё кампартов дар истеҳсолот, татбиқи лоиҳаҳои технологии коркарди партовҳои истеҳсолот.* | *200* | *40* | *40* | *40* | *40* | *40* | *Корхонаҳо* | |
| | | *Назорати ҳатмии истифодаи маводҳои ҳифзи инфиродӣ аз ҷониби кормандони истеҳсолот бо шароити меҳнати зараровар.* | - | - | - | - | - | - | | |
| | | *Дар хоҷагиҳои деҳқонӣ ташкил кардани картограммаҳои таркиби агрохимикии хок.* | *20* | *4* | *4* | *4* | *4* | *4* | *Хоҷагиҳои кишоварзӣ* | |
| | | *Гузаронидани чорабиниҳои соҳилмустаҳкамкунӣ дар ҳудуди ноҳия* | *150* | *30* | *30* | *30* | *30* | *30* | *Буҷети ҷумҳурӣ* | |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Таъмини ҳифзи дарахтзор ва ҷангалзори муҳофизати киштзор | Тозакунӣ ва барқароркунии лотоку ҷӯйборҳои шабакаи обёрикунии ноҳиявӣ | 30 | 6 | 6 | 6 | 6 | 6 | Хоҷагиҳо |
| | | Шинонидани ниҳолҳои дарахтони ба шароити иқлимии ноҳия мутобиқ | 5 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | Буҷети ноҳия |
| | | Ташкил ва гузаронидани маъракаҳои гуногун, чорабиниҳо оид ба кабудизоркунии ноҳия, барқароркунӣ ва васеъкунии минтақаҳои ҷангалзори муҳофизати киштзор | 5 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | Буҷети ноҳия |
| | Таъмини идоракунии ПСМ дар сатҳи ҷамъкунӣ, баровардан ва коркарди он. | Омода кардани барномаҳои махсус дар телевизиони маҳаллӣ, вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ, ташкили рубрикаи маърифати экологӣ дар рӯзномаи ноҳиявӣ | - | - | - | - | - | - | |
| | | Таъсиси низоми паҳнкунии оммавии донишҳои экологӣ ва фароҳам овардани шароити ташаккул ва баланд кардани сатҳи фарҳанги экологии аҳолӣ | 5 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | Буҷети ноҳия |
| | | Ташкил ва гузаронидани семинарҳо, тренингҳо, муҳокимаҳои ҷамъиятӣ ҷиҳати мушкилоти рӯзмарраи муҳити зист | 5 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | Буҷети ноҳия |
| | | Гузаронидани мониторинги сатҳи воқифӣ ва маърифати аҳолӣ оид ба масоили экологӣ | - | - | - | - | - | - | Шӯъбаи экология |
| | | Ташкил ва рушди маҳфилҳои «Патрули сабз», ҳаракати экологии ҷавонони Тоҷикистон дар мактабҳо | - | - | - | - | - | - | Шӯъбаи экология |
| | | Ҳавасмандкунии бунёди гармхонаҳои аз ҷиҳати энергетикӣ самаранок дар ҳудуди корхонаҳои саноатӣ, ташкилоту муассисаҳо, муассисаҳои таълимӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ | 25 | 5 | 5 | 5 | 5 | 5 | Буҷети вилоят |
| ҲАМАГӢ: | | | 1475 | 295 | 295 | 295 | 295 | 295 | |

**2.5. Таъминоти захиравӣ**

***Низоми идоракунӣ.*** Мақомоти идоракунии давлатии маҳаллӣ – Маҷлиси намояндагони халқ мебошад, ки аз 40 нафар намояндагон (4 нафар занҳо) иборат мебошад.

Маҷлис ҳар се моҳ даъват карда мешавад. Дар он 5 комиссияҳои зерин кор мекунад: оид ба масъалаҳои қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ; оид ба масъалаҳои иқтисодӣ ва буҷет; оид ба масъалаҳои сиёсати аграрӣ, ҳифзи табиат, хӯрокворӣ, меҳнат ва хизматрасонӣ ба аҳолӣ; оид ба масъалаҳои ҳифзи иҷтимоӣ, илм, маориф, сиҳатии омма, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон, оила ва занон; оид ба масъалаҳои сохтмон, саноат, нақлиёту алоқа, хоҷагии роҳ ва хоҷагии рифои.

Дар мақомоти иҷроияи маҳаллӣ ҳокимияти давлатӣ 25 нафар коргарон фаъолият мебаранд, аз ҷумла 7 нафар занҳо мебошанд.

***Иқтидори идоракунӣ.*** Мутобиқи қарори Раиси ноҳияи Мастчоҳ аз 23 феврали соли 2009 №129 тақсимоти вазифаҳо дар байни Раиси ноҳия, муовини аввали раис, муовинон ва роҳбари дастгоҳи Раиси ноҳия тақсим карда шудаанд.

Дар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия ҳамаи шӯъбаҳо бо компютер таъмин буда, кадрҳои болаёқат дар асоси озмун ба кор қабул карда мешаванд. Иқтидори техникии мақомоти иҷроия – 16 адад компютер, 9 адад принтер ва 1 адад факс.

***Сохтори идоракунии ноҳияи Мастчоҳ.*** Сохтори штатии ноҳия на он қадар рушд ёфтааст ва барои самаранок идора намудан мувофиқ нест, мутахассисони баландихтисоси соҳаҳои иқтисодӣ ва кишоварзӣ дар ҳайати сохтори ноҳия намерасанд. Дар ноҳия 7 ҷамоатҳо фаъолият мебаранд, ки роҳбарии 2-тои онҳоро занҳо ба ӯҳда доранд.

Яке аз проблемаҳои таъминоти захиравӣ оид ба таъмин набудани ҷамоатҳо бо бинои маъмурии замонавӣ мебошад. Аз 7 ҷамоати ноҳия ҷамоатҳои деҳоти Мастчоҳ, Оббурдон, Палдорак ва ҷамоати шаҳраки Такелӣ бино надоранд.

Ҷамоати деҳоти Мастчоҳ дар бинои хоҷагии «Зарафшон», ҷамоати деҳоти Оббурдон дар клуби хоҷагии ба номи Ф.Султонов, ҷамоати деҳоти Палдорак ва ҷамоати шаҳраки Қуруқсой дар бинои вайрона, ҷамоати шаҳраки Такелӣ дар клуби хоҷагии ба номи Умари Хайём ҷойгир карда шудаанд.

Бо вуҷуди ин, бинои ҷамоати деҳоти Палдорак ва ҷамоати деҳоти Қуруқсой ниҳоят фарсуда буда, истифодаи минбаъдаи онҳо ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, дар ҷои бинои онҳо бинои нав бунёд намудан лозим аст. Умуман, барои ҳамаи ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ноҳия бинои замонавӣ, дуошёна ва нав сохтан мутобиқи мақсад мебошад.

Бо мақсади бо кадрҳои баландихтисос таъмин намудани ноҳия тавассути квотаи президентӣ тайёр кардани кадрҳо лозим мебошад, инчунин роҳи дигари баланд бардоштани савияи дониши кадрҳои идоракунандаи ноҳия ва ҷамоатҳо дар асоси гузаронидани курсҳои кӯтоҳмуддат оид ба «Менеҷменти маҳал», «Иқтисодиёти маҳалл», «Молияи маҳаллӣ», «Ҳуқуқӣ маҳаллӣ» ва истифодаи компютерҳо ва иттилоотҳои технологии замонавӣ мебошад.

**Сохтори идоракунии ноҳияи Мастчоҳ**




***Таъминоти молиявӣ-буҷетӣ.*** Таҳлили қисми даромад ва истифодаи буҷети ноҳияи Мастчоҳ дар солҳои 2008–2010 дар ҷадвал нишон додашудааст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки андоз аз даромади шахсони воқеӣ нисбати нақша 604762 сомонӣ, андоз аз арзиши иловашуда нисбати нақша 19578 сомонӣ, андоз аз истифодаи роҳҳои автомо-

билгард нисбати нақша 268891 сомонӣ ва андоз аз соҳибони воситаҳои нақлиёт нисбати нақша 299220 сомонӣ кам иҷро шудааст.

Сабаби асосии иҷро нагардидани ин намуди андозҳо дар он мебошад, ки шароити молиявии хоҷагиҳои кишоварзӣ хело вазнин буда дар суратҳисобҳояшон маблағ надоранд. Инчунин пардохти музди меҳнат бо таври натуралӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ амалӣ карда шуда истодааст.

Аз ин лиҳоз ба буҷет андоз аз даромади шахсони воқеи, андоз аз фурӯши чакана, андози фонди ҳифзи иҷтимои ба буҷет ворид нагардида истодааст.

*Иҷроиши қисми даромади буҷет нисбати нақша*

| № | Номгӯи даромадҳо | 2008 | | | 2009 | | | 2010 | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Нақша | иҷроиш | % | Нақша | иҷроиш | % | Нақша | иҷроиш | % |
| 1. | Андоз аз даромади шахсони воқеъӣ | 1662627 | 1033080 | 62 | 2097718 | 1620589 | 77 | 2020118 | 1415356 | 70 |
| 2. | Андоз аз фоидаи шахсони ҳуқуқӣ | 304729 | 304739 | 100 | 793101 | 482155 | 61 | 489591 | 524259 | 107 |
| 3. | Андоз аз арзиши иловашуда | 1230402 | 965790 | 78,4 | 441280 | 560778 | 127 | 861104 | 841526 | 98 |
| 4. | Андози замин | 376196 | 399442 | 106 | 807968 | 816209 | 101 | 749087 | 825995 | 110 |
| 5. | Андоз аз истифодаи қаъри замин | 14770 | 15167 | 103 | 20103 | 24430 | 122 | 40660 | 42177 | 104 |
| 6. | Андоз аз истиф. роҳҳои автомобилгард | 638300 | 281693 | 44 | 835349 | 605144 | 72 | 845923 | 577032 | 68 |
| 7. | Андоз аз рӯи системаи соддакардашуда | 55300 | 72497 | 131 | 95026 | 151600 | 160 | 124337 | 502920 | 404 |
| 8. | Андози ягона | 3430123 | 1991068 | 58 | 2162140 | 2548260 | 118 | 2754002 | 2762439 | 100 |
| 9. | Бочи давлатӣ | 115633 | 159891 | 138 | 146488 | 199311 | 136 | 246488 | 336505 | 137 |
| 10. | Андози ҳадди ақал аз даромад | 816037 | 363071 | 44 | 816037 | 960704 | 118 | 696037 | 789659 | 113 |
| 11. | Андоз аз амволи ғайриманқул | 214195 | 218241 | 102 | 349237 | 350486 | 100 | 349237 | 432462 | 124 |
| 12. | Андоз аз соҳибони воситаи нақлиёт | 471100 | 359075 | 76 | 553365 | 553956 | 100 | 824389 | 526169 | 64 |
| 13. | Андоз аз фурӯши чакана | 722482 | 375616 | 52 | 690840 | 729617 | 106 | 950656 | 1183965 | 125 |
| 14. | Боҷ ва даромадҳои дигар маҳал | 445900 | 561232 | 125,8 | 916845 | 1113331 | 121 | 781602 | 1122638 | 144 |
| 15. | Иҷозат ба фаъолияти тиҷорат | 230893 | 233737 | 101 | 440808 | 445668 | 101 | 476442 | 485324 | 102 |
| | Ҷамъи даромадҳо | 10728687 | 7293585 | 67,9 | 11166305 | 11167268 | 100 | 12209673 | 12368969 | 101 |

*Иҷроиши қисми хароҷоти буҷаи маҳаллӣ нисбат ба нақша*

| № | Соҳаҳо | 2008 | | | 2009 | | | 2010 | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Нақша | иҷроиш | % | Нақша | иҷроиш | % | Нақша | иҷроиш | % |
| 1 | Мақомоти идоракунӣ | 741270 | 561206 | 76 | 827275 | 783252 | 95 | 870103 | 801948 | 92 |
| 2 | Мудофиа | 33200 | 36957 | 111 | 5500 | 5724 | 104 | 8800 | 8833 | 100 |
| 3 | ШКД | 4000 | 7236 | 181 | 3000 | 5528 | 184 | 3550 | 3518 | 99 |
| 4 | Маориф | 6766283 | 4908342 | 73 | 7637983 | 7571593 | 99 | 7977863 | 8135151 | 102 |
| 5 | Тандурустӣ | 2533662 | 1184691 | 47 | 1993783 | 2117676 | 106 | 2876675 | 3267272 | 114 |
| 6 | Ҷубронпулӣ | 153380 | 163697 | 107 | 141277 | 171734 | 122 | 159725 | 150615 | 94 |
| 7 | Хоҷагии коммуналӣ (МСХРМ) | 283010 | 382728 | 135 | 187212 | 180734 | 97 | 120719 | 117834 | 98 |
| 8 | Фарҳанг | 240878 | 227499 | 94 | 575632 | 550729 | 96 | 340247 | 333060 | 98 |
| 9 | Кишоварзӣ | 149436 | 128992 | 86 | 129458 | 103863 | 80 | 260605 | 259401 | 100 |
| 10 | Роҳсозӣ | 20000 | 13773 | 69 | 15000 | 15000 | 100 | | 2207 | |
| 11 | Фонди захиравӣ | 4480 | | 0 | 12560 | | 0 | 11937 | | 0 |
| | Ҳамагӣ: | 10929599 | 7615121 | 70 | 11528680 | 11505833 | 100 | 12630224 | 13079839 | 104 |

Дар соли 2010 аз ҳисоби буҷети вилоят 800,0 ҳазор сомонӣ маблағгузорӣ гардид, аз ҷумла:

- барои беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо бо қарори №129 аз 26.04.2010 – 100,0 ҳаз. сомонӣ;
- барои дастрас намудани масолеҳи сохтмонӣ ҷиҳати сохтмони бунгоҳҳои тиббии ҷамоатҳои Оббурдон ва Мастчоҳ бо қарори №147 аз 19.05.2010 – 200,0 ҳазор сомонӣ;
- қарори раиси вилоят дар бораи таъмир ва хариди таҷҳизоти мактаби варзишӣ – 30,0 ҳазор сомонӣ;
- қарори раиси вилоят дар бораи ТВ ноҳия барои дастрас намудани видеокамераи АИСАМ, компютер, микрофон – 20,0 ҳазор сомонӣ.

Маблағҳои ба буҷет воридгардида асосан барои пардохти музди меҳнат ва фонди ҳифзи иҷтимоӣ равона гардидаанд.

Лоиҳаҳое, ки дар ду соли охир аз ҳисоби маблағҳои аҳолӣ сармоягузорӣ шудаанд, инҳоянд:

Соли 2009 сохтмони мактаби таҳсилоти умумӣ №5 дар қишлоқи Фотеҳобод барои 100 ҷойи нишаст. Соли 2010 сохтмони мактаби миёнаи умумӣ №10 барои 240 ҷойи нишаст аз тарафи соҳибкор Шарипов Ф. маблағгузорӣ шудааст.

Бояд қайд кард, ки барои пурра татбиқ намудани барномаи мазкур ва ноил гардидан ба мақсадҳои гузошташуда дар давраи то соли 2015 дар ҳаҷми 93697,0 ҳаз. сомонӣ маблағ лозим мебошад. Аз ҳаҷми умумии маблағи мазкур 52781,9 ҳаз. сомонӣ ё 56,3 фоиз номуайян мебошад.

Бинобар ин Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Мастчоҳро лозим мебошад, ки ҷиҳати дарёфти маблағҳои пешбинишуда тадбирҳои судманд андешад. Инчунин ба самаранок истифода намудани маблағҳои буҷетӣ ва дигар сарчашмаҳо барои татбиқи Барномаи рушд пешбинӣ карда мешаванд ҳаматарафа мавриди баррасӣ қарор диҳанд.

*Ҷадвали 58. Арзиши Барномаи рушди иқтисодию иҷтимоии ноҳияи Мастчоҳ барои солҳои 2011-2015 дар буриши соҳаҳо*

| | Ҳамагӣ | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Блоки иқтисодӣ | 29512 | 5902,4 | 5902,4 | 5902,4 | 5902,4 | 5902,4 |
| Саноат | 4300 | 860 | 860 | 860 | 860 | 860 |
| Кишоварзӣ | 25082 | 5016,4 | 5016,4 | 5016,4 | 5016,4 | 5016,4 |
| СХМ | 130 | 26 | 26 | 26 | 26 | 26 |
| Эҳтиёҷот ба маблағгузорӣ | 16822 | 3364,4 | 3364,4 | 3364,4 | 3364,4 | 3364,4 |
| Блоки иҷтимоӣ | 32449 | 7469,6 | 6201,8 | 6386,1 | 6209 | 6182,5 |
| Тандурустӣ | 2473,6 | 480,2 | 486,2 | 506,2 | 513,7 | 487,2 |
| Маориф | 2596,1 | 1513,5 | 239,4 | 404,4 | 219,4 | 219,4 |
| Ҳифзи иҷтимоӣ | 3186,5 | 637,3 | 637,3 | 637,3 | 637,3 | 637,3 |
| Фарҳанг | 24193 | 4838,6 | 4838,6 | 4838,6 | 4838,6 | 4838,6 |
| Эҳтиёҷот ба маблағгузорӣ | 19469,4 | 4481,8 | 3721,1 | 3831,6 | 3725,4 | 3709,5 |
| Инфрасохтор | 25511 | 5487,5 | 5005,85 | 5005,85 | 5005,85 | 5005,95 |
| ХМК | 420 | 84 | 84 | 84 | 84 | 84 |
| Обтаъминкунӣ | 10637 | 2512,7 | 2031,05 | 2031,05 | 2031,05 | 2031,15 |
| Барқтаъминкунӣ | 2086 | 417,2 | 417,2 | 417,2 | 417,2 | 417,2 |
| Нақлиёт ва алоқа | 12368 | 2473,6 | 2473,6 | 2473,6 | 2473,6 | 2473,6 |
| Эҳтиёҷот ба маблағгузорӣ | 12755,5 | 2551,1 | 2551,1 | 2551,1 | 2551,1 | 2551,1 |
| Муҳити зист | 1475 | 295 | 295 | 295 | 295 | 295 |
| Эҳтиёҷот ба маблағгузорӣ | 885 | 177 | 177 | 177 | 177 | 177 |
| Таъминоти захиравӣ | 4750 | 950 | 950 | 950 | 950 | 950 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Эҳтиёҷот ба маблағгузорӣ | 2850 | 570 | 570 | 570 | 570 | 570 |
| ҲАМАГӢ: | 93697 | 20104,5 | 18355,1 | 18539,4 | 18362,3 | 18335,9 |
| ЭҲТИЁҶОТ | 52781,9 | 11144,3 | 10383,6 | 10494,1 | 10387,9 | 10372 |

*Ҷадвали 59. Маблағгузории Барномаи Рушд аз рӯи сарчашмаҳои маблағгузорӣ*

| Сарчашмаҳо | Ҳамагӣ | % аз арзиши умумӣ | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Буҷети маҳаллӣ | 15000 | 16,0 | 3000 | 3000 | 3000 | 3000 | 3000 |
| Буҷети ҷумҳуриявӣ | 18500 | 12,0 | 3700 | 3700 | 3700 | 3700 | 3700 |
| Сармояи дохилию хориҷӣ | 8152 | 8,7 | 3630,4 | 3630,4 | 3630,4 | 3630,4 | 3630,4 |
| Маблағҳои аҳолӣ ва худи корхонаҳо | 6559 | 7,0 | 1311 | 1312 | 1312 | 1312 | 1312 |
| Эҳтиёҷот ба маблағ | 52781,9 | 56,3 | 11144,3 | 10383,6 | 10494,1 | 10387,9 | 10372 |
| Ҳамагӣ: | 93697 | 100 | 20104,5 | 18355,1 | 18539,4 | 18362,3 | 18335,9 |

*Диаграммаи № 10. Вазни қиёси ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузории БР*




Айни ҳол мутахассисони Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия оид ба роҳҳои асосии ҷалби маблағҳои иловагиро барои татбиқи чорабиниҳо таҷрибаи кофӣ надоранд. Аз ин лиҳоз лозим аст, ки ҳамкориро бо ташкилотҳои молиявии байналхалқии муқими ҷумҳурӣ тақвият дода, тартиби дурусти таҳияи лоиҳаҳои сармоягузориро ба таври васеъ омӯзанд. Инчунин масъалаҳоро оид ба ташкили «Фондрезинг» мавриди баррасӣ қарор дода, барои дар амал татбиқ намудани он чораҳои зарурӣ андешанд.

## 2.5.1 Стратегия ва масъалаҳои беҳтар кардани таъминоти захиравӣ

| Мақсад | Вазифаҳо | Амалиётҳо/Лоиҳаҳо | Арзиш ҳазор. сомонӣ | солҳо 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | Сарчашмаи сармоягузорӣ | Натиҷаҳои пешбинишаванда |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Баланд бардоштани самаранокии идоракунии рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва мукаммал кардани вай** | | | | | | | | | | |
| Беҳтар карадни шароити фаъолияти мақомотҳои идоракуни маҳалли вабалан бардоиҳани самараноки вай | Беҳтар кардани шароити фаъолияти корандони МИМ | Ташкили сохтмони бинои маъмурӣ барои ҷамоатҳои Такелӣ, Мастчоҳ, Палдорак, Обурдон ва маркази ҷавонон дар ҷамоати Палдорак | 3600 | 720 | 720 | 720 | 720 | 720 | номуайян | Шумораи биноҳои сохташуда ва таъмиршудаи мақомоти идоракунии маҳаллӣ (4 адад то соли 2016)<br>% тамини мақомотҳои идоракунандаи маҳаллӣ бо кадрҳои баландихтисос (75% то соли 2016)<br>% таъминоти кормандони дастгоҳи маркази МИҲДН ва идораи ҷамоатҳо бо компютерҳо (75% то соли 2015)<br>Шумораи ҷамоатҳое, ки ба шабакаи ИНТЕРНЕТ пайваст мебошанд (90% то соли 2015)<br>Шумораи ҷамоатҳое, ки базаи махълумотҳои оморӣ доранд (100% то соли 2016)<br>Шумораи муттахассисоне, ки дар курси бозомӯзиро гузаштанд (45 нафар то соли 2016)<br>Ҳаҷми маблағҳои сармоягузорони дохилию хориҷие, ки барои татбиқи лоиҳаҳо ҷалб карда шудааст (1,5 млн. сомонӣ то соли 2016)<br>Шумораи лоиҳаҳои татбиқшудае, ки аз ҳисоби сарчашмаҳои ғайрибуҷетӣ амалӣ гардидаанд (12 лоиҳа то соли 2016) |
| | | Таъмири бинои маъмурии ҷамоати Бӯстон, Қуруқсой ва Авзикент | 900 | 180 | 180 | 180 | 180 | 180 | номуайян | |
| | | Омода намудани базаи маълумоти омории ҷамоатҳо ва ноҳия, инчунин базаи қонунгузории амалкунандаи ҷумҳурӣ | 10 | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 | Буҷети ҷумявӣ | |
| | | Бо шабакаи ҷаҳонии ИНТЕРНЕТ пайваст намудани ҷамоатҳо (харидории МОДЕМ) | 5 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | | |
| | Таъминот бо кадрҳои баландихтисос | Тартиб додани лоиҳа ва ҷорӣ кардани «Маркази рушди иқтисодӣ ва маркетинг» | 80 | 16 | 16 | 16 | 16 | 16 | Сармоягузории хориҷӣ | |
| | | Тартиб додани лоиҳа ва ҷорӣ кардани низоми ҳамкории сохтори давлатӣ, бизнес сохтор ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ | 80 | 16 | 16 | 16 | 16 | 16 | номуайян | |
| | | Ҳавасмандкунии ҷалби мутахассисони баландихтиос (хусусан иқтисодчиён) барои кор дар мақомотҳои идоракунии маҳаллӣ | 50 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | Буҷети ноҳия | |
| | Ташкили фазои мусоид барои ҷалби бештари сармояҳо | Ташкили курсҳои баланд бардоштани ихтисоси кадрҳои идоракунанда | 5 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | | |
| | | Таҳия намудани «Раҳнамои сармоягузор» барои сармоягузорони дохилию хориҷӣ | - | - | - | - | - | - | | |
| | | Ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо шариконӣ Рушд ва дигар мақомотҳои ҳавасманд | 5 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | Буҷети ноҳия | |
| | | Ташкил ва гузаронидани семинар оид ба «Тартиби таҳияи лоиҳаҳои сармоягузорӣ» дар асоси талаботҳои донорҳо | 10 | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 | Номуайян | |
| | | Омода намудани базаи маълумотҳои зарурӣ оид ба донорҳои потенсиалӣ | 5 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | Буҷети ноҳия | |
| | | Бо мақсади ҷалби бештари сармоя барои татбиқи Барномаи Рушд ташкил ва амалӣ намудани «Фондрезинг» | 5 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | Буҷети ноҳия | |
| ҲАМАГӢ: | | | 4750 | 950 | 950 | 950 | 950 | 950 | | |

# 3. НИЗОМИ МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБӢ

Яке аз унсурҳои муҳими системаи идоракунии татбиқи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Мастчоҳ низоми мониторинг ва арзёбӣ (минбаъд-НМваА) мебошад. Он барои мушоҳидаи ҷараёни корҳо ва таҳлили натиҷаҳои бадастомадаи барнома, ошкор намудани таҷрибаи мусбии андӯхта ва проблемаҳои мавҷуда дар татбиқи он истифода бурда мешавад. НМваА имкон медиҳад, ки робитаи мутақобила ва муттаасил дар сиёсати қабулнамуда ва натиҷаҳои татбиқи амалии он таъмин карда шавад.

Шахсони мутассадии МваА бо қарори Раиси ноҳия таъсис дода мешавад, ки аз 5-7 аъзо иборат аст (мутахассисони соҳавӣ, кормандони маъмурият).

Бо қарори мазкур масъулин барои гузаронидани МваА- и Барномаи рушди иқтисодию иҷтимоии нохия, Шӯъбаи (раёсат, бахш) иқтисод дар шахси сардори он таъин карда мешавад.

Раиси ноҳия фармоиши махсус мебарорад, ки нусхаи ҳисоботи семоҳаи ҳамаи лоиҳаҳои ба Барнома дохилшуда, барои ҳисобот ба Шӯъбаи рушди иқтисодии ноҳия пешниҳод мешаванд.

Давра ба давра малака ва дониши муттассадиёни МваА-ро баланд бардоштан муҳим аст.

### 3.1. Сохтори НМ ва А

Барои гузаронидани мониторинги Барномаи рушди ноҳияи Мастчоҳ мушоҳидаи омилҳои зерин зарур аст:

- то кадом андоза ба ҳадафҳои Барнома мувофиқ мешавем;
- лоиҳаҳо дар доираи Барнома чӣ гуна мавриди амал қарор доранд.

Ба ифодаи дигар, бояд мониторинги натиҷаҳои нақша ва мониторинги ҷараёни лоиҳаҳо гузаронида шавад.

Мутаносибан низоми мониторинг бояд ду унсурро дар бар гирад. ***Мониторинги натиҷаҳои барнома*** тариқи ченкунии аҳамияти индикаторҳо анҷом дода мешавад. Мутаносибан, муваффақшавии ҳадафҳои барномаро бо ҳамон мулоҳиза кардан мумкин аст, ки дар кадом андоза мақсадҳои нишондиҳандаҳо ба даст омадааст. Ҳамаи нишондодҳои пешниҳодгардида дар хазинаи маълумотҳои Раёсати омори ноҳия мавҷуданд. Мониторинги натиҷаҳо ҳар сол гузаронида мешавад.

***Мониторинги иҷрои лоиҳаҳо*** дар доираи Барнома тариқи параметрҳои зерин гузаронида мешавад: назорати ҷойгоҳи лоиҳа ва мувофиқат намудани он бо нақша. Ин ҷо ҷадвали электронӣ дар формати Excel -таҳия мешавад, ки бояд ҳар семоҳа тасҳеҳ карда шавад – ба таври синхронӣ ва бо ҳисоботнокии лоиҳаҳо.

Азбаски сатҳи коркарди лоиҳаҳои дар Барнома рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳия шомилбуда гуногун аст, он дар таҳияи системаи мониторинг ба назар гирифта шудааст. Воқеан, лоиҳаҳои ба Барнома воридкардашуда аз рӯи ҷадвали ягонаи ҳисоботии МваА андозгирӣ карда мешавад.

Дар мавриди зарурӣ, дар охири ҳар сол арзёбии чораҳои андешидашуда ва лоиҳаҳо дар яке аз соҳаҳои Барнома бо дарназардошти захираҳои мавҷуда ва талаботи иттилоотӣ гузаронида мешавад. Арзёбӣ аз ҷониби экспертҳои касбӣ ва мустақил, ки ҳолати аслии бахши мазкурро медонанд, гузаронида мешавад.

*Ҷадвали №60. Қоидаи пур кардани ҷадвали мониторинги лоиҳаҳои Барномаи рушди иқтисодию иҷтимоии ноҳияи Масчоҳ*

| Ҷойгоҳи лоиҳа<br>(рақам - аз 1 то 5) | Иҷрои лоиҳа<br>нишонгузории ҳарфӣ-рангӣ:<br>а-сабз, в-сурх,<br>б-кабуд, г-хокистарранг. |
|---|---|
| 1. Таҳия нашудааст.<br>2. Дар таҳия.<br>3. Таҳия шудааст.<br>4. Амалӣ шуда истодааст.<br>5. Амалӣ шудааст. | (а) Ба Барнома мувофиқ аст ё тамоюли назарнорас ба Барнома.<br>(б) Тамоюли назаррас ба Барнома.<br>(в) Тамоюли қатъӣ ба Барнома.<br>(г) Лоиҳа амалӣ нашуда истодааст. |

# РӮЙХАТИ МАШВАРАТЧИЁНИ ТАҲИЯИ БРН

| | | |
|---|---|---|
| 1. | Ҳамидов С. | Сардори шӯъбаи рушди минтақаҳо, Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҶТ; |
| 2. | Қурбонхоҷаев Ю. | Мушовири калон оид ба идоракунии маҳаллии БРСММ; |
| 3. | Олимов М. | Мутахассиси БРСММ оиди æалби захираҳо; |
| 4. | Мадаминов Р. | Мутахассиси БРСММ оид ҳамоҳангсозӣ; |
| 5. | Деҳқонов Ҷ. | Мутахассиси БРСММ оид ба банақшагири; |
| 6. | Сатторова Л. | Мутахассиси БРСММ оид ба идоракунии маҳаллӣ; |
| 7. | Азизова С. | Мутахассиси БРСММ оид ба идоракунии маҳаллӣ; |
| 8. | Норов А. | н.и.и, мушовири миллӣ дар БРСММ; |
| 9. | Ҳакимов Х. | Мушовири миллӣ дар БРСММ; |
| 10. | Раҳмонов З. | Мушовири миллӣ дар БРСММ; |
| 11. | Абдуллоев М. | Мушовири миллӣ дар БРСММ; |
| 12. | Назаров А. | д. и. и., профессор, мушовири маҳаллӣ. |

Ба чоп 6.09.2012 имзо шуд.
Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 9,5. Ҳуруфи адабӣ.
Адади нашр 30.

Дар ЧДММ «Контраст» чоп шудааст
ш. Душанбе, к. Н. Муҳаммад, 26